ISSN 2307-2512

**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА**

**INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN**

# ИҚТИСОД ВА САЙЁҲӢ: ТАМОЮЛ ВА ДУРНАМО (МАҶАЛЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ)

# ЭКОНОМИКА И ТУРИЗМ: ТЕНДЕНЦИИ И ПЕРСПЕКТИВЫ (МЕЖДУНАРОДНЫЙ НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

# ECONOMY AND TOURISM: TRENDS AND PROSPECTS (INTERNATIONAL SCIENTIFIC JOURNAL)

**2024. №3(3)**

**ДУШАНБЕ, 2024**

**МАҶАЛЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМИИ “ИҚТИСОД ВА САЙЁҲӢ: ТАМОЮЛ ВА ДУРНАМО”**

**Муассиси маҷалла: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Маҷалла соли 2023 таъсис дода шудааст**

**Масъулият оид ба муҳтаво ва саҳеҳияти иттилооти дар мақолаҳо истифодашударо дар маҷаллаи мазкур ба муаллиф вогузор карда мешавад.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.iutet.tj).
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №314/МҶ-97 аз 27.11.2023 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДБССТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
Сомонаи маҷалла: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**МЕЖДУНАРОДНЫЙ НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ЭКОНОМИКА И ТУРИЗМ: ТЕНДЕНЦИИ И ПЕРСПЕКТИВЫ”**

**Учредитель журнала: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

**Журнал основан в 2023 г.**

**Ответственность относительно содержания и достоверности использованной информации несет автор статьи в данном журнале.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.iutet.tj).
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство №314/МҶ-97 от 27.11.2023 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре МУТПТ.
Адрес Издательского центра: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Сайт журнала: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**INTERNATIONAL SCIENTIFIC JOURNAL “ECONOMY AND TOURISM: TRENDS AND PROSPECTS”**

**Journal Founder: International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

**The journal was founded in 2023.**

**The author of the article in this journal is responsible for the content and reliability of the information used.**

The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.iutet.tj).
The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate №314/МҶ-97 of 27.11.2023
The journal is being prepared for publication at the IUTET Publishing Center.
Address of the Publishing Center: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734055
Journal website: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Tel.: (+992 37) 234-88-02

**© Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**© Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**
**© International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

| Сармуҳаррир | Главный редактор | Chief Editor |
|---|---|---|
| Ректори ДБССТ д.и.и., профессор Асрорзода У.С. | Ректор МУТПТ д.э.н., профессор Асрорзода У.С. | Rector of the IUTET d.e.s., Professor Asrorzoda U.S. |

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ / ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ / MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**

| | | |
|---|---|---|
| ***Шаропов Ф.Р.*** - муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Шаропов Ф.Р.*** - заместитель главного редактора, доктор экономических наук, профессор | ***Sharopov F.R.*** - deputy Chief Editor, doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Қудратов Н.А.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Кудратов Н.А.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Kudratov N.A.*** - deputy Chief Editor, doctor of Law Sciences, Professor |
| ***Ҷӯрабоев Ғ.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Джурабоев Г.*** - доктор экономических наук, профессор | ***Juraboev G.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Ҷамшедов М.Ҷ.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Джамшедов М.Дж.*** - доктор экономических наук, профессор | ***Jamshedov M.J.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Фақеров Ҳ.Н.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Факеров Ҳ.Н.***- доктор экономических наук, профессор | ***Fakerov H.N.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Ҷумъаев Б.М.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Джумаев Б.М.*** -доктор экономических наук, профессор | ***Jhumaev B.M.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Файзулло М.Қ.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Файзулло М.К.*** -доктор экономических наук, профессор | ***Fayzullo M.K.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Қудратов Р.Р.*** - Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Кудратов Р.Р.*** - доктор экономических наук, профессор | ***Kudratov R.R.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Обидов Ф.С.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Обидов Ф.С.*** - доктор экономических наук, профессор | ***Obidov F.S.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Қодирова З.Ҳ.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Кодырова З.Х.*** - доктор экономических наук, профессор | ***Kadirova Z.Kh.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Қурбонзода М.Р.*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Курбонзода М.Р.*** - доктор экономических наук, профессор | ***Kurbonzoda M.R.*** - doctor of Economic Sciences, Professor |
| ***Садриддинов М.И.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Садриддинов М.И.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Sadriddinov M.I.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Сафоев А.К.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Сафоев А.К.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Safoev A.K.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Ҷабборов Ф.А.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Джабборов Ф.А.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Jabborov F.A.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Зоирзода И.С.*** - Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Зоирзода И.С.***- кандидат экономических наук, доцент | ***Zoirzoda I.S.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Раҳимов М.А.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Рахимов М.А.*** – кандидат экономических наук, доцент | ***Rakhimov M.A.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Алишоев Х.Ҳ.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Алишоев Х.Х.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Alishoev Kh.Kh.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Исмоилов А.А.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Исмоилов А.А.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Ismoilov A.A.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Султонзода Ҷ.У.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Султонзода Дж.У.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Sultonzoda J.U.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Мариншоев М.М.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Мариншоев М.М.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Marinshoev M.M.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| ***Валиев Н.Ш.*** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент | ***Валиев Н.Ш.*** - кандидат экономических наук, доцент | ***Valiev N.Sh.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor |

| МУНДАРИЧА | | |
|---|---|---|
| 1. | **Ҷамшедов М.Ҷ.** Бозори истеъмолии тоҷикистон дар шароити ташаккул ва рушди “иқтисоди сабз | 9 |
| 2. | **Шарипов Ҳ.А.** Шароитҳои асосии ташаккул ва инкишофи самтҳои афзалиятноки саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14 |
| 3. | **Ҷумаев Б.М.** Бозори бизнес хизматрасониҳо: назария, амалия ва таҷрибаи хориҷӣ | 20 |
| 4. | **Каландаров А.А., Назарова Г.Ш.** Шаҳршавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: омилҳои асосӣ ва мушкилотҳо | 34 |
| 5. | **Исматов Х.Х.** Баъзе мулоҳизаҳо оид ба омилҳои рақамикунонии иқтисоди миллӣ | 39 |
| 6. | **Шарипов Ҳ.А.** Сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодиёти кишвар: мушкилотҳо ва роҳҳои ҳалли он | 46 |
| 7. | **Сафаров Х.А., Сафарова М.И.** Нақши сиёсати молиявӣ дар низоми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат | 52 |
| 8. | **Машокиров Ҷ.Н.** Таҳлили муқоисавии рушди соҳаи сайёҳии тоҷикистон дар қиёс бо дигар давлатҳои пешсафи сайёҳӣ | 61 |
| 9. | **Наҷмиддинзода А.Ю.** Инфрасохтори муосири наздироҳӣ – заминаи муҳими рушди сайёҳӣ | 66 |
| 10. | **Раҳмонзода М.Н.** Хусусиятҳои рушди интернет-маркетинг | 71 |
| 11. | **Сафоев А.К.** Хусусиятҳои механизми ҳамбастагии соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 75 |
| 12. | **Адолати Қурбоналӣ.** Чораҳои дастгирии ҳамкории савдо-иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ | 83 |
| 13. | **Аюбӣ Ф.** Идоракунии низоми тандурустӣ дар асоси рақамикунонии он | 90 |
| 14. | **Солиев Б.Н.** Нақши омор дар танзими фаъолияти сайёҳӣ | 96 |
| 15. | **Ходжахонов А.А.** Таъминоти моли қарзии субъектҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 101 |
| 16. | **Бобоҷонов Д.Р.** Ҳолати ҳавасмандгардонии андозӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 110 |
| 17. | **Ахмедова М.Ф.** Сармояи хориҷӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Тоҷикистон | 118 |
| 18. | **Қурбонова Н.Ҷ.** Консепсияи соҳибкории занон ҳамчун механизми лифтҳои иҷтимоӣ | 124 |
| 19. | **Муродов И. Р.** Истифодаи диаграммаҳо дар таҳлилҳои аналитикӣ ва нишондиҳандаҳои оморӣ | 130 |
| 20. | **Мамадалиева Г.Т.** Баъзе ҷанбаҳои рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон | 137 |
| 21. | **Ташев Ф. О.** обеспечение экономический безопасности с стороны таможного органа | 141 |
| 22. | **Мирзомуродов Ҳ.А.** Рушди иқтисодӣ ва саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 145 |
| 23. | **Норбобоев Л. Б.** Баъзе мулоҳизаҳо оид ба назария ва амалияи математикаи иқтисодӣ | 150 |
| 24. | **Маматкулова Ш.А.** Рушди тадқиқоти маркетинги дар пешбурди хидматрасониҳои муосири бонкӣ | 156 |
| 25. | **Пирова Ш.С.** Нақши идораи давлатӣ дар танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ | 161 |
| 26. | **Пирова Ш.С.** Идоракунии маҳаллӣ ва хизматӣ давлатӣ ҳамчун як ҷузъи идоракунии давлатӣ | 166 |
| 27. | **Сайдолимов Ғ. К.** Асосҳои назариявии кластерикунонӣ дар шароити гузариш ба модели индустриалию аграрии иқтисодиёт | 174 |

| | |
|---|---|
| **Маълумот оид ба муаллифон** | 183 |
| **Маълумот барои муаллифон** | 185 |

## СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Джамшедов М.Дж.** Потребительский рынок Таджикистана в условиях развития «зеленой экономики | 9 |
| 2. | **Шарипов Х. А.** Основные условия формирования и развития приоритетных направлений промышленности Республики Таджикистан | 14 |
| 3. | **Джумаев Б.М.** Рынок бизнес-услуг: теория, практика и зарубежный опыт | 20 |
| 4. | **Каландаров А.А., Назарова Г.Ш.** Урбанизации в Республике Таджикистан: основные факторы и проблемы | 34 |
| 5. | **Исматов Х.Х.** Некоторые соображение о факторах цифровизации национальной экономики | 39 |
| 6. | **Шарипов Х.А.** Туризм как приоритетное направление экономики страны: проблемы и решения | 46 |
| 7. | **Сафаров Х.А., Сафарова М.И.** Роль финансовой политики в системе социально-экономической политики государства | 52 |
| 8. | **Машокиров Дж. Н.** Сравнительный анализ развития туристической отрасли Таджикистана по сравнению с другими ведущими туристическими государствами | 61 |
| 9. | **Наджмиддинзода А.Ю.** Современная придорожная инфраструктура - важная предпосылка развития туризма | 66 |
| 10. | **Рахмонзода М. Н.** Особенности развития интернет-маркетинга | 71 |
| 11. | **Сафоев А. К.** Особенности механизма взаимосвязи производственного предпринимательства в промышленности Республике Таджикистан | 75 |
| 12. | **Адолати Курбонали.** Меры поддержки торгово-экономического и инвестиционного сотрудничества стран центральноазиатского региона | 83 |
| 13. | **Аюби Ф.** Управление системой здравоохранением на основе ее цифровизации | 90 |
| 14. | **Солиев Б.Н.** Роль статистики в регулировании туристической деятельности | 96 |
| 15. | **Ходжахонов А.А.** Финансово-кредитная обеспечения субъектов сельского хозяйства в республики таджикистан | 101 |
| 16. | **Бободжонов Д.Р.** Состояние налогового стимулирования в регионов Республики Таджикистан | 110 |
| 17. | **Ахмедова М.Ф.** Инностраные инвестиции как основы устойчиво развитие Таджикистан | 118 |
| 18. | **Курбанова Н. Дж.** Концепция женского предпринимательства как механизма социального лифта | 124 |
| 19. | **Муродов И. Р.** Использование диаграмм в аналитическом анализе и статистических показаниях | 130 |
| 20. | **Мамадалиева Г.Т.** Некоторые аспекты развития энергетической отрасли в Таджикистане | 137 |
| 21. | **Ташев Ф. О.** Таъмини бехатарии (амнияти) иқтисоди аз ҷониби мақомоти гумрук | 141 |
| 22. | **Мирзомуродов Х.А.** Экономическое развитие и промышленность Таджикистана | 145 |
| 23. | **Норбобоев Л. Б.** Некоторые соображения по теории и практике экономической математики | 150 |
| 24. | **Маматкулова Ш.А.** Разработка маркетинговых исследований в области продвижения современных банковских услуг | 156 |
| 25. | **Пирова Ш.С.** Роль государственного управления в регулировании внешнеэкономической деятельности | 161 |
| 26. | **Пирова Ш.С.** Местное управление и государственная служба как компонент государственного управления | 166 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | **Саидолимов Г. К.** Институциональные основы кластеризации в условиях перехода к индустриально-аграрной модели экономики | 174 |
| **Сведения об авторах** | | 183 |
| **Памятка для авторов** | | 185 |

| CONTENT | | |
|---|---|---|
| 1. | **Jamshedov M.J.** Consumer market of Tajikistan in the context of green economy development | 9 |
| 2. | **Sharipov Kh. A.** Main conditions for the formation and development of priority areas of industry in the Republic of Tajikistan | 14 |
| 3. | **Jumaev B.M.** Рынок бизнес-услуг: теория, практика и зарубежный опыт | 20 |
| 4. | **Kalandarov A.A., Nazarova G.Sh.** Urbanization in the Republic of Tajikistan: main factors and problems | 34 |
| 5. | **Ismatov K. H.** Some considerations on the factors of digitalization of the national economy | 39 |
| 6. | **Sharipov Kh.A.** Tourism as a priority direction of the country's economy: problems and solutions | 46 |
| 7. | **Safarov Kh., Safarova M.I.** The role of financial policy in the system of social and economic policy of the state | 52 |
| 8. | **Mashokirov J.N.** Comparative analysis of the development of the tourist industry in tajikistan compared to other leading tourist countries | 61 |
| 9. | **Nadzhmiddinzoda A. Y.** Modern roadside infrastructure - an important prerequisite for tourism development | 66 |
| 10. | **Rahmonzoda M. N.** Features of internet marketing development | 71 |
| 11. | **Safoev A. K.** Features of the mechanism of interrelation of manufacturing entrepreneurship in the industry of the Republic of Tajikistan | 75 |
| 12. | **Adolati Kurbonali.** Measures to support trade-economic and investment cooperation in the central asian region | 83 |
| 13. | **Ayubi F.** Managing the healthcare system based on its digitalization | 90 |
| 14. | **Soliyev B.N.** The role of statistics in regulation of tourism activities | 96 |
| 15. | **Khojakhonov A. A.** Financial and credit provision of agricultural enterprises in the Republic of Tajikistan | 101 |
| 16. | **Bobojonov D.R.** State of tax incentives in the regions of the Republic of Tajikistan | 110 |
| 17. | **Akhmedov M.F.** Foreign investment as the basis of sustainble development of Tajikistan | 118 |
| 18. | **Kurbanova N. Dzh.** The concept of women's entrepreneurship as a mechanism for social mobility | 124 |
| 19. | **Murodov I. R.** Using diagrams in analytical analysis and statistical indicators | 130 |
| 20. | **Mamadalieva G.T.** Some aspects of development of the energy industry in Tajikistan | 137 |
| 21. | **Tashev F.O.** Ensuring economical security of the custom body | 141 |
| 22. | **Mirzomurodov H.A.** Economic development and industry of Tajikistan | 145 |
| 23. | **Norboboev L.B.** Some considerations on the theory and practice of economic mathematics | 150 |
| 24. | **Mamatkulov Sh. A.** Marketing research development in promotion of modern banking services | 156 |
| 25. | **Pirova Sh. S.** The role of public administration in regulation of foreign economic activities | 161 |
| 26. | **Pirova Sh. S.** Local government and public service as a component of public administration | 166 |
| 27. | **Saydolimov G. K.** Institutional foundations of clustering in conditions of transition to an industrial and agrarian economic model | 174 |
| **Information about authors** | | 183 |
| **Memo for authors** | | 185 |

УДК 336.1

**Ҷамшедов М.Ҷ.**

# БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ "ИҚТИСОДИ САБЗ"

Дар мақола оид ба истифодаи самараноки зарфҳои шишагӣ дар муқоиса бо зарфҳои пластмассӣ ва воқеан истифодашаванда дар бозори истеъмолии Тоҷикистон ва амалияи фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат, таъмини корхонаҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ бо чунин зарфҳо, мавриди таҳқиқ ва таҳлили иқтисодӣ қарор дода шудааст. Тавсия дода мешавад, ки дар миқёси ҷумҳурӣ эҳё ва бунёди корхонаҳои истеҳсоли зарфҳои шишагӣ дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон за манфиат холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** "иқтисоди сабз", зарфҳои шишагӣ, зарфҳои пластмассӣ, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, шабакаҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ.

**Джамшедов М.Дж.**

# ПОТРЕБИТЕЛЬСКИЙ РЫНОК ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ»

Статья посвящена эффективному использованию стеклянной тары в сравнении с пластмассой на потребительском рынке Таджикистана, а также практике предприятий пищевой промышленности, обеспечивающих розничную торговлю и общественное питание. В работе проведён экономический анализ текущей ситуации. Рекомендуется возрождение и строительство заводов по производству стеклянной тары в Согдийской и Хатлонской областях, что может принести значительные выгоды для республики.

**Ключевые слова:** «зеленая экономика», стеклянная тара, пластмассовая тара, предприятия пищевой промышленности, розничные торговые сети и предприятий общественного питания.

**Jamshedov M.J.**

# CONSUMER MARKET OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF GREEN ECONOMY DEVELOPMENT

This article is dedicated to the effective use of glass packaging in comparison with plastic packaging in the consumer market of Tajikistan, as well as the practices of food industry enterprises that supply retail and catering businesses. An economic analysis of the current situation is presented. The revival and construction of glass packaging factories in the Sughd and Khatlon regions are recommended, as this could bring significant benefits to the republic.

**Keywords:** "green economy," glass packaging, plastic packaging, food industry enterprises, retail networks, food networks.

Пажӯҳиш ва таҳлилу омӯзиши масоили бозори истеъмолӣ, инфрасохтори он дар шароити ҷаҳонишавӣ, ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ ва "иқтисоди сабз" дар байни таҳқиқгарон ва коршиносони соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ ҷойгоҳи махсусро касб намудааст.

Ин ҷо гуфтан ҷоиз аст, ки чандин даҳсолаҳо олимони соҳаҳои гуногуни иҷтимоию ҷомеашиносӣ, ки ба зерсоҳаҳо ва инфрасохторҳои бозори истеъмолӣ, самтҳои муҳимми ғанӣ гардонидани он, тавсеаи номгӯйи молу маводҳои ғизоӣ, роҳу усулҳои боркашонӣ (масъалаҳои логистикӣ), таҳия ва тарзи захир намудани молҳои хӯрокворӣ, нигоҳ доштани молҳои мавриди ниёзи мардум дар сардхонаву яхдонҳои ғунҷоишашон гуногун тибқи талаботи технологияи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ (ИСО), бастабандии ҷаззоб, зарфияти мафтункунанда, менеҷменти сифат фикру андешаҳои мухталифи хешро ибрози ақида намудаанд.

Банда тӯли солҳои шӯравӣ (1972-1973 ва 1978-1984) баъд аз хатми бахши муҳосибии техникуми кооперативии шаҳри Ленинобод (ҳоло шаҳри Хуҷанд-1972), шуъбаи иқтисоди

савдои факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ-1978) дар соҳаи савдо ва корхонаву шабакаҳои хӯроки умумии мамлакат ифои вазифа намуда дар ташаккул ва рушди савдои чаканаи давлатию кооперативии (низоми "Тоҷикматлубот") ва ташкилотҳои савдои давлатӣ саҳми хешро гузоштаам. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то ки дар бораи тарафҳои мусбат ва манфии рушди бозори истеъмолии ҳамон давра, хусусан фаъолияти бастабандии маводҳои озуқаворӣ, услубҳои боркашонӣ, нигоҳдорӣ, захира кардани молҳо дар шабакаҳои савдои чакана, яклухт ва хӯроки умумӣ бо натиҷаҳои таҳлили иқтисодӣ ва таҳқиқоти илмӣ андеша ва тавсияҳоямро дар муқоиса бо иқтисоди бозорӣ баён созам ва пешкаш намоям.

Агар аз лиҳози талаботу дархости принсипҳо ё шартҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, дар қиёс бо иқтисоди нақшавӣ равшанӣ андохтани шавем, пас, зикр кардан бамаврид аст, ки дар иқтисоди бозорӣ ҷомеа бештар ба шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла ба моликияти хусусӣ (қариб 70 дарсади он) такя мекунанд, дар иқтисоди нақшавӣ бошад ба моликияти давлатӣ (беш аз 95 дарсади он). Аз ин рӯ, афзалияти даврони шӯравӣ бештар дар он зоҳир мешуд, ки такмил ва рушду нумӯи бозори истеъмолии мамлакат перомуни низоми ягонаи нақшавӣ (аз як марказ истода кулли ҷумҳуриҳои Иттиҳоди шӯравӣ идора мешуданд) фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба нақша мегирифтанд ва аз рафти иҷрои он назорати қатъӣ бурда мешуд ва натиҷаи корҳо чандон босамар низ буданд.

Агар сухан дар бораи нарх ва низоми нархгузорӣ равад, ба ҳамагон маълум аст, ки нархҳо дар тарзи истеҳсолоти бозаргонӣ озоданд. Дар ташкил ва муайянсозии нархҳо қонунҳои иқтисоди бозорӣ (қонуни арза ва тақозо, қонуни арзиш ва ғ.) фаъолона амал мекунанд. Давлат танҳо тавассути механизми танзимгарӣ баъзе нархи молҳои мавриди ниёзи мардум, аз қабили орд, шакар, равған, гӯшт ва маҳсулоти коркарди он, шир ва маҳсулоти ширӣ ва ғ.-ро ба аҳолии камбизоати мамлакат, инчунин нархи баъзе хизматрасониҳои неруи барқ, оби гарму хунук ва дигар хизматрасониҳоро танзим менамояд.

Принсипҳои дигари гузариш ба иқтисоди бозорӣ (интихоби озодонаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, баромадан ба бозори ҷаҳонӣ (савдои хориҷӣ), рақобати солим, волоияти қонун) низ дар асоси талаботи қонунҳои иқтисоди бозорӣ зина ба зина татбиқ шуда истодаанд.

Дар мақола саъй намудем ба фаъол ва самтҳои ғанӣ гардонидани бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон дар чорчӯбаи талаботҳои "иқтисоди сабз" мавриди таҳқиқ қарор додем.

Дар даврони шӯравӣ сад дарсади низоми бастабандии консерваҳои (қуттиҳои) меваю сабзавотӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва дигар моводи ғизоӣ дар зарфҳои шишагии бо андозаи 0,5-1,0-2,0 ва 3,0 литра дар кулли корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат ба роҳ монда шуда буд. Молу маҳсулотҳои дар чунин зарфҳои шишагӣ ба харидорон пешниҳодшуда ба вазъу ҳолати беҳдоштӣ, солимии шаҳрвандон пурра ҷавобгӯ буда, аз лиҳози экологӣ комилан ҷавобгӯйи стандартҳои байналмилалӣ буданд. Зарфҳои шишагии молу маҳсулотҳои зикрашон дар боло рафта аз нигоҳи илми иқтисодӣ хеле самаранок низ буданд. Арзиши зарфҳои шишагӣ ба нархи молу маҳсулот зам карда мешуд. Дар ҳолати ба мағоза ё дигар нуқтаҳои қабули зарфҳои шишагӣ баргардонидани онҳо арзиши зарфҳо ба мизоҷон бармегашт ё дар мағозаи фурӯши маҳсулоти ширӣ зарфи холӣ бо моли фурӯхташаванда иваз карда мешуд, яъне нархи дубораи мол аз мизоҷон ситонида намешуд. Боз аз ҳама муҳимаш, зарфҳои шишагии дар гардиши фаъолияти корхонаҳои саноати озуқаворӣ ва шабакаҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ гардишкунанда мунтазам бе камбудӣ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии мамлакат ва ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол умуман таъсири манфӣ намерасонид. Бо сухани дигар, аз сабаби он, ки он ҳамчун мол дар раванди савдои чакана пурра иштирок мекард, бо тези ба гардиш ворид шуда ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятиро метезонид.

Аз тарафи дигар зарфҳои шишагӣ ба сатҳи беҳдоштӣ ва саломатии инсон хеле муфид мебошад. Чунки раванди тайёр ва истеҳсоли зарфҳои шишагӣ бо ҳарорати хеле баланд сурат мегирад, онҳо ба ҳамаи талаботҳои стандартӣ, беҳдоштӣ, солимгардонӣ ва саломатии инсон

ҳаматарафа мусоидат менамояд.

Аз саҳифаҳои таърихи иқтисодии шӯравӣ ва омори расмии собиқ ИҶШС маълум мешавад, ки дар замони шӯравӣ бо як қарори ноодилонаи ҳукуматдорони давру замон барои амалӣ намудани "ҷомеаи, шаҳри, ноҳияи ё ҷумҳурии ҳушёрон" дар мубоиризаи беамон ба хариду фурӯши маводи алкоголӣ дар мамлакат зарфҳои шишагии ба миқдори чандин миллиард адад дар бештари ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ несту нобуд карда шуданд. То ҳатто дар баъзе ҷумҳуриҳои парваришкунандаи меваю ангур аз дарахтони ток барои амали шудани қарори дар боло ёдоваршуда чандин ҳазор гектар дарахтони ангур (майдонҳои токзор)-ро низ аз решаашон несту нобуд карданд. Бо ин тарзи корбарӣ ба иқтисоди мамлакат ва соҳаҳои кишоварзиву саноати озуқаворӣ ва бозори истеъмолии он таъсири манфӣ расониданд. Тӯли ин солҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ин фаъолияти бемантиқ ба қисми даромади буҷетҳои давлативу маҳаллӣ, даромади миллӣ ва сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнат дар маҷмуъ ба Иттиҳоди шӯравӣ ва ҳам ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бебозгашт расонида буд. Он солҳо шароби истеҳсоли ватанӣ, аз қабили "Орзу" ва "Ғончӣ" дорои нишонаи сифат гардида буданд ва яке аз молҳои асосии сохтори содиротии Тоҷикистон маҳсуб мешуданд. Бо ифтихори ин маводҳои ғизоӣ ҷумҳурии моро берун аз марзи он мешинохтанд ё ба сухани дигар муаррифгари иқтисоди миллӣ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат шинохта мешуд.

Аз омори расмии он давра маълум гашта буд, ки Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо аз ҳисоби истеҳсоли маводи спиртӣ ва мошинҳои сабукрав ба қисми даромади буҷети мамлакат зиёда аз 165,0 млрд. рубл маблағҳо ворид мешуданд ва онҳо барои рӯйпӯш кардани фарқи хариди молҳои ниёзи аввалияи мардум бо нархи харид аз хоҷагиҳои кишоварзӣ ва нархи фурӯши онҳо дар корхонаҳои савдои чакана (маҳсулотҳои ширӣ, гӯштӣ, нонӣ, орд, равған, маводҳои доруворӣ ва молҳои кӯдакона) сарф карда мешуданд.

Бо ин роҳ нақшаи панҷсолаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии аҳолии мамлакат амалан татбиқ мегардиданд.

Акнун дар замони иқтисоди бозорӣ бошад фаъолияти бастабандии молу маҳсулоти озуқаворӣ бештар дар зарфҳои пластмассии андозаҳои мухталиф, алалхусус нӯшокиҳои ташнашикан бо ҳама номгӯй, консерваҳои (қуттиҳои) мевагию сабзавотӣ, мураббо, шир ва маҳсулоти коркарди он, равғани растанӣ, гӯшт ва маҳсулоти коркарди он ба харидорон пешкаш карда шуда истодааст.

Натиҷаи таҳлилҳои мутахассисони соҳаи экология ва таҳқиқоти гузаронидаи ин ҷониб дар бахши бозори истеъмолии кишвар гувоҳӣ медиҳад ва вақти он расидааст, ки оид ба афзалияти зарфҳои шишагӣ нисбат ба зарфҳои пластмассиро муайян намуда ба соҳаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат тавсия дода мешавад, ки истифодаи зарфҳои шишагинро тавассути таҷрибаи пешқадами собиқ ИҶШС ба роҳ монанд. Ин тарзи корбарӣ имконият медиҳад, ки муҳити зисти мо аз партови зарфҳои пластмассие, ки имрӯзҳо дар тамоми кӯчаву гузаргоҳҳои шаҳру ноҳияҳои Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, НТҶ, ВМКБ ва дар ҷӯйбору рудхонаву дарёҳои ҳудуди мамлакат партофташуда минбаъд тозаву озода хоҳанд шуд.

Имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои пойтахти мамлакат шахсони алоҳида ба ҷамъовариву фурӯши зарфҳои пластмассии аз партовгоҳҳо ҷамъоваришуда бо усули бобоӣ дар кӯчаҳои шаҳр бо аробаҳо бор карда ба кадом як самти қабули онҳо раҳсипорро мушоҳида кардан мумкин аст, ки он ба косташавии ҳусну қубҳи шаҳр латма мегузорад ва барои пойтахти мамлакат ва меҳмонони аз дуру наздик ташриф оварда (бахусус сайёҳони хориҷӣ) зебанда нест! Оё мумкин нест, ки ин фаъолиятро дар асоси талаботҳои санитарию беҳдоштӣ, технологияи муосир, ки хосси асри XXI аст ба роҳ монанд. Шахсони алоҳидае ки ба ин кор даст мезананд ягон роҳҳои поку соф намудану коршоям намудани ин зарфҳоро сарфаҳм намераванд, оё бо хокаю собуни анъанавӣ шустани зарфҳои пластмассӣ дар шароити хона, безарар карда мешаванд, албатта не? Онҳоро бояд бо роҳи саноатӣ, бо маҳлулҳои кимиёии махсус ва тибқи талаботи стандартӣ безарар бояд гардонид, магарислоҳи ин тадбирҳоро

“соҳибкорони навбаромад” аз уҳдааш мебаромада бошанд, дар гумон аст!

Дар хотирам ҳаст, дар даврони шӯравӣ дар шаҳри собиқ Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) заводи зарфҳои шишагӣ кору фаъолияти самарабахш дошт ва талаботи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, хусусан корхонаҳои консервабарорӣ, фабрикаҳои ширии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ (қуттиҳои) мевагию сабзавотии истеҳсоли Тоҷикистонро ба ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС таҳвил ва содирот карда мешуданд. Шарбатҳои зардолу, себ, ангур, олуча, олу, нок, шафтолу, анҷир, тут ва ғ. аз лиҳозӣ экологӣ тоза дар байни мизоҷони ин кишварҳо мақбулу писандида гашта овозаи гарму ҷушон пайдо намуда буданд. Тоҷикистон, ки кишвари дорои зиёда аз 300 рӯзи офтобӣ аст, шаҳду шакари меваҳо ва сабзавотҳои он аз сатҳу сифати ҷумҳуриҳои дигар ба куллӣ тафовут дошт ва ба талаботи аҳолии мамлакат мувофиқат мекард. Маззаву лаззати шарбат ва нӯшобаҳои меваю сабзавоти кишвар аз чунин маводҳои воридотии мамолики хориҷӣ дуру наздик фарқи беандоза доштанд ва аз нигоҳи экологӣ муфид низ буданд ва ҳоло ҳам ин афзалияти рақобатнокро молик аст ва аз даст надодааст.

Масъалаи дигар муҳлати нигаҳдошти молу маҳсулоти озуқаворӣ дар зарфҳои шишагӣ нисбат ба пластмассӣ дида тӯлонитар мебошад. Ва он имкон медиҳад, ки талаботи меъёри захираҳои молӣ дар ин росто ба инобат гирифта мешавад.

Чаро имрӯз соҳибкорони истеҳсолии мо бештар таваҷҷуҳи хешро ба истифодаи зарфҳои пластмассӣ сафарбар менамоянд. Пеш аз ҳама, тарзи боркашонии нақлиётии онҳо барои соҳибкорон камхарҷу самаранс сухан ронем, маълум мешавад, ки муҳлати истифодабарии чунин зарфҳои пластмассӣ дар кишварҳои хориҷӣ танҳо аз 3 то 10 рӯзро дар бар мегирад. Дар шароити мо бошад, он аз 30 то 150 рӯз дар баъзе мавридҳо аз ин ҳам бештар ба ҳайси захираи молҳо дар шабакаҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Дар тӯли ин қадар вақт молу маҳсулот дар мавсими баҳору тобистон ҳам муҳлати истифодабариаш ва ҳам сатҳу сифати стандартиаш бечуну чаро тағйир мёбанд ё ба истилоҳ коста мегарданд ва ин услуби фаъолияти корбарӣ ба солимии истеъмолгарон таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст.

Аз моҳият ва мазмуни “иқтисоди сабз” чунин бармеояд, ки вақти он расидааст, ки дар амалӣ намудани ҳадафи чоруми рушди иқтисоди мамлакат рушди саноатикунонии босуръат, татбиқи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ҷойгир намудани корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, истифодаи услуби бастабандӣ бо зарфҳои шишагӣ бо андозаҳои гуногун дар чорчӯбаи талаботҳои стандартҳои нави миллию байналмилалӣ имконияти мусоид фароҳам меоварад, ки молу маҳсулоти ғизоии аз лиҳози экологӣ софу беғубор ва ба саломатии истеъмолгарон созгор бештар ба бозори истеъмолии мамлакат ворид гардад ва бо ин роҳ ҳадафи олии стратегии кишвар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ, ҳар чӣ тезтар амалан татбиқи худро пайдо менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди “иқтисоди сабз” барои солҳои 2023-2037 таҳия ва мавриди амал қарор дорад. Стратегия мазкур барои 15 соли оянда бо назардошти принсипҳои умумии татбиқи “иқтисоди сабз”, талаботи қонунҳои ҶТ “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (09.12.2004. №72), “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” (28.02.2011, №760) амалӣ мегардад.

Ривоҷу равнақёбии “иқтисоди сабз” дар пайвастагӣ бо ҳадафҳои стратегии мамлакат: таъмини бевоситаи истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои солим, рушди саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмини бомароми шуғли пурмаҳсул амалан татбиқ мегардад.

Ба андешаи инҷониб, барои иҷрои ин самтҳои фаъолият эҳё гардонидани корхонаҳои истеҳсолкунандаи зарфҳои шишигинро дар вилояти Суғд ва бунёд намудани чунин корхонаи саноатӣ дар вилояти Хатлон дар асоси талаботҳои технологияи муосир зарур меҳисобам. Аз ин рӯ, мо метавонем аҳолии қобили меҳнатидоштаи ин минтақаҳои кишварро ба кори доимӣ ҷалб намуда дар иҷрои нақшаи иҷтимоии шуғли самараноки шаҳрвандони мамлакат ва татбиқи бомароми солҳои 2023-2026 “Солҳои рушди саноат”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссагузор бошем.

Дар ҳолати ба кор оғоз намудани корхонаҳои истеҳсолии зарфҳои шишагин ва таъмини корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат бо ин зарфҳои мусоид ва ба талаботи “иқтисоди сабз” мутобиқ, барои сари вақт баргардонидани зарфҳои шишагӣ аз шабакаҳои савдои чакана ва хӯроки умумии ҷумҳурӣ ба корхонаҳои саноати хӯрокворӣ роҳҳои ҳавасмандгардонии кормандони савдои чакана, хӯроки умумӣ ва нуқтаҳои қабули ин зарфҳоро аз аҳолӣ чораҷӯйи намудан аз манфиат холӣ нест. Дар ҳолати ташкили фондҳои ҳавасмандгардони иқтисодӣ ва усулҳои дигари ангезандаи он таъмини бомароми истеҳсолотчиён бо ин зарфҳои шишагӣ самарабахш ба роҳ монда хоҳад шуд.

Истифодаи зарфҳои шишагӣ дар интиҳо албатта бо андозаҳои муайянгардидаи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ боис мегардад, ки сатҳи беҳдоштии омма ва дар ин росто афзун гардидани сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолии Тоҷикистон, ки ҳадафи олии стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар шудааст, ба даст хоҳад омад.

**Адабиёт:**


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
2. Стратегияи рушди “иқтисоди сабз”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037.
3. Джамшедов М. Социально-экономическое развитие рынка потребительских товаров в Таджикистане: теория, методология, практика. Монография [текст].- Душанбе: «Ирфон», 2019.-365 с.

УДК 330.34

Шарипов Ҳ.А.

# ШАРОИТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ се омили таркибии асосӣ ҷудо карда мешавад: инноватсия, сохторӣ ва сармоягузорӣ. Хар кадоми онҳо як қисми органикии ин равандҳо ва дар айни замон соҳаи нисбатан мустақил ва муҳими фаъолият як навъ «сиёсати дар доираи сиёсат» тараққиёти саноат мебошад.Сиёсати инноватсионии давлат ба танзими муносибатҳои мутақобилаи корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорӣ ва корҳои илмию техникии корхона бо мақсади ташаккули ҳавасмандии инноватсионии фаъолияти хоҷагидории онҳо ва истифодаи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот барои навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, гузаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва стратегияи рушди иқтисодӣ дар асоси дониш ва технологияҳои навтарин равона карда шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** саноат,инноватсия, корхона,истеҳсолот, сармоягузорӣ, сиёсати саноатӣ.

Шарипов Х. А.

# ОСНОВНЫЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРИОРИТЕТНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В процессах формирования и реализации государственной промышленной политики выделяют три основные составляющие: инновационную, структурную и инвестиционную. Каждый из них является органичной частью этих процессов, и в то же время относительно самостоятельной и важной сферой деятельности является своего рода «политика в рамках политики» промышленного развития. Инновационная политика государства регулирует взаимоотношения между странами. предприятий, организаций, предпринимательства и научно-технической деятельности предприятия в целях формирования инновационной мотивации их сельскохозяйственной деятельности и использования научно-технических достижений в производстве для модернизации и повышения его эффективности, перехода к предпринимательской деятельности и стратегии экономического развития, основанной на направлены новейшие знания и технологии.

**Ключевые слова:** промышленность, инновации, предприятие, производство, инвестиции, промышленная политика.

Sharipov Kh. A.

# MAIN CONDITIONS FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF PRIORITY AREAS OF INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the processes of formation and implementation of state industrial policy, three main components are distinguished: innovation, structural and investment. Each of them is an organic part of these processes, and at the same time, a kind of "policy within the policy" of industrial development is a relatively independent and important area of activity. State innovation policy regulates the relationship between countries. enterprises, organizations, entrepreneurship and scientific and technical activities of the enterprise in order to form an innovative motivation for their agricultural activities and the use of scientific and technical achievements in production for modernization and increasing its efficiency, the transition to entrepreneurial activity and an economic development strategy based on the latest knowledge and technology.

**Keywords:** industry, innovation, enterprise, production, investment, industrial policy.

**Гузориши масъала.** Шароитҳои асосии ташаккул ва инкишофи самтҳои афзалиятноки саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дар равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ се омили таркибии асосӣ ҷудо карда мешавад: инноватсия, сохторӣ ва сармоягузорӣ. Хар кадоми онҳо як қисми органикии ин равандҳо ва дар айни замон соҳаи нисбатан мустақил ва муҳими фаъолият як навъ «сиёсати дар доираи сиёсат» тараққиёти саноат мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Доир ба арзёбии фаъолияти Қаюмов Н., Умаров Х.У, Исломов С.И., Низомова Т.Д., Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ., Раҳимов М.А., Саидмуродов Л.Ҳ., Ҷабборов Ф.А., Ҷумаев У.М., Каримов Ҷ. ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Олимони хориҷӣ Вавилова Е.В., Бородулина Л.П., Батанин В.В., Лобанов В.В. низ дар самти мазкур таҳқиқ ва омӯзишҳои ҳамаҷониба қарор гузаронидаанд.

**Мақсади мақола** – ин муайяннамоии хусуситятҳои асосии шароитҳои асосии ташаккул ва инкишофи самтҳои афзалиятноки саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар раванди таҳқиқ муаммоҳои мавҷудбуда қайд гардида, таҳқиқот аз нигоҳи муаллиф оварда шудааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ин ташаккул ва ба кор андохтани механизмҳое, ки воридшавӣ ва ҳачми умумии сармоягузориро ба саноат зиёд мекунанд мебошад. Илова бар маблағҳои худи корхонаҳои саноатӣ, маблағҳои қарз

иштироки давлат дар равандҳои сармоягузори дар самтҳои афзалиятноки азнавсозии сохтории иқтисодиёт, аз ҷумла тавассути муассисаҳои махсус таъсисдода мебошад.

**Шароитҳои асосии ташаккул ва инкишофи самтҳои афзалиятноки саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ се омили таркибии асосӣ ҷудо карда мешавад: инноватсия, сохторӣ ва сармоягузорӣ. Хар кадоми онҳо як қисми органикии ин равандҳо ва дар айни замон соҳаи нисбатан мустақил ва муҳими фаъолият як навъ «сиёсати дар доираи сиёсат» тараққиёти саноат мебошад.

Сиёсати инноватсионии давлат ба танзими муносибатҳои мутақобилаи корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорӣ ва корҳои илмию техникии корхона бо мақсади ташаккули ҳавасмандии инноватсионии фаъолияти хоҷагидории онҳо ва истифодаи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот барои навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, гузаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва стратегияи рушди иқтисодӣ дар асоси дониш ва технологияҳои навтарин равона карда шудааст.

Роҳи инноватсионии рушд бо ташаккули механизми танзиме имконпазир аст, ки ҳамкории илм, истеҳсолот ва давлатро тавассути ҳамгироии захираҳои зеҳнӣ, техникӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ташкилии онҳо ва рушд ва такрори навоварӣ таъмин менамояд. Татбиқи ин роҳ ташаккули низоми муассисаҳо, аз ҷумла ду зерсистемаро талаб мекунад: аввал, маҷмӯи ташкилотҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба истеҳсол ва фурӯши тиҷоратии маҳсулоти баландтехнологӣ, донишҳои илмӣ ва технологияҳо ширкатҳои хурд ва калон машғуланд ( корхонаҳо), донишгоҳҳо, лабораторияҳои истеҳсолии давлатӣ, паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо, ки маҷмааи "таълим илм бизнеси истеҳсолӣ"-ро ташкил медиҳанд; дуюм, маҷмӯи институтҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иҷтимоии идоракунӣ, ки ҳавасмандии иқтисодӣ ва шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқиро барои татбиқи равандҳои инноватсионӣ таъмин менамоянд (аз ҷумла, сухан дар бораи ширкатҳои ҳуқуқие меравад, ки ҳифзи моликияти зеҳниро таъмин менамоянд).

Сиёсати сохторӣ ҳавасмандгардонии байнисоҳавӣ, ва байниминтақавӣ буда воридшавии сармоя барои бо пул таъмин намудани тағйир додани сохти истехсолӣ ва ҳудудии саноат мувофиқи мақсадҳои сиёсати саноат. Афзалиятҳои ин тағйиротро ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии сиёсати саноатӣ, вазъи воқеии заминаи саноатӣ, тамоюлҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва мавқеи геополитикии кишвар муайян мекунанд.

Афзалияти умумии саноат тараққӣ додани комплекси мошинсозӣ мебошад, ки вай талаботи истеҳсолотро қонеъ гардонда, дар дигар соҳаҳо ва соҳаҳои хоҷагии халқ ба кор таъмин менамояд. Гап, аз ҷумла, дар бораи эҳтиёчоти соҳаҳои асосии саноат ба сектор « ибтидоии иқтисодиёт, комплекси бинокорӣ ва инфраструктураи таъминоти ҳаёт, соҳаи хизматрасонӣ, инчунин саноати истеҳсолкунанда (аз ҷумла худи мошнасозӣ), махсусан. соҳаҳои технологияи баланди доништалаб, ки рушди онҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар раванди ҷаҳонии репродуктивӣ ҷойҳои алоҳидаро ишғол кунем. Комплекси муҳандисии доништалаб шарти зарурии рушди базаи моддии илм, пеш аз ҳама илми фундаменталӣ, инчунин маориф ва фарҳанг мебошад, ки асоси сиёсати инноватсиониро ташкил медиҳанд.

Сиёсати сохторӣ дар баробари ҷузъи истеҳсолӣ (соҳавӣ) ҷанбаи ҳудудӣ мушкилии ҷойгиркунии саноатро дар бар мегирад. Дар ин самт объектҳои сиёсати саноатӣ комплексҳои (кластерҳои) ҳудудии истеҳсолӣ мебошанд, ки дар доираи онҳо беҳтаргардонии фазоии иқтидорҳо тибқи меъёрҳои самаранокии иқтисодӣ ва баробарсозии сатҳҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо амалӣ карда мешавад. Он инчунин масъалахои сиёсати саноатӣ дар мамлакатхои ИДМ, аз чумла робитаҳои кооперация, стандартхои ягонаи технологию техникӣ ва мукаммал гардондани иктисодиёти миллиро дар бар мегирад.

Сиёсати сармоягузории давлат дар соҳаи рушди саноат ба фароҳам овардани шароити мусоид ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ:**

✓ ташаккул ва ба кор андохтани механизмҳое, ки воридшавӣ ва ҳаҷми умумии сармоягузориро ба саноат зиёд мекунанд (ресурсҳои давлатӣ, маблағҳои худи корхонаҳои саноатӣ, маблағҳои қарз ва маблағҳои аҳолӣ);

✓ иштироки давлат (бевосита, саҳмгузори, суғурта, тавассути фармоишҳои давлатӣ, иҷораи давлатӣ ва кафолатҳо, бо роҳи ташкили ҳавасмандгардонӣ) дар равандҳои сармоягузори дар самтҳои афзалиятноки азнавсозии сохтории иқтисодиёт, аз ҷумла тавассути муассисаҳои махсус таъсисдода (фонди қарзи саноатӣ) ва андоз, аз ҷумла амортизатсия, танзим ва ғайра;

Таҳия ва татбиқи сиёсати саноат аз ҷониби давлат дар се сатҳ амалӣ карда мешавад.

Дар сатҳи макро ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии рушди саноат муайян карда мешаванд, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои мақсадноки сиёсати саноатӣ (аз чумла дастгирии захиравии онҳо) ташаккул меёбанд, ҳамкории тиҷорати саноатӣ ва давлат дар ташаккул ва татбиқи сиёсати саноатӣ (алоқаҳои бевосита ва баръакс), салохиятҳо бо минтақахо ва чиҳатҳои сиёсати берунии сиёсати саноат аниқ карда шудаанд.

Дар сатҳи мезо ташкил ва фаъолияти комплексхои амудӣ ва (аз чумла трансмиллӣ) истеҳсолӣ-технологӣ, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ алоқаманданд, комплексҳои ҳудудию истеҳсолй ба тартиб андохта мешаванд.

Дар сатҳи микро барои фаъолияти корхонаҳо ҳамчун субъектҳои бозории мустақил шароит муҳайё ва такмил дода мешавад (аз ҷумла қоидаҳои ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ, тартиби қабул, азнавташкилдихи ва ғайра).

Функсияҳо ва сохтори ташкилию идоравии мақомоти иҷроияи бояд ба самтҳо ва сатҳҳои зикршудаи сиёсати саноатӣ мувофиқат кунанд, ки бояд дар мазмуни ислоҳоти маъмурие, ки ҳукумат таҳия мекунад, инъикос ёбад.

Ташаббусҳои муштараки технологӣ сохторҳои қонунӣ ба расмият даровардашуда мебошанд, ки барои иҷрои вазифаҳое, ки дар доираи платформаҳои технологӣ таҳия шудаанд, пешбинӣ шудаанд. Эҷоди ташаббусҳои муштараки технологӣ барои суръат бахшидан ба тавлиди донишҳои нав дар соҳаҳои технологӣ ва санҷидани имкониятҳои тиҷоратии технологияҳои таҳияшуда мусоидат мекунад.

Дар шароити кунунӣ дар Тоҷикистон гузариш ба модели инноватсионии рушди саноат як интихоби зарурии стратегӣ мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227 қабул карда шуд ин метавонад дар давраи миёнамӯҳлат барои рафъи бӯҳрони истеҳсолӣ, таҷдиди сохтори саноат ва пур кардани бозор бо маҳсулоти рақобатпазир мусоидат кунад. Дар дарозмуддат чунин стратегия бояд ба мамлакат барои барқарор кардани мавкеи худ дар ҷомеаи кишварҳои пешрафта, ки дар маҷмӯи маҳсулоти умумии он ҳиссаи соҳаҳои технологияҳои олӣ айни замон мутаасифона дарки инноватсияҳои технологӣ аз ҷониби сохторҳои тиҷоратӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсияҳои технологӣ дар кишварҳои тараққикарда, ба монанди Германия (71,8 фоиз), Белгия (53,6 фоиз), Эстония - (52,8 фоиз), Финляндия (52,5 фоиз) ва Шветсия (49,6 фоиз) то 72 фоизро ташкил медиҳад [9].

Масъалан дар Иттиҳоди давлатҳои Аврупо инструменти асосии сиёсати саноатӣ “Гурӯҳи сатҳи баланд” ба ҳисоб меравад.[7], платформаҳои технологии Аврупо.[7], ташабусҳои якҷояи технологӣ [8].

Гурӯҳҳои сатҳи баланд мақомоти машваратӣ мебошанд, ки ба ҷонибҳои манфиатдор (корхонаҳои саноатӣ, кишварҳои узв ва ғ.) барои таҳияи қарорҳои стратегӣ дар татбиқи сиёсати саноат маслиҳат ва манфиатҳои худро пешниҳод мекунанд. "Платформаҳои технологии аврупоӣ" лоиҳаҳое мебошанд, ки ба тадқиқоти афзалиятнок, таҳия ва татбиқи технологияҳои пешқадам бо тамаркузи кӯшишҳо ва захираҳои муштарак нигаронида шудаанд. Барои эҷоди платформаҳои технологӣ бояд чунин меъёрҳо риоя карда шаванд: аҳамияти стратегӣ ва имконияти ба даст овардани натиҷаи мушаххас, фоидаи ҷамъиятӣ, имкони дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ҷорӣ намудани технология ва ғайра.[4. с. 53–55].

Дар Ҷопон рушди саноат тавассути сиёсати маъмурии машваратӣ дар шакли имтиёзҳои андозӣ, қарзҳо, кафолатҳо, грантҳо, субсидияҳо, иҷозатномаҳо ва ғайра идора карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатии Ҷопон соҳаҳои доништалаб: робототехника, нимноқилҳо, электроника мебошанд. Ғайр аз ин, тараққиёти саноат дар асоси нақшаҳои тараққиёти ичтимоию иқтисодӣ, ки хароҷот барои тараққиёти соҳаҳои алоҳида пешбинӣ карда шудаанд. Дар тараққиёти саноат дар Ҷопон органхои давлатӣ, ки сиёсати саноат ва савдо, амнияти энергетикӣ ва назорат мекунанд, нақши калон мебозанд.

Дар Кореяи Ҷанубӣ рушди саноат аз ҷониби мақомоти давлатӣ назорат карда мешавад, ки он ба Вазорати стратегия ва молия табдил дода шудааст, вазифаи он идоракунии сиёсати иқтисодӣ, андоз ва молиявӣ мебошад.[3].

Дар Ҷумҳурии Халқии Хитой саноатро нақшаҳои миллӣ танзим мекунанд. Давлат чунин воситаҳоро ба монанди қарздиҳии бонкҳои давлатӣ барои амалиёти содиротӣ ва ба даст овардани технология, субсидияҳои пинхонӣ ва ошкоро барои содирот, истифодаи боҷҳои ҳифзии маҳсулоти саноатии воридотӣ, амалияи додани бозори фурӯши маҳсулот ба корпорацияҳои хориҷӣ бар ивази он истифода мебарад. барои таъмин намудани технологиям пешқадам.

Кӯшишҳои асосии давлат ба азнавтақсимоти захираҳои молиявӣ ба манфиати сармояи миллии Чин ва ба даст овардани технологияҳои пешрафта аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳаллӣ бо мақсади тағйир додани вазъи кунунии майдони истеҳсолӣ ва бозори фурӯши ширкатҳои ғарбӣ ба мақоми нав нигаронида шудааст. Ҳамчун як бозингари мустақил. Илова бар ин, Чин ҳамчун шарики танҳо барои корхонаҳои бузург бо назардошти манфиатҳои давлат баромад мекунад.[5].

Давлат механизмҳои зерини таъсиррасониро ба рушди саноат татбиқ менамояд: имтиёзҳои андоз, субсидияҳо ва маблағгузории бевоситаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷалби инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ, лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти кории саноат [4].

Ҳамин тариқ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта механизмҳои муассири танзимро дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ, буҷети солона, ҷорӣ намудани инноватсияҳо, тамаркузи нерӯ ва захираҳо ба технологияҳои калидӣ истифода мебаранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки фоидаи ҳадди аксар ба даст оранд. технологияҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таҳкими рақобатпазирии миллӣ мусоидат мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тараққиёти саноат асосан дар самти маъдан, кимиё, пахта, металлургия, мошинсозӣ пеш меравад, ки он аз ракибони берунӣ осебпазир аст. Дар сатҳи давлатӣ консепсияҳои гуногуни рушди сиёсати саноатӣ мунтазам таҳия мешаванд, вале то ҳол онҳо асосан хусусияти декларативӣ дорад.

Самти мустақили сиёсати инноватсионии давлатӣ қабул ва татбиқи қарорҳое мебошад, ки самаранокии истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти фундаменталӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ, истифодаи неруи мавҷудаи илмию техникӣ ва зеҳнӣ ва ҷорӣ намудани моликияти зеҳнӣ мебошад.

1) быстрые темпы роста городского населения, особенно в менее развитых странах, где происходят стихийные, не поддающиеся контролю миграции из села в город;

2) концентрация населения и хозяйства в основном в больших городах, так как города имеют множество функций, особенно в непроизводственной сфере, они полнее удовлетворяют запросы людей, имеют развитую инфраструктуру и обеспечивают доступ к хранилищам информации;

3) расширение территории городов. Это происходит тогда, когда вокруг крупных городов (столиц, промышленных и портовых центров) возникают пояса городов - спутников. Такие образования называются городскими агломерациями. Их неуправляемый рост очень беспокоит учёных, занимающихся этой проблемой.

Процесс урбанизации в Таджикистане характеризуется рядом социально-экономических особенностей. Рост населения происходит здесь более высокими темпами, чем в среднем по странам европейской части СНГ, при абсолютном приросте не только городского, но и сельского населения. Сельское население республики малоподвижно, и поэтому, отток населения из сельской местности в города здесь значительно ниже[5,18].

По данным Институт демографии АН Республики Таджикистан, в городах Таджикистана за последние годы половина общего прироста занятых в общественном производстве была обеспечена за счет естественного прироста и высвобождения из домашнего хозяйства трудоспособного населения, механического прироста, в том числе и выходцев из сел республики. При этом механический прирост населения в городских формах расселения происходит неравномерно. В прошлом в развитии городов определенное место занимал обмен населением союзных республик. Преобладающую же часть мигрирующего населения в республику поглощали города Душанбе и Худжанда.

В связи с низкой подвижностью коренного населения, отсутствием в Таджикистане достаточного количества больших городов, увеличением численности трудоспособного населения, внешняя миграция в республике по-прежнему будет играть значительную роль. В целом, городское и сельское население развивается взаимосвязано, несмотря на то, что каждый из видов имеет свою народнохозяйственную основу и определенные особенности территориальной организации. Эта взаимосвязь будет развиваться и в перспективе, ибо уже в настоящее время на территории республики наблюдается скопление территориально сближенных городских и сельских населенных пунктов, объединенных системой разнообразных связей. Взаимосвязь городского и сельского населения хорошо прослеживается на примере интенсивности межселенных трудовых и маятниковых связей. Это наблюдается в зонах крупных городов Душанбе, Худжанд и др.

Взаимосвязь городского и сельского населения подкрепляется также стремлением сельского населения к городскому образу жизни. Уровень естественного прироста городского населения и ежегодное положительное сальдо миграции способствуют ускорению процесса урбанизации. Изучение воспроизводства населения и его подвижности, изменение соотношения доли городского и сельского населения позволили сделать вывод,

что процесс урбанизации в Таджикистане схож с подобным процессом в союзных республиках, но имеет и свои особенности. Он развивается по трем основным направлениям: миграция сельского населения в город; включение сельских форм расселения в городскую черту; участие сельского населения в работе предприятий близлежащих городов. Для первого направления урбанизации характерно быстрое увеличение числа городов, а также резкое возрастание роли больших городов. Крупные города Душанбе и Худжанд превратились в научно-технические и культурно-образовательные центры, которые притягивают к себе наиболее высококвалифицированный контингент трудящихся. Близость предприятий к научно-техническим и культурно-образовательным центрам способствует ускорению сроков внедрения новой техники, повышению уровня образования и квалификации рабочей силы.

Кроме того, можно отметить, что динамика уровня урбанизации по регионам в разные годы была неодинаковой.

Проанализировав состояние и развитие столичного региона – г. Душанбе, мы выявили последствия его чрезмерной урбанизации, среди которых:

- пере уплотнённость (так, если в 1998г. плотность населения составляла 3939 чел/км.$^2$ то к 2020 г. она составила 6617 чел./км.$^2$); [6,18]
- ухудшение санитарно-гигиенических условий;
- проблемы с жильем;
- рост преступности (не найдя применения своим способностям, люди зачастую встают на криминальный путь);
- усложнение задач обеспечения населения всеми необходимыми ресурсами, особенно питьевой водой;
- повышение процента заболеваний, характерных для крупнейших городов с их чрезмерной заселенностью и шумом (сердечнососудистых, нервно-психических, заболеваний органов дыхания );
- усложнение транспортных проблем (переполнение, в частности, маршрутных такси, троллейбусов и автобусов ведет к нарушению сроков их эксплуатации, а также к дорожно-транспортным происшествиям);
- чрезмерные потери времени на передвижение к местам работы, учебы и отдыха;
- и, наконец, что особенно важно, неконтролируемые изменения в окружающей природной среде.

В ходе анализа экологической обстановки было выявлено, что находящиеся в городах промышленные предприятия создают неблагоприятный экологический фон, прямо влияющий на здоровье городских жителей. Только в г. Душанбе в 2020г. в атмосферу было выброшено 4,7 тыс. т. вредных веществ. Этот показатель в 4 раза выше по сравнению с 2000г., когда он составлял 1,2 тыс. т. По Хатлонской области этот показатель вырос более, чем в 5 раз, - с 1,0 тыс. тонны в 2000г. до 5,3 тыс. тонн в 2020 г. Большое количество выбросов вредных веществ в атмосферу наблюдается в городах и районах республиканского подчинения и особенно в г. Турсунзаде (21,2 тыс. т в год). Незначительные выбросы вредных веществ отмечались в гг. Худжанде, Кулябе, Вахдате, Бохтар соответственно 0,5; 0,3; 0,1; 0,4 тыс. т в год).

В связи с этим намечена политика регулирования расселения, которая должна включать курс на ограничение роста крупных и развитие малых и средних городов, задачи переустройства сельского расселения. К регулированию расселения населения относится и регулирование миграционных процессов, прямо влияющих на развитие сети поселений.

В формировании перспективной урбанистической структуры республики выделены следующие направления:

- дальнейший рост и развитие сети малых и средних городов;
- укрепление городского каркаса системой опорных центров;

- дальнейшее регулирование демографического и социально-экономического развития столицы республики – г. Душанбе.

Следовательно, можно утверждать, что деурбанизационные процессы в республике начались в конце 70-х годов XX в. и ускорились в конце 80-х и в начале 90-х, что было связано с известными событиями, которые служили акселераторами миграционного оттока не только некоренного населения, но и городского коренного высокообразованного населения. В период с 1989 по 2003 г. Республику покинули 479 тыс. чел.

С приобретением республикой независимости миграционные потоки здесь увеличились, что, безусловно, повлияло на соотношение населения - город – село, на изменение векторов миграции, на этнический состав населения городов, а также на половозрастной состав населения как в городах, так и в селах республики. Ухудшение социально-экономической и политической ситуации в республике стало основным фактором увеличения миграционных потоков как в пределах страны, так и за ее пределами.

Таким образом, изучение социально-демографического становления развития городских поселений позволяют сделать следующие выводы:

1) в условиях урабанизационных изменений и излишней схематизации географической реальности понятие «город» требует переосмысления и наполнения новым социально-демографическим содержанием;

2) переоценка факторов становления и динамики региональной городской сети делает ретроспективный подход действенным элементом анализа ее современного состояния и тенденций социально-экономического и демографического развития;

3) территориальная дифференциация социально-демографической обстановки складывается под влиянием как прошлых, так и современных демографических процессов и социально-экономических условий жизнедеятельности населения городов;

4) )особенности современной структуры и динамики численности населення и разработка концептуальных положений по ее стабилизации и улучшению основаны на сценариях социальных и демографических процессов в разрезе городских поселений.

**Литература**


1. Сухарева О.А. Ислам в Узбекистане, Ташкент.1914.С58.
2. Форрестер Д. Динамика развития города. -М.: Прогресс, 1974.285с.
3. Исламов Ф.С Тенденции демографического развития Республики Таджикистан: Душанбе, 2005. С. 46-76.
4. Саушкин Ю.Г. Об изучении системы городов Советского Союза.//Вестник МГУ.Сер.геогр.1997.№;5-С261.
5. Мирзоев С.С. Демографическое развитие и проблемы неформальной занятости населения Душанбе Ирфон.2010.С.18.
6. Мирзоев С.С. Демографическое развитие и проблемы неформальной занятости населения Душанбе Ирфон.2010.С.23.
7. AU PAIR в немецкой семье // Журнал «Работа, бизнес, учёба за рубежом». – 2012. -№7-8. –С.9.
8. Australian Bureau of Statistics, Australian Government – Department of Immigration and Citizenship: Key Facts in Immigration.
9. George Borjas. Heaven's Door: Immigration Policy and the American Economy. Princeton, New Jersey: Princeton University Press. -2009. -S.3.
10. http//www.imf.org (датаобращения: 04.02.2014).
11. http//www//mmk.tj. - Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года за № 267.
12. http//www//mmk.tj. -Так, в статью 14 данного закона в редакции вводятся требования о заключении даже частных трудовых контрактов «только при содействии Агентства по вопросам внешней трудовой миграции», тефактически ограничивают право граждан на самостоятельный поиск работы за рубежом.

УДК: 339

**Исматов Х.Х.**

## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ОМИЛҲОИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар доираи мақолаи илмӣ масъалаҳои марбут ба рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ баррасӣ карда шудааст. Таҳлили муқоисавии вазъи рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути шохисҳои таркибии иқтисоди рақамӣ бо дигар мамлакатҳои шарики стратегӣ ва давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шудааст. Вазъи рушди бозори хизматрасониҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, омилҳои муҳити дохилӣ ва берунии он муайян карда шудааст. Дар мақолаи илмӣ муаммоҳои ҷойдошта дар рушди хизматрасониҳои рақамӣ муайян гардида, тавсияҳо ҷиҳати рафъи онҳо пешниҳод гардидаанд. Муайян шудааст, ки рушди хизматрасониҳои рақамӣ дар мамлакат аз вусъат додани шохисҳои марбути иқтисоди рақамӣ дар иқтисоди миллии ҳар як мамлакат вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди рақамӣ, рақамикунонӣ, омилҳои иқтисоди рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, шохис, инфрасохтор.

**Исматов Х.Х.**

## НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЕ О ФАКТОРАХ ЦИФРОВИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В рамках научной статьи рассмотрены вопросы связанные с цифровизации национальной экономики. Проведён сравнительный анализ состояния развития национальной экономики через составные индексы цифровой экономики с другими странами стратегического партнерства и соседними государствами Республики Таджикистан. Рассмотрено состояние развития рынка цифровых услуг в Республике Таджикистан и определены факторы внутренней и внешней среды данного рынка. В научной статье выявлены проблемы, связанные с развитием цифровых услуг и даны рекомендации по их преодолению. Определено, что развитие цифровых услуг в стране зависит от расширения соответствующих индексов цифровой экономики в национальной экономики каждой страны.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, цифровизация, факторы цифровой экономики, цифровые услуги, индекс, инфраструктура.

**Ismatov K. H.**

## SOME CONSIDERATIONS ON THE FACTORS OF DIGITALIZATION OF THE NATIONAL ECONOMY

Within the framework of the scientific article the issues related to the digitalization of the national economy are considered. The comparative analysis of the state of development of national economy through composite indices of digital economy with other countries of strategic partnership and neighboring states of the Republic of Tajikistan is carried out. The state of development of the market of digital services in the Republic of Tajikistan is considered and the factors of internal and external environment of this market are defined. The scientific article identifies the problems associated with the development of digital services and provides recommendations for overcoming them. It is determined that the development of digital services in the country depends on the expansion of the relevant indexes of digital economy in the national economy of each country.

**Keywords**: digital economy, digitalization, digital economy factors, digital services, index, infrastructure.

**Гузориши масъала.** Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти мамлакат зарур аст, ки мутобиқи талаботи Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040, Консепсияи фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 ва Стратегияи рақамии муттамаркази ҳамкориҳои иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ то соли 2030 рашди хизматрасониҳои рақамӣ ташаккул дода шаванд. Аз ин лиҳоз, дар раванди

рушди иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ омилҳои зиёди таъсиррасон мавҷуд мебошанд, ки бояд мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадаф аз таҳқиқ дар доираи мақолаи илмии мазкур муайян намудани омилҳои рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва ифшо намудани имкониятҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мӯҳтавои асосии мақолаи илмӣ.** Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ омилҳои зиёди ба ин раванд таъсиррасон мавҷуданд, ки онҳоро ба дохила ва беруна, инчунин манфӣ ва мусбӣ таъсиррасон тасниф намудан мумкин аст. Дар доираи мақолаи илмӣ зарур мешуморем, ки маҳз омилҳои ба рушди иқтисоди рақамӣ мусбӣ таъсиррасон мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар ин самт зикр кардан зарур аст, ки яке аз омилҳои ба иқтисоди рақамӣ таъсиррасон сатҳи рушди шохиси ҳукумати электронӣ мҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 1. – Мавқеи Тоҷикистон дар шохиси рушди ҳукумати электронӣ (EGDI - ИРҲЭ) дар раддабандии СММ**

| Мақом | Кишварҳо | ИРҲЭ (EGDI) | Шохиси хизматрасониҳо и шабакавӣ | Шохиси инфрасохтори телекоммуникатсион й | Шохиси сармояи инсонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ба ҳолати январи соли 2021** | | | | | |
| 29 | Қазоқистон | 0,8375 | 0,9235 | 0,7024 | 0,8866 |
| 36 | Федератсияи Россия | 0,8244 | 0,8176 | 0,7723 | 0,8883 |
| 45 | Ҷумҳурии мардумии Чин | 0,7948 | 0,9059 | 0,7388 | 0,7396 |
| 83 | Қирғизистон | 0,6749 | 0,6471 | 0,5902 | 0,7873 |
| 87 | Узбекистон | 0,6665 | 0,7824 | 0,4736 | 0,7434 |
| **133** | **Тоҷикистон** | **0,4649** | **0,3176** | **0,3496** | **0,7275** |
| 158 | Туркманистон | 0,4034 | 0,1765 | 0,3555 | 0,6783 |
| **Ба ҳолати январи соли 2023** | | | | | |
| 28 | Қазоқистон | 0.9344 | 0.9021 | 0.7520 | 0.8628 |
| 42 | Федератсияи Россия | 0,8162 | 0,7368 | 0,8053 | 0,9065 |
| 43 | Ҷумҳурии мардумии Чин | 0,8119 | 0,8876 | 0,805 | 0,7429 |
| 69 | Узбекистон | 0,7265 | 0,744 | 0,6575 | 0,7778 |
| 81 | Қирғизистон | 0,6977 | 0,6176 | 0,6637 | 0,8119 |
| **129** | **Тоҷикистон** | **0,5039** | **0,3968** | **0,377** | **0,738** |
| 137 | Туркманистон | 0,4808 | 0,298 | 0,3551 | 0,7892 |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси Исследование ООН: *Электронное правительство 2022, цифровое правительство в десятилетии действий по достижению устойчивого развития, ООН Нью-Йорк, 2022, стр. 215-225. URL: https://publicadministration.un.org/en/publicadministration.un.org/egovkb/en-us/ (санаи истифодабарӣ: 20.05.2024)

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмиллалӣ оид ба шохиси рушди ҳукумати электронӣ ба ҳолати январи соли 2021 мақоми 133 – ро бо нишондиҳандаи 0,4649 ишғол намуда аст, ки ба сафи давлатҳои дорои шохиси рушди ҳукумати электронии нисбатан паст шомил аст. Дар давраи минбаъдаи арзёбии байналмилалӣ мавқеъи кишвар дар ин нишондиҳанда 4 зина боло рафта, мақоми 129 – ро бо нишондиҳандаи 0,5039 ишғол менамояд ва танҳо дар ҳамин давра бо нишондиҳандаи болозикр Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори давлатҳои дорои шохиси рушди ҳукумати электронии нисбатан баланд шомил гардидааст. Зеро, мутобиқи усулҳои барои арзёбӣ пазируфтаи СММ давлатҳое, ки шохиси ҳукумати электронияшон аз 0,5 боло мебошад ба

қатори давлатҳои дорои шохиси баланд ва давлатҳои дорои шохиси зиёда аз 0,75 ба сафи мамлакатҳои дорои шохиси рушди ҳукумати электронии баландтарин шомил карда мешаванд.

Аз додаҳои ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, ки дар раддабандии байналмилалӣ яке аз ҷузъҳои таркибии шохиси рушди ҳукумати электронӣ ин шохиси хизматрасониҳои шабакавӣ ба ҳисоб рафта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се соли охир ин нишондиҳандаро аз 0,3176 то ба 0,3968 афзоиш додааст. Вале, шохиси мазкур нисбат ба дигар давлатҳои шарики стратегии кишвар бахусус, Узбекистон, Қазоқистон, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Федератсия Россия назаррас дар поён мебошад ва дар раддабандии байналмилалӣ дар шохиси мазкур мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан паст арзёбӣ шудааст. Аз ин лиҳоз барои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити муосир афзоиш додани шохиси хизматрасониҳои шабакавӣ тақозо мешавад.

Дигар нишондиҳандае, ки аз он рақамикунонии иқтисоди миллӣ вобаста мебошанд ин шохиси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ маҳсуб меёбад. Аз додаҳои ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шохиси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ дар давраи таҳлилӣ аз 0,3496 то 0,3770 боло рафтааст, аммо дар раддабандии байналмиллалӣ ин нишондиҳанда нисбатан паст арзёбӣ мегардад. Нишондиҳандаи мазкур дар байни давлатҳои шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан ИДМ дар Федератсияи Россия назаррас баланд мебошад. Аз ин лиҳоз, зимни рушди шохиси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ моро зарур аст, ки аз таҷрибаи андӯхтаи ташаккулёфтаи инфрасохтори телекоммуникатсионӣ дар Федератсияи Россия истифода намоем.

Албатта, рушди хизматрасониҳои рақамӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар нишондиҳандаҳои ба хизматрасониҳои рақамӣ таъсиррасон низ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, дар асоси маълумоти дар ҷадвали 2 низомбандишуда шохиси рушди хизматрасониҳои фосилавӣ (онлайнӣ)-ро дар кишвар ва давлатҳои шарики Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамоем.

**Ҷадвали 2. – Мавқеи Тоҷикистон дар шохиси рушди хизматрасониҳои фосилавӣ**
(ба ҳолати моҳи январи соли 2023)

| **Кишварҳо** | **OSI - Шохиси хизматрасони-ҳои онлайнӣ** | **Сохтори институт-сионалии мамлакат** | **Пешниҳоди контент** | **Пешниҳоди хизматҳо** | **Иштироки рақамӣ** | **Технология** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 0,9344 | 0,9615 | 1,0 | 0,9733 | 0,8068 | 0,9412 |
| Ҷумҳурии мардумии Чин | 0,8876 | 1,0 | 0,9 | 0,84 | 0,8636 | 0,8235 |
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 0,7440 | 0,9231 | 0,9 | 0,7333 | 0,6136 | 0,8824 |
| Федератсияи Россия | 0,7368 | 1,0 | 0,7 | 0,720 | 0,6023 | 0,9412 |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 0,6176 | 0,9231 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,7059 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **0,3968** | **0,6538** | **0,6** | **0,40** | **0,250** | **0,5882** |
| Ҷумҳурии Туркманистон | 0,2980 | 0,6923 | 0,4 | 0,3667 | 0,1023 | 0,2941 |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси Исследование ООН: *Электронное правительство 2022, цифровое правительство в десятилетии действий по достижению устойчивого развития, ООН Нью-Йорк, 2022, стр. 226-231. URL: https://publicadministration.un.org/en/publicadministration.un.org/egovkb/en-us/ (санаи истифодабарӣ: 20.05.2024).

Аз шохиси рушди хизматрасониҳои фосилавии дар ҷадвали 2 овардашуда мушоҳида мегардад, ки Ҷумҳури Тоҷикистон дар солҳои охир байни як қатор кишварҳои ИДМ ва

шарикони рушд нишондиҳандаи нисбатан пастро дорад. Зеро, кишвар бо шохиси 0,3968 байни давлатҳои мавриди таҳлил қарор гирифта, мавқеи аз охирон болоро ишғол намуда, аз рӯи шохиси болозикр танҳо бо 0,1 банди фоизӣ аз Ҷумҳурии Туркманистон дар пеш мебошад. Тавре мушоҳида мешавад Ҷумҳурии Қазоқистон дар ин раддабандӣ дар байни давлатҳои ИДМ мавқеи аввалро ишғол менамояд ва шохиси рушди хизматрасониҳои онлайнӣ дар ин кишвар нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз як маротиба баланд мебошад. Ҳамзамон, дар ин шохиси муҳимми ба рушди хизматрасониҳои рақами мусоидаткунанда Ҷумҳурии Қазоқистон аз Ҷумҳурии мардумии Чин ва Федератсияи Россия низ дар пеш аст. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон низ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шохиси рушди хизматрасониҳои фосилавӣ мутаносибан 0,33 ва 0,2 банди фоизӣ дар пеш мебошанд.

Аз таҳлили анҷомдодашуда метавон хулоса намуд, ки шохиси рушди хизматрасониҳои фосилавӣ дар кишвари мо бояд дар оянда ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди иқтисоди рақамӣ такия ба таҷрибаи андӯхтаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии мардумии Чин ва инчунин Ҷумҳурии Ӯзбекистону Федератсияи Россия, ки шохиси назарраси рушдёфтаро дар солҳои охир ноил шудаанд, амалӣ карда шавад.

Албатта, ба хизматрасониҳои фосилавӣ ё худ онлайнӣ истифодаи шабакаи интернет ва технологияи мобилӣ низ таъсир мерасонанд, ки нишондиҳандаҳои зарурӣ соҳа дар ҷадвали 3 бо мақсади таҳлил низомбандӣ шудаанд.

**Ҷадвали 3. – Рушди нишондиҳандаҳои алоқаи мобилӣ ва Интернет - инфрасохтор дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳолати январи соли 2023** (бо фоиз)

| **Нишондиҳандаҳо** | **Қазоқистон** | **Ӯзбекистон** | **Қирғизистон** | **Тоҷикистон** | **Туркманистон** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Доҳил шудани интернети мобилӣ** (нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ 57%)**,** аз ҷумла бо технологияи | **49** | **46** | **42** | **41** | **40** |
| - 2G | 5 | 13 | 13 | 20 | 30 |
| - 3G | 33 | 47 | 48 | 44 | 35 |
| - 4G | 62 | 40 | 39 | 36 | 35 |
| - 5G | 0 | 0,5 | 0 | 0,1 | 0 |
| **Холи умумӣ ва муваффақият аз рӯи 4 гурӯҳи критерияҳои MCL, ки GSMA** (ташкилоти таҳлилгарои соҳои алоқа) **арзёбӣ кардааст, аз ҷумла** | **73,5** | **50,9** | **59,9** | **45,5** | **-** |
| - Инфрасохтор | 62,7 | 57,0 | 63,1 | 52,4 | - |
| - Дастрасии нарх | 78,5 | 47,5 | 51,1 | 38,4 | - |
| - Омода будани харидорони хизматҳои мобилӣ | 84,0 | 64,9 | 76,5 | 58,1 | - |
| - Контент ва хизматрасониҳо | 70,6 | 38,0 | 52,0 | 36,6 | - |
| Арзиши 2 ГБ маълумот бо фоиз нисбати Даромади умумии миллии ҳармоҳа ба сари аҳолӣ | 0,9 | 1,1 | 2,7 | 7,5 | 5,1 |
| Шумораи истифодабарандагони Итернет (млн. нафар) | 13,9 | 17,1 | 3,7 | 3,0 | 1,6 |
| Ҳиссаи истифодабарандагони Интернет нисбат ба аҳолӣ | 76,6 | 50,1 | 55,0 | 34,4 | 25,3 |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти зерин таҳия шудааст: Преодоление цифрового разрыва в Центральной Азии и на Южном Кавказе // О. Кенечи, Б. Саяли и др.// GSMA. – 2023. – 38 с.

Аз додаҳои дар ҷадвали 3 низомбандӣ гардида аён мешавад, ки дар байни давлатҳои Осиё Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати январи соли 2023 дар нишондиҳандаи ворид

ва истифодаи интернети мобилӣ яке аз мавқеи поёнтаринро ишғол менамояд, ки ба 41 фоиз баробар аст. Гуфтан зарур аст, ки истифодаи технологияи интертети мобилии 4G дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва 3G дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон ва Тоҷикистон зиёдтар арзёбӣ мешавад. Бо сабабе, ки зарурати истифодаи технологияи 4G ва 5G дар шароити муосири хизматрасониҳои рақамӣ пеш омада аст ва тадриҷан барномаҳои мобилӣ, платформаҳо ба реҷаи технологии мазкур мутобиқ карда мешавад гузариши пурраи хизматрасониҳои интернетӣ дар кишвар ба ин реҷа тақозо мегардад. Илова ба ин зарур аст, ки истифода шудани интернети модилӣ дар байни мизоҷони хизматрасониҳои мобилӣ дар Тоҷикистон вусъат дода шавад.

Нишондиҳандаи алоҳидаи инфрасохтор, дастрасии нарх, омода будани харидорони хизматҳои мобилӣ ва контенту хизматрасониҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дарак доданд, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон натиҷаи ҳисоби рушди ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон назаррас зиёд мебошад. Зарур мешуморем, ки дар ин самт дар мамлакати мо таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар оянда мавриди омӯзишу истифода қарор гирад.

Боиси зикр аст, ки рушди хизматрасониҳои фосилавӣ ва махсусан хизматрасониҳои суғуртавии рақамӣ аз шохиси амнияти иттилоотӣ дар мамлакат низ вобаста мебошанд. Бинобар ин мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалии оид ба амнияти иттилоотӣ (Global Cybersecurity index) дар ҷадвали 4 мутобиқи маълумоти охирони нашрнамудаи ташкилоти болозикр низомбандӣ шудааст.

**Ҷадвали 4. – Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалии рушди шохиси амнияти иттилоотӣ (**дар соли 2021)

| Мақом | Кишварҳо | Шохис |
|---|---|---|
| 1. | Сингапур | 0,975 |
| 10. | Россия | 0,788 |
| 32. | Чин | 0,624 |
| 82. | Қазоқистон | 0,352 |
| **90.** | **Тоҷикистон** | **0,292** |
| 92. | Ӯзбекистон | 0,277 |
| 96. | Қирғизистон | 0,270 |
| 131. | Туркманистон | 0,133 |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Global Cybersecurity index [манбаи электронӣ]. URL: https://www.nonews.co/directory/lists/countries/cybersecurity-index таҳия гардидааст. (санаи истифодабарӣ: 25.10.2023)

Тавре мушоҳида мешавад, шохиси амнияти иттилоотӣ дар давраи таҳлилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 0,292 баробр шуда, мавқеи 90-ум ро дар байни зиёда аз 190 давлати ҷаҳон ишғол менамояд. Боиси зикр аст, ки дар ин раддабандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ дар пеш мебошад, вале қиёсан ба дигар мамлакатҳо нишондиҳандаи мазкур назаррас паст аст. Аз ин лиҳоз, дар оянда зарурати рушди шохиси амнияти иттилоотӣ дар мамлакат бо мақсади ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ пеш омада аст.

Зарур мешуморем, ки тавассути шохиси инноватсионӣ дар раддабандии ҷаҳонӣ, ки чун омили рушди иқтисоди рақамӣ мебошад таҳлил анҷом дода бошем. Дар ҷадвали 6 мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалӣ байни 132 давлати ҷаҳон оид ба рушди иқтисоди рақамӣ, ки вазъи хизматрасониҳои рақамӣ аз он вобаста мебошанд барои соли 2023 оварда шуда аст.

**Ҷадвали 5. – Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалии шохиси рушди инноватсионӣ (**дар соли 2023)

| Мақом дар сатҳи ҷаҳон | Кишварҳо | Шохис |
|---|---|---|
| 1. | Шветсария | 67,6 |
| 12. | Ҷумҳурии Мардумии Чин | 55,3 |
| 51. | Федератсияи Россия | 33,3 |
| 81. | Ҷумҳурии Қазоқистон | 26,7 |
| 82. | Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 26,2 |
| 106. | Ҷумҳурии Қирғизистон | 20,2 |
| **111.** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **18,3** |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Global Innovation Index 2023 Innovation in the face of uncertainty 16th Edition. – 250 p. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.wipo.int/edocs/pubdocs/en/wipo-pub-2000-2023-en-global-innovation-index-2023-16th-edition.pdf (санаи истифодабарӣ: 15.10.2024)

Тавре аз додаҳои ҷадвали 5 мушоҳида мешавад дар раддабандии байналмилалии шохиси рушди инноватсионӣ байни 132 давлати ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи 111-ро бо шохиси 18,3 ишғол менамояд. Албатта ин нишондиҳанда нисбат ба 21 давлати ҷаҳон, ки дар соли 2023 ба таҳқиқи байналмилалӣ фаро гирифта шуданд зиёд мебошад, вале нисбат ба 110 давлати дигари таҳқиқшуда назаррас поёнтар мебошад. Дар ин раддабандӣ мавқеи Тоҷикистон аз дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ махсусан ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон низ дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад.

Шохиси рушди инноватсионӣ дар Шведсария ба 67,6 хол баробар буда мавқеи аввалро дар сатҳи ҷаҳон ишғол менамояд ва шохиси мазкур назар ба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,7 маротиба зиёд мебошад. Боиси зикр аст, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ин раддабандӣ бо 55,3 хол дар сатҳи ҷаҳон мавқеи 12-ум ва минтақаи Осиё мақоми аввалро ишғол менамояд. Федератсияи Россия дар сатҳи ҷаҳон бо 33,3 хол мақоми 51 ва дар байни давлатҳои ИДМ мақоми аввалро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, дар оянда зарур аст, ки барои баланд бардоштани шохиси рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия истифода гардад.

Албатта барои рафъи паҳлуҳои сусти бозори хизматрасониҳои рақамӣ дар шароити рақамикунонӣ имконияти амалӣ намудани чораҳои хоса мавҷуд мебошанд. Боиси зикр аст, ки дар сурати истифода накардани имконияхои мавҷуда дар оянда бозори хизматрасониҳои рақамии кишварро масъалаҳои зерин таҳдид менамоянд:

- бурунрафти сармоя зери таъсири дар сатҳи зарурӣ афзоиш наёфтани хизматрасониҳои рақамӣ дар фаъолияти ташкилоту корхонаҳои ватанӣ;
- амалӣ нашудани ҳадафҳои иқтисоди рақамӣ дар бахши хизматрасониҳои рақамӣ барои дарёфти рентаи рақамӣ;
- афзоиш ёфтани хароҷотҳои трансаксионӣ дар раванди хизматрасониҳои рақамӣ;
- ба миён омадани номутобиқатии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ба шароити хизматрасониҳои рақамӣ;
- коҳиш ёфтани мавқи кишвар дар шохисҳои таъсиррасон ба иқтисодиёти рақамӣ.

Ҳамин тавр, рушди иқтисодиёти рақамӣ аз маҷмӯи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва воситаҳои техникӣ, инчунин инфрасохтори рақамӣ вобаста буда дар раванди такрористеҳсолоти муосир нақши калидӣ дорад. Боиси таъкид аст, ки тавсияҳои дар мақола пешниҳодшуда метавонанд ба имкониятҳои рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва хосатан рушди хизматрасониҳои рақамӣ мусоидат намоянд. Вале рушди маҷмӯии хизматрасониҳои рақамӣ дар мамлакат таҳқиқоти густурдаро дар ин самт тақозо менамояд.

**Адабиёт**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 26 январи соли 2021;

2. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, аз 26 октябри соли 2021, №460;

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636;

4. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз 1 июли соли 2022, №314;

5. Исследование ООН: *Электронное правительство 2022, цифровое правительство в десятилетии действий по достижению устойчивого развития, ООН Нью-Йорк, 2022, стр. 226-231. URL: https://publicadministration.un.org/en/publicadministration.un.org/egovkb/en-us/ (санаи истифодабарӣ: 20.05.2024).

6. Преодоление цифрового разрыва в Центральной Азии и на Южном Кавказе // О. Кенечи, Б. Саяли и др.// GSMA. – 2023. – 38 с.

7. Программа е-АПК. [Электронный ресурс]. – URL: - http://mgov.kz/ru/o-deyatel-nosti/e-apk-a-kti-tsifrlandyru/ (дата обращения: 20.12.2023).

8. Global Innovation Index 2023 Innovation in the face of uncertainty 16th Edition. – 250 p. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.wipo.int/edocs/pubdocs/en/wipo-pub-2000-2023-en-global-innovation-index-2023-16th-edition.pdf (санаи истифодабарӣ: 15.10.2024).

**УДК 338.48**

**Шарипов Ҳ.А.**

# САЙЁҲӢ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР: МУШКИЛОТҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

Таърихи ғанӣ ва мероси ғании фарҳангӣ, табиати нотакрори рангоранг ва маконҳои биҳиштии Тоҷикистон заминаи рушди сайёҳӣ мебошад, ки яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, сайёҳӣ ҳамчун воситаи собитшудаи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба даст овардани даромад ба аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳар як кишвар саҳми арзанда гузоштааст.

Татбиқи мақсадҳои нави сайёҳӣ на танхо аз нав сохтани характери ичтимоию иқтисодӣ, балки ҷустуҷуи шаклҳои нави самарабахши корро низ зарур мегардонад.

**Калимаҳои калидӣ:** Сайёҳӣ, осоишгоҳ, фарҳанг,иқтисодиёт, сайёҳ, Тоҷикистон,ширкатҳои сайёҳӣ.

**Шарипов Х.А**

# ТУРИЗМ КАК ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ: ПРОБЛЕМЫ И РЕШЕНИЯ

Богатая история и богатое культурное наследие, уникальная колоритная природа и райские места Таджикистана являются основой развития туризма, который считается одним из важных направлений развития национальной экономики. В связи с этим туризм как проверенное средство привлечения внутренних и иностранных инвестиций, создания новых рабочих мест, получения доходов населения и обогащения государственного бюджета внес значительный вклад в экономическое и социальное развитие каждой страны.

Реализация новых туристских целей требует не только реконструкции социально-экономического характера, но и поиска новых эффективных форм работы.

**Ключевые слова:** Туризм, курорт, культура, экономика, турист, Таджикистан, туристические компании.

**Sharipov Kh.A.**

# TOURISM AS A PRIORITY DIRECTION OF THE COUNTRY'S ECONOMY: PROBLEMS AND SOLUTIONS

The rich history and rich cultural heritage, unique colorful nature and paradise places of Tajikistan are the basis for the development of tourism, which is considered one of the important areas of development of the national economy. In this regard, tourism as a proven means of attracting domestic and foreign investment, creating new jobs, generating income for the population and enriching the state budget has made a significant contribution to the economic and social development of each country.

The implementation of new tourism goals requires not only the reconstruction of the socio-economic nature, but also the search for new effective forms of work.

**Keywords:** Tourism, resort, culture, economy, tourist, Tajikistan, travel companies.

**Гузориши масъала:** Таърихи ғанӣ ва мероси ғании фарҳангӣ, табиати нотакрори рангоранг ва маконҳои биҳиштии Тоҷикистон заминаи рушди сайёҳӣ мебошад, ки яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, сайёҳӣ ҳамчун воситаи собитшудаи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба даст овардани даромад ба аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳар як кишвар саҳми арзанда гузоштааст.

Татбиқи мақсадҳои нави сайёҳӣ на танхо аз нав сохтани характери ичтимоию иқтисодӣ, балки ҷустуҷуи шаклҳои нави самарабахши корро низ зарур мегардонад. Яке аз самтҳои ояндадор дар рушди сайёҳӣ ва тамоми соҳаҳои ин фаъолият омӯзиши самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур дар иқтисодиёти кишвар мебошад.

**Мақсади мақола:** муаяйян намудани роҳҳои афзалиятноки рушди сайёҳӣ дар кишвару рушд додани асосҳои тадқиқотҳои назариявии бозори сайёҳӣ ва хизматрасонӣ дар ин самт, инчунин ҳолати инфрасохтори он дар мамлакат мебошад.

Таърихи ғанӣ ва мероси ғании фарҳангӣ, табиати нотакрори рангоранг ва маконҳои биҳиштии Тоҷикистон заминаи рушди сайёҳӣ мебошад, ки яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, сайёҳӣ ҳамчун воситаи собитшудаи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба даст овардани даромад ба аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳар як кишвар саҳми арзанда гузоштааст.

Татбиқи мақсадҳои нави сайёҳӣ на танхо аз нав сохтани характери ичтимоию иқтисодӣ, балки ҷустуҷуи шаклҳои нави самарабахши корро низ зарур мегардонад. Яке аз самтҳои ояндадор дар рушди сайёҳӣ ва тамоми соҳаҳои ин фаъолият омӯзиши самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур дар иқтисодиёти кишвар мебошад. [1]

Вазифаҳои асосии самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ метавонанд инҳо бошанд:

- муаяйян намудани роҳҳои афзалиятноки рушди сайёҳӣ дар кишвар;
- рушд додани асосҳои тадқиқотҳои назариявии бозори сайёҳӣ ва хизматрасонӣ дар ин самт;
- муайян намудани тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди сайёҳию бозори сайёҳӣ, инчунин ҳолати инфрасохтори он дар мамлакат;
- муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори сайёҳӣ ва хизматрасониҳо дар ин самт;
- Коркарди самти асосии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳии ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир;
- Коркарди модели аслии идоракунӣ ва тасдиқи стратегияи ҳамгироии бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар муҳити сайёҳии ҷаҳонӣ.

Дар ин баробар соҳаи мазкур матвонад ҳамчун соҳаи таъминкунандаи шуғли пурмаҳсул дар деҳотҷойҳои кишвар ба ҳисоб равад. Ҳамин аст, ки солҳои охир аз таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ имкон фароҳам омад, ки дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гардиданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои рушду нумуи дилхоҳ соҳа, шароитҳо ва омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Омили асосии рушддиҳандаи дилхоҳ соҳа ин мавҷудияти қонуну аснодҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ташкил ва танзими фаъолият дар соҳа ба ҳисоб меравад. Боиси қаноатмандист, ки имрӯз барои ташкили фаъолияти сайёҳӣ дар кишвар қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаю стратегияҳои давлатӣ мавҷуд мебошанд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи сайёҳии дохилӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017» Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ва монанди инҳо. Ҳамчунин бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар, бо шуғли пурмаҳсул таъмин кардани аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодии сокинони мамлакат бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шуданд.

Омили дигари такондиҳандаи соҳа, ин дар сатҳи зарурӣ омодасозии мутахассисон ба ҳисоб меравад, чунки мутахассисони болаёқати соҳаи сайёҳӣ пешбарандаи фаъолияти соҳа мебошанд. Вобаста ба ин дар «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Боби 3. Вазъи муосир ва ҳадафҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, сархати §1. Соҳаи сайёҳии Тоҷикистон дар соли 2030 (пешбинӣ, ҳадаф ва вазифаҳо) қайд гардидааст, ки:

яке аз муасиссаҳои олии кишвар бояд дар самти омодасозии мутахассисони сатҳи байналмилалии соҳаи сайёҳӣ махсусгардонида шавад. Вобаста ба ин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли аз 27 январи соли 2022, таҳти рақами №17 ба Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат" мақоми муассисаи таълимии байналмилалӣ дода шуда, Муассисаи давлатии "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" номгузорӣ карда шуд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки имрӯз дар ин муассисаи таълимӣ тамоми шароитҳои таълимию илмомӯзӣ барои омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат дар соҳаи мазкур мавҷуд мебошад. [2].

Ба сифати омили навбатӣ, дар сатҳи қаноатманкунанда таъмин будани соҳа бо инфрасохтори зарурӣ ва содагардонии ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба кишварро номбар намудан мумкин аст.

Вобаста ба ин аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2023) метавон иқтибос овард: *“Дар панҷ соли охир ба кишвар беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст. Хотирнишон намуданд, ки Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуда, зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок амалӣ карда шавад. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби соддакардашуда ҷорӣ гардидаст”*. [3].

Мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ яке аз омилҳои асосии ба маротиб афзункунандаи ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба кишвар маҳсуб меёбад. Бо бунёди роҳҳои сатҳи байналмилалӣ, меҳмонхонаҳо, марказҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон, ташрифи сайёҳон ба кишвар рӯ ба афзоиш ниҳодааст.




.

**Диграммаи 1. Шумораи сайѐҳони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба кишвар ба ҳайси сайѐҳ ворид шудаанд, ҳаз.нафар.**

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. с 626 .с.259. [4].

Мутаассифона ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ, дар ММД–и кишвар қанотмандкунанда нест. Ин нишондиҳанда соли 2021 1,2%-ро ташкил дод, ки дар ҳамин сол 350 ҳазор нафар сайёҳ ба кишвар ташриф оварданд. Агар мо ба давраи пеш аз пандемия назар кунем, яъне соли 2019 ба кишвар 1, 350 ҳазор нафар сайёҳ ташриф оварданд ва дар ҳамин давра ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД 2,3 фоизро ташкил медод.

Инчунин бояд хотиррасон намуд, ки Тибқи пешгӯиҳои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, то соли 2020 шумораи сайёҳон ба 1,6 миллиард нафар мерасад, даромади ҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2020 ба 2 триллион доллар расид. Аз ин лиҳоз барои ҷалби ҳиссае маблағи зикргардида ва шумораи сайёҳон мо бояд шарту шароитҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалиро дар мамлакати худамон фароҳам орем то ки тавонем дар оянда бо зиёд шудани маблағи дар боло зикргардида ва шумораи сайёҳон иқтисодиёти мамлакатамонро ғани гардонем .[5, с. 3].

Бояд қайд намуд, ки сайёҳони хориҷӣ пеш аз ҳама ба манзараҳои табиӣ ва обҳои шифобахши «Шоҳамбарӣ», «Хоҷа Оби гарм», «Гармчашма», «Оби гарм», қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳои Тоҷикистон, ба монанди қуллаҳои баланди Помир, қаторкӯҳҳои Ҳисору Зарафшон, инчунин шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистон – Истаравшан, Ҳисор, Панҷакент, Кӯлоб, Исфара ва ғ. бо нигоҳ доштани анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳунармандӣ мутаваҷҷеҳ мешаванд.[6].

Омили ниҳоӣ ба ақидаи мо, ки имрӯз мушкилоти асосӣ дар самти рушди сайёҳӣ мансуб меёбад ин дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ нагардидани имкониятҳои сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад.

Мушкилот дар мавриде ҳалли худро пайдо менамояд, ки Воситаҳои ахбори умуми кишвар дар ҳамбастагӣ бо олимон, мутахассисони соҳа ва ширкатҳои сайёҳӣ бренди миллии сайёҳии кишварро таҳия ва коркард намоянд. Маҳз дар ин мавлид мушкилотҳои дигари дар соҳа ҷойдошта метавонанд ҳалли худро пайдо намоянд.

Хулоса, мо чунин меҳисобем, ки тамоми мутахассисон, ширкатҳои сайёҳӣ ва умуман субъектҳои дар соҳаи мазкур ба фаъолият машғулбударо зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти амалигардии бандҳои алоҳидаи «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷоннок намуда, дар заминаи он ҳадафҳои минбаъдаи худро роҳандозӣ намоянд. Дар охир баъзе аз бандҳои стратегияи мазкурро ба таваҷҷуҳи хонанда пешкаш менамоем, ки роҳандозии онҳо имкони хуби таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонанд:

**1. Дар самти ташаккули асосҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ:**

- такмили қонунгузории амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ;
- дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қабулшудаи байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

**2. Дар самти ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ:**

- ҳавасмандгардонии инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, таъсиси равзанаи ягона ва автоматикунонидашудаи бақайдгирии сайёҳон (низоми Е-меҳмон);
- муосиргардонии нуқтаҳои қабули сайёҳон, аз ҷумла фурудгоҳҳои аҳамияти байналмилалӣ ва маҳаллидошта, гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва терминалҳои нақлиётӣ;
- рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт, аз ҷумла иншооти хизматрасониҳои муосири сарироҳии беҳдоштию санитарӣ ва маишию техникӣ, аломатҳо ва нишонаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
- рушди инфрасохтори пойгоҳҳои сайёҳӣ бо фарогирии маҷмааҳои варзишӣ-солимгардонӣ, истироҳатӣ-рекреатсионӣ;
- рушди инфрасохтори саёҳати кӯҳӣ ва экологӣ;
- рушди инфрасохтори муосири шабакавии меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, осорхона ва китобхонаҳо, муассисаҳои театрӣ ва кино бо риояи унсурҳои миллӣ;
- рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ.

**3. Дар самти тақвияти иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили дурусти тарғибу ташвиқи ҳаматарафаи он:**

- анҷом додани таҳқиқот ҷиҳати мушаххас намудани иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муаррифии иқтидорҳои сайёҳӣ.

**4. Дар самти таъмини рақобатпазири маҳсулоти сайёҳии ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии асосёфта:**

- таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар асоси баланд бардоштани сифати он;
- гуногунсозии таркиб ва тавсеаи намудҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- густариши хизматрасониҳои электронии сайёҳӣ дар низоми онлайн-замимаҳо (раводид, меҳмонхона, тарабхона, нақлиёт);
- ташаккули низоми шаффофи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо, гуруҳбандии онҳо ва муайян кардани дараҷаву мақоми онҳо;
- ташаккули фарҳанги нархгузорӣ ба хизматрасониҳои сайёҳӣ.

**5. Дар самти ташаккул ва муаррифии бренди миллии мавзеъҳои сайёҳӣ, маркетинг ва пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиию рекреатсионӣ ва мероси таърихию фарҳангӣ:**

- ташаккули сиёсати бренди миллии сайёҳӣ ва муаррифии бренди миллии мавзеъҳо ва иншооти сайёҳӣ;
- муаррифии бренди миллӣ бо истифода аз воситаҳои иртиботи маркетингӣ, аз ҷумла тарғибу ташвиқӣ (минбаъд PR) – реклама, маводи таблиғотии аудиовизуалӣ ва чопӣ;
- ташкили тарғибу ташвиқи бренди сайёҳӣ бо истифода аз воситаҳои пахш, шабакаи ҷаҳонии интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва муаррифии он дар чорабиниҳои сатҳи гуногуни миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ;
- таҳияи феҳристи захираҳои табиию рекреатсионӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ;
- ҳифзи муҳит зист ва таъмини  бехатарии экологӣ;
- таснифи иншооти мероси таърихию фарҳангии марбут ба таърих ва фарҳанг.

**6. Дар самти тақвияти неруи инсонӣ, таъминоти кадрӣ ва шуғли пурмаҳсул дар соҳаи сайёҳӣ:**

- таъмини шароити мусоид барои рушди неруи инсонӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо бо мақсади таъмини шуғли пурмаҳсул дар соҳаи сайёҳӣ;
- таъминоти кадрии соҳаи сайёҳии кишвар, ташкил ва гузаронидани курсҳои бозомӯзии кадрҳои идоракунӣ ва ҳайати хизматрасон;
- таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатии соҳаи сайёҳӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва бозори (меҳнати) сайёҳии кишвар;
- баррасии масъалаи таъсиси Академияи байналмилалии сайёҳӣ ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Шоҳроҳи Абрешим бо мақсади омода кардани мутахассисони баландихтисос ва кадрҳои илмии соҳаи сайёҳӣ
- ташкили омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, такмили ихтисос ва омода кардани кадрҳо дар хориҷи кишвар;
- арзёбии сатҳи тахассус, маҳорату малакаи касбӣ, таърих, фарҳанг, расму ойини миллӣ, забонҳои хориҷӣ ва технологияи муосир;
- таъмини шуғли доимӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

**7. Дар самти мутобиқгардонӣ ба стандартҳои байнамилалӣ ва таъмини бехатарии сайёҳон:**

- ташаккули меъёрҳои стандартҳои миллии сайёҳӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ;
- ҳамкорӣ бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ дар самти мутобиқгардонии маҳсулоти сайёҳии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ;
- -  назорати риояи стандартҳои байналмилалӣ дар ташкил ва пешбурди фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ;
- андешидани тадбирҳо дар таъмини бехатарии сайёҳон;
- ҳимояи ҳуқуқҳо ва ташкили суғуртакунонии сайёҳон.

**8. Дар самти таъсиси кластерҳои сайёҳӣ ва таъмини инноватсионию сармоягузории рушди соҳаи сайёҳӣ:**

- ташкили кластерҳои сайёҳӣ дар самти лижаронии кӯҳӣ, курортӣрекреатсионӣ, таърихӣ фарҳангӣ ва омӯзишӣ барои Шоҳроҳи Абрешим;
- таъсиси кластерҳои сайёҳии корӣ (соҳибкорӣ) барои баргузории вохӯриҳои байналмилалӣ, форумҳо, симпозиумҳо ва конфронсҳо;
- таъсиси кластерҳои сайёҳии ташкили чорабиниҳо (рӯйдоду ҷашнҳо) барои баргузории мусобиқаҳои байналмилалӣ оид ба намудҳои миллии варзиш ва идҳои миллӣ, фестивалҳои эҷодӣ, мусобиқаҳо, намоишгоҳҳо, инчунин мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ;
- ташкили кластерҳои махсуси мавзӯии сайёҳӣ;
- таъмини инноватсионии рушди фаъолияти соҳаи сайёҳӣ;
- беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- ҷалби сармояи хориҷиву дохилӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ;
- пешниҳод ва амалисозии имтиёзҳо ва кафолати давлатии ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон.

Дар охир бояд қайд намуд,ки дар бисёр кишварҳо сайёҳӣ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва шуғли аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Инчунин бояд хотирасон намуд,ки 10% сармоягузории ҷаҳон аз ҳисоби сайёҳӣ рост меояд.[7]. Аз ин рӯ, имконият҇ҳои иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар кишвар то ҳол ба таври кофӣ амалӣ нашудаанд ва муҳимтарин масъалаи замони мо масъалаи ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат ва имкониятхои бештар фарохам меоварад рушди туризми дохилӣ ин боиси афзудани даромад аз фаъолияти туристӣ мегардад.

**Адабиёт**

1.Биржаков М.Б. Введение в туризм. СПб.: Издательский торговый дом «Герда», 2000. с.67

2.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли аз 27 январи соли 2022, таҳти рақами №17

3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2023)э

4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. с 626 .с.259.

5. Гуляев В. Г. Туризм: экономика и социальное развитие. М.: Финансы и статистика, 2003. 304 с.

6. Қодирова М., Қодиров Ф. Асосҳои туризм. Душанбе, 2012. С.54

**7.** Lavrov Victor Valerievich, Skorchelletti Dmitry Sergeevich Tourism Development as the Most Important Direction of the Country’s Economic Activity.c.13.12.c

УДК: 336.02

Сафаров Х.А., Сафарова М.И.

# НАҚШИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

Дар мақола мақоми сиёсати молиявӣ дар низоми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф мубрамии мавзӯи таҳқиқшударо бо далелҳои воқеӣ, аз ҷумла: муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва нишондоди Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоснок кардааст. Қайд карда шудааст, ки сиёсати молиявӣ дорои мазмун, мақсаду вазифаҳо ва принсипҳо буда, дар худ сиёсати буҷетӣ, андозӣ, нархӣ, пулию қарзӣ, гумрукӣ, қарзии дохилию берунӣ ва сиёсати молиявиро дар сатҳи байналмилалӣ фаро мегирад. Аз нигоҳи муаллифи таҳқиқот Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 стратегия ва барномаҳои давлатии рушди индустриалию инноватсионӣ, рушди маҳалҳои деҳотнишин ва татбиқи буҷетикунонии ба натиҷаҳо нигаронидашуда тактикаи сиёсати молиявии давлат мебошанд. Самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявӣ муайян ва ошкор гардидаанд, ки онҳо рушди ҳамаҷонибаи соҳаи молия ва иқтисоди миллиро дар назар доранд. Нақши муҳими банақшагирии молиявӣ дар ташаккули сиёсати молиявӣ муайян гардида, ҳадафу вазифаҳо, самти асосӣ, принсипҳо ва усулҳои он ошкор карда шудаанд. Дар қисмати ниҳоии мақола хулосаву пешниҳодҳои муаллиф оварда шудаанд.

Сафаров Х.А., Сафарова М.И.

# РОЛЬ ФИНАНСОВОЙ ПОЛИТИКИ В СИСТЕМЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВА

В статье рассматривается статус финансовой политики в системе социально-экономической политики государства. Автор обосновал проблему исследуемой темы реальными фактами, в том числе: положениями Закона Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан», Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и указание Послания Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона. Отмечается, что финансовая политика имеет содержание, цели, задачи и принципы и включает в себя бюджетную, налоговую, ценовую, денежно-кредитную, таможенную, внутреннюю и внешнюю кредитную и финансовую политику на международном уровне. По мнению автора исследования, Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и Стратегия управления государственными финансами Республики Таджикистан на период до 2030 года являются стратегиями и государственными программами индустриально-инновационного развития, развитие сельских территорий и внедрение бюджетирования ориентированного на результаты являются тактиками финансовой политики государства. Определены и раскрыты приоритетные направления финансовой политики, предполагающие комплексное развитие финансового сектора и национальной экономики. Определена важная роль финансового планирования в формировании финансовой политики, раскрыты ее цели и задачи, основные направления, принципы и методы. Выводы и предложения автора изложены в заключительной части статьи.

Safarov Kh., Safarova M.I.

# THE ROLE OF FINANCIAL POLICY IN THE SYSTEM OF SOCIAL AND ECONOMIC POLICY OF THE STATE

The article examines the status of financial policy in the system of socio-economic policy of the state. The author substantiated the problem of the topic under study with real facts, including: the provisions of the Law of the Republic of Tajikistan "On public finances of the Republic of Tajikistan", the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to

2030 and the instructions of the Message of the President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon. It is noted that financial policy has content, goals, objectives and principles and includes budget, tax, pricing, monetary, customs, domestic and foreign credit and financial policies at the international level. According to the author of the study, the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and the Strategy for Public Finance Management of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 are strategies and state programs for industrial and innovative development, the development of rural areas and the introduction of results-oriented budgeting are tactics of the financial policy of the state. The priority areas of financial policy are defined and disclosed, implying the comprehensive development of the financial sector and the national economy. The important role of financial planning in the formation of financial policy is defined, its goals and objectives, main directions, principles and methods are disclosed. The author's conclusions and proposals are presented in the final part of the article.

Молияи давлатӣ маҷмӯи муносибатҳои пулиро вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд, дар бар мегирад [2].

Перомуни молияи давлатӣ ва самаранокии он Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 бо чунин мазмун қайд намуда буданд: «Дар натиҷаи татбиқи сиёсати самарабахши молияи давлатӣ, аз ҷумла дар самти таъмини суботи молиявӣ, такмили низоми андозбандӣ ва баланд бардоштани самаранокии идораи молияи давлатӣ ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мунтазам афзоиш ёфт» [4].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, ки бахши молиявии кишвар то кунун ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст [7, с.70]. Устуворгардонии сиёсати молиявӣ низ дар навбатти худ самти муҳими ташаккул ва такмили муносибатҳои молиявӣ ва дар ниҳоят, заминаи устувори рушди бахши молиявии мамлакат дониста мешавад. Нуқтаҳои қайдшуда мубрам будани таҳқиқи илмии сиёсати молиявиро дар низоми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат тасдиқ менамоянд.

Сиёсати молиявӣ фаъолияти мақсадноки давлат дар самти истифодабарии молия ба ҳисоб меравад, ки барои ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст. Сиёсати молиявии давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026
- Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;
- Дигар барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тибқи муқаррароти моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи

озодонаро фароҳам меорад [1]. Бо назардошти нуқтаи мазкур дар сиёсати молиявии давлат нақши молияи хусусӣ бояд марказӣ арзёбӣ гардад. Вобаста ба ин масъала, иқтисодчии ватанӣ Саидов Р.Н. қайд менамояд, ки сохтори молияи хусусиро бо назардошти шароити ҷойдоштаи иҷтимоию иқтисодӣ рушд дода, вазифаҳои сохторҳои алоҳидаи онро муайян намудан зарур аст [5, с.197].

Ҷиҳати таҳқиқи амиқи сиёсати молиявӣ зарур аст, то дар навбати аввал мазмун, мақсаду вазифаҳо ва принсипҳои он мавриди омӯзиш қарор дода шаванд (ниг.ба расми 1).

**Расми 1.-** Мазмун, ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои ташаккули сиёсати молиявии давлат дар шароити муосир.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тавре аз маълумоти дар расми 1 овардашуда дида мешавад, сиёсати молиявӣ самти дақиқи рушди муносибатҳои молиявиро дар заминаи таъмини мувозинати буҷети давлатӣ, рушди молияи марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда, бунёди шароити афзоиши захираҳои молиявӣ ва самараноку мақсаднок истифодабарии онҳо таъмин менамояд.

Воқеан, сиёсати молиявӣ соҳаи мустақили фаъолият ва қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Бо назардошти он ки сиёсати молиявӣ муносибатҳои зернизомҳои молиявиро танзиим менамояд, аз ин рӯ, он бояд дар худ низоми унсурҳои ба ҳам алоқамандро фаро гирад. (Ниг. ба расми 2.).

**Расми 2.-** Унсурҳои таркибии сиёсати молиявӣ.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.




Сиёсати буҷетӣ ва андозӣ дар сиёсати молиявии дилхоҳ кишвари дунё нақши марказиро ишғол менамоянд. Сиёсати буҷетӣ фаъолияти мақсадноки давлат дар самти муайянкунии вазифаҳои асосӣ, ҷиҳатҳои миқдории ташаккули даромадҳо ва хароҷотҳои

буҷет, инчунин идоракунии қарзи давлатӣ маҳсуб меёбад. Зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақирии шадид; 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш додани Маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар; баланд бардоштани мавқеи ҷумҳурӣ дар Индекси рушди инсонии Созмони Милали Муттаҳид ва «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Умумиҷаҳонӣ; ба таври назаррас баланд бардоштани хароҷоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; то ба 50 фоиз расонидани ҳиссаи синфи миёнаи аҳолӣ мақсадҳое мебошанд, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд. Роҷеъ ба аҳамияти назарраси сиёсати буҷетӣ ва андозӣ дар Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда мешавад, ки институтҳои пуриқуввати иқтисодӣ, инчунин сиёсати боэътимоди андозу буҷет ва низоми идоракунии молияи давлатӣ омилҳои асосии дастовардҳои мақсадҳои болозикр мебошанд [6, с.6].

Ба сифати маҳакҳои самаранокии сиёсати буҷетӣ нишондиҳандаҳои зерин метавонанд истифода шаванд: сатҳи ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ; сатҳи иҷрои ӯҳдадориҳои буҷетӣ; бузургии касри буҷет ва суръати афзоиши қарзи давлатӣ; сатҳии монетизатсияи касри буҷет; бузургии захираҳои асъорӣ, ки барои молиякунонии касри буҷет истифода мешаванд; динамикаи ММД; дараҷаи иҷрои санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои ба онҳо баробаркардашуда оид ба буҷет.

Сиёсати андозӣ низоми чораҳои илмию асосноке мебошанд, ки аз ҷониби давлат дар соҳои андозбандӣ гузаронида мешаванд. Мазмун ва мақсади сиёсати андозӣ ба сохти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, самти умумии сиёсати иқтисодӣ, инчунин усулҳои мушаххаси сиёсати молиявии давлат вобаста мебошад.

Дар шароити имрӯза ҳадафи сиёсати андозӣ аз таъмини шароити дуруст ҳисобкунӣ, саривақтию пуррагии воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба низоми буҷети давлатӣ воридшаванда иборат мебошад.

Таҷриба исбот намудааст, ки сиёсати молиявӣ тавассути механизми молиявӣ татбиқ карда мешавад. Механизми молиявӣ бошад, як қатор унсурҳоро дар бар мегирад, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: маҷмӯи шаклҳои ташкилии муносибатҳои молиявӣ; тартиби ташаккул ва истифодаи фондҳои марказонидашуда ва ғайримарказонидашудаи воситаҳои пулӣ; усулҳои банақшагирии молиявӣ; шаклҳои идоракунии молия ва низоми молиявӣ; қонунгузории молиявӣ.

Сиёсати молиявии давлат стратегия ва тактикаи молиявиро дар бар мегирад [10].

Стратегияи молиявӣ ҳуҷҷате мебошад, ки муҳлатҳои дароз амал намуда, барои ҳалли масъалаҳои бузурги иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии ҷомеа нигаронида мешавад. Дар шароити кунунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати чунин санад Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баромад менамоянд.

Тактикаи молиявӣ бошад, ҳалли масъалаҳои мушаххасро дар марҳилаи муайяни рушди кишвар дар назар дорад, ки таъмини рушд аз тариқи тағйироти саривақтии роҳҳои ташкили муносибатҳои молиявӣ имконпазир мебошад. Ба сифати тактикаи молиявӣ барномаҳои давлатии рушд аз қабили барномаҳои рушди индустриалию инноватсионӣ, рушди маҳалҳои деҳотнишин, татбиқи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда мансуб мебошанд.

Принсипҳои сиёсати молиявӣ бояд ҳифзи манфиати ҳама иштирокчиёни истеҳсолоти ҷамъиятиро ҷонибдорӣ намояд. Ҳолатҳои зерин тасдиқи ин гуфтаҳо мебошад: а) самаранокии муносибатҳои молиявӣ; б) мутавозинии даромадҳо ва хароҷотҳои молияи давлатӣ; в) бунёди захираҳои давлатӣ ва фондҳои иҷтимоӣ; г) тақсимоти муносиби захираҳои молиявӣ ва самаранок истифодабарии онҳо.

Аз нигоҳи мо, сиёсати молиявии давлат бояд самтҳоеро дар бар гирад, ки онҳо ҷиҳати пешрафти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дар маҷмуъ, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд (ниг. ба расми 3.).




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз маълумоти расми 3 бар меояд, ки рушди молияи субъектҳои хоҷагидорӣ, ҳифзи низоми молиявӣ аз таъсири манфии бухронҳо, рақобати комил байни субъектҳои бозор, амалкарди низоми мақбули андозӣ ва дар ниҳоят, мусоидат намудан ба пешрафти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявӣ мебошанд.

Бартарии асосии сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мунтазами рушди иқтисоди миллӣ мебошад, ки ба сиёсати дарҳои боз ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон бояд дар заминаи диверсификатсия ва модернизатсияи иқтисодиёт, бунёди шароити истеҳсоли намудҳои маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда таъмин карда шавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оид ба гузариш аз стратегияи рушди саноатӣ дар асоси сармоягузориҳо ба рушди ба донишу навовариҳо асосёфта қайд шудааст, ки.....диверсификатсияи рушди иқтисодӣ аз ҳисоби интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, болоравӣ аз рӯи занҷири арзиши иловашуда дар саноат, навкунии соҳаи иҷтимоӣ, рушди босуръати бахши молиявӣ, сайёҳӣ ва соҳаҳои хизматрасониҳои соҳибкорӣ самтҳои бартаридошта дониста мешаванд [7, с.25]. Таъмини шароити зикршуда, ба рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мустақим мерасонад.

Таҳқиқи адабиёти илмӣ ва асосҳои институтсионалии соҳаи молия нишон дод, ки дар ташаккули сиёсати молиявӣ низоми бонақшагирии давлатӣ нақши асосӣ мебозад (ниг. ба расми 4).

## БАНАҚШАГИРИИ МОЛИЯВӢ

***Ҳадаф ва вазифаҳои банақшагирии молиявӣ*** аз муайянкунии сарчашмаҳои ташаккулёбии захираҳои молиявӣ, бузургии онҳо, таносуби муносиб ҷиҳати тақсимоти даромадҳо байни иштирокчиёни муносибатҳои молиявӣ, талошҳо барои таъмини таносуби мувофиқ ва мувозинат дар иқтисодиёт, соҳаҳои алоҳида, субъектҳои иқтисодӣ ва дар ниҳоят, дар ҳудудҳои муайян иборат мебошад.

***Самти асосии банақшагирии молиявӣ*** ин таъмини пешбурди сиёсати ягонаи молиявии давлат мебошад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳолатҳои зерин мусоидат менамояд: а) ҳамбастагии муносиб дар муносибатҳои тақсимотии манфиатҳои умумидавлатӣ, коллективӣ ва шахсӣ; б) ҳавасмандгардонии афзоиши андухти воситаҳои пулӣ аз ҳисоби омилҳои интенсивии афзоиши онҳо; в) хароҷотҳои молиявӣ оид ба рӯшди истеҳсолот, қонеъгардонии талаботи иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии моддии коллективҳои меҳнатӣ.

***Принсипҳои банақшагирии молиявӣ:***

а) ҳамоҳангии равишҳои марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда дар шароити мавҷуд набудани зиддиятҳо байни онҳо;

б) ягонагии банақшагирии молиявӣ ва банақшагирии иқтисодию иҷтимоӣ;

в) мунтазамӣ дар банақшагирии молиявӣ банақшагирии дарозмуддат ва солонаро ба якдигар мепайвандад, ҷиҳати бартараф намудани носаҳеҳии нишондиҳандаҳои нақшаи дарозмуддат кӯмак менамояд ва фарқияти байни нақшаҳои дарозмуддат ва ҷориро бартараф менамояд.

***Усулҳои банақшагирии молиявӣ:***

а) тавозунӣ;

б) барномаҳои мақсаднок;

в) иқтисодию математикӣ;

г) меъёрӣ;

ғ) усули коэффитсиентҳо;

д) ҳисобҳои бисёрварианта бо истифодаи техникаҳои рақамӣ ҷиҳати пешгӯйиҳои молиявӣ барои муддатҳои тӯлонӣ.

**Расми 4.-** Низоми банақшагирии давлатии молиявӣ.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳуҷҷати асосии банақшагирии молиявӣ нақшаи молиявӣ маҳсуб меёбад. Ҳуҷҷати мазкур рафти ташаккулёбӣ ва истифодаи даромадҳои пулӣ ва пасандозҳои корхонаю ташкилотҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва дар маҷмуъ, давлатро дар назар дошта, сатҳи таъминоти хоҷагии халқро бо захираҳои молиявӣ нишон медиҳад.

Низоми нақшаҳои молиявӣ намудҳои гуногуни нақшаҳоро дар бар мегирад, ки вобаста ба доираи фарогирии муносибатҳо, яъне ҳаҷми захираҳои воридшудаву истифодашудаи банақшагирифташуда аз якдигар фарқ менамоянд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, нақшаҳои молиявӣ ба ибтидоию ҷамъбастӣ ҷудо мешаванд.

Нақшаҳои ибтидоӣ – нақшаҳои корхонаҳо, иттиҳодияву ташкилотҳои соҳаи истеҳсолоти моддӣ; харҷномаҳои ташкилоту муассисаҳои давлатию буҷетӣ, ки хароҷоти онҳо пурра ва ё қисман аз ҳисоби воситаҳои буҷетӣ молиякунонӣ мешавад, махсуб меёбанд.

Нақшаҳои ҷамъбастӣ бошанд, нақшаҳои умумидавлатӣ, соҳавӣ ва ҳудудиро дар назар дорад. Намудҳои гуногуни нақшаҳои молиявӣ ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Масалан: нақшаҳои молиявии соҳавӣ нақшаҳои корхонаю ташкилотҳои тобеъро ба ҳамдигар муттаҳид менамоянд ва ғ.

Аз нигоҳи мо, банақшагирии молиявӣ мукаммал дониста мешавад, агар вай се марҳилаи зеринро паси сар намояд:

***Марҳилаи якум*** – таҳлили иқтисодии иҷрои нишондиҳандаҳои молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ.

***Марҳилаи дуюм*** – ҳисобҳои намудҳои мушаххаси даромадҳо ва хароҷотҳо дар давраи банақшагирифташуда аз рӯи гуруҳҳои асосии даромадҳо ва хароҷотҳо дар асоси нишондиҳандаҳои нақшаҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ.

***Марҳилаи сеюм*** – супоришҳои алоҳида ва моддаҳо дар шакли ягона нишон дода мешаванд, яъне мутавозин мебошанд.

Такмили сиёсати молиявии давлат аз мавқеи устувори мақомоти танзимкунандаи муносибатҳои молиявӣ низ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи чораҳои танзимкунӣ ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ бояд дар ҳар як шароит қаноатбахш бошад. Масъалаи мазкур дар Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ бо чунин мазмун оварда шудааст: вазифаҳои танзимгарии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ҳокимияти иҷроия, ки сиёсати комили андозу буҷетии кишварро ташаккул медиҳад, бояд барои таъмини ҷонибдорӣ аз амалисозии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти дарозмуҳлат ва муназзамӣ дорад, тақвият дода шаванд [6, с.86].

Ҳамин тавр, таҳқиқи ҷойгоҳи сиёсати молиявӣ дар низоми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат нишон дод, ки сиёсати молиявӣ унсури калидии сиёсати давлатӣ дониста мешавад. Сиёсати молиявӣ тамоми муносибатҳоеро, ки ба ҷамъоварию нигоҳдорӣ ва истифодабарии захираҳои молиявӣ мансуб аст, фаро мегирад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ҳолатҳои зерин муайян ва ошкор карда шуданд:

– сиёсати молиявӣ бояд тавре роҳандозӣ гардад, ки барои ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд.

– сиёсати молиявӣ комил дониста мешавад, агар он барои тамоми иштирокчиёни муносибатҳои молиявӣ қулай бошад.

– сиёсати молиявӣ вобаста ба дигаргуншавии вазъи иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ бояд имконияти мутобиқшавӣ дошта бошад.

**Адабиёт**

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 6.11.1994 с.–[Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 02.11.2024 с.).

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш.Душанбе, 28 июни соли 2011, №723.–[Манбаи электронӣ]. –Ҳолати дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 04.11.2024 с.).

3.Лупинос К.А. Взаимосвязь финансовой политики компании с финансовой политикой государства / К.А. Лупинос // Вестник магистратуры. 2017. №1-2 (64). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vzaimosvyaz-finansovoy-politiki-kompanii-s-finansovoy-politikoy-gosudarstva (дата обращения: 06.11.2024).

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–21.12.2021.–[Манбаи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 03.11.2024 с.).

5.Саидов Р.Н. Асосҳои ташаккул ва рушди молияи хусусӣ / Р.Н. Саидов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).–Душанбе, 2023.– № 2.-2(47).С.189-197.

6.Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 тадиқ шудааст.

7.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 88 с.

8.Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ шудааст.

9.Шарандина Н.Л. Финансовая политика и финансовая безопасность / Н.Л. Шарандина // Право и государство: теория и практика. 2016. №11 (143). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/finansovaya-politika-i-finansovaya-bezopasnost (дата обращения: 06.11.2024).

10.Шарафутдинова Д.М. Финансовая политика / Д.М. Шарафутдинова, Н.В. Ширяева // Экономика и социум. 2016. №5-2 (24). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/finansovaya-politika (дата обращения: 06.11.2024).

**УДК 338.48**

**Машокиров Ҷ.Н.**

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚИЁС БО ДИГАР ДАВЛАТҲОИ ПЕШСАФИ САЙЁҲӢ

Дар ин мақола як ба баррасии вазъи ҳозираи соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва рушди он дар қиёс бо кишварҳои пешсаф дар ин соҳа, монанди Испания ва Туркия, бахшида шудааст. Дар мақола омилҳои асосии рушди сайёҳӣ, аз ҷумла инфрасохтор, таблиғ ва пешниҳоди хизматрасониҳо таҳлил карда мешаванд. Муаллиф инчунин мушкилотҳои асосии рушди сайёҳиро дар Тоҷикистон нишон дода, роҳҳои тақвият бахшидани рақобатпазирии кишварро дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳод мекунад. Мақола баррасии дастовардҳои кишварҳои пешрафтаро пешниҳод намуда, зарурати такмили инфрасохтор, рушди туризми экологӣ ва таърихӣ, ва инчунин беҳтар намудани хизматрасониҳои сайёҳиро ҳамчун калидҳои асосии пешравии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон таъкид мекунад.

***Калидвожаҳо:*** сайёҳӣ; таҳлили муқоисавӣ, омор, ширкати сайёҳӣ, стратегия, консепсияи сайёҳӣ, барномаҳои сайёҳӣ.

**Машокиров Дж.Н.**

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ ТАДЖИКИСТАНА ПО СРАВНЕНИЮ С ДРУГИМИ ВЕДУЩИМИ ТУРИСТИЧЕСКИМИ ГОСУДАРСТВАМИ

В данной статье рассматривается текущее состояние туристической отрасли Таджикистана и ее развитие в сравнении с ведущими странами в этой сфере, такими как Испания и Турция. В статье анализируются основные факторы развития туризма, включая инфраструктуру, продвижение и предоставление услуг. Автор также указывает на ключевые проблемы развития туризма в Таджикистане и предлагает пути повышения конкурентоспособности страны на мировом рынке. В статье рассматриваются достижения передовых стран и подчеркивается необходимость улучшения инфраструктуры, развития экологического и исторического туризма, а также улучшения качества туристических услуг как основных факторов для продвижения туристической отрасли Таджикистана.

***Ключевые слова:*** туризм; сравнительный анализ, статистика, туристическая компания, стратегия, концепция туризма, туристические программы.

**Mashokirov J.N.**

## COMPARATIVE ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF THE TOURIST INDUSTRY IN TAJIKISTAN COMPARED TO OTHER LEADING TOURIST COUNTRIES

This article examines the current state of the tourist industry in Tajikistan and its development in comparison to leading countries in this field, such as Spain and Turkey. It analyzes several factors influencing tourism development, including the state of infrastructure, marketing methods, and the quality of services provided. The author also highlights the main problems faced by the tourism sector in Tajikistan, such as inadequate infrastructure and the lack of an effective marketing strategy. An important aspect of the research is the proposal of ways to enhance the country's competitiveness in the international tourism market. The article discusses successful practices from leading countries, emphasizing the necessity of improving infrastructure, developing ecological and historical tourism, and enhancing the quality of tourist services as key factors for successfully promoting the tourist industry in Tajikistan.

***Key words:*** tourism; comparative analysis; statistics; travel companies; strategy; tourism concept; tourism programs.

Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ ба рушд ва инкишофи самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои гуногун таъсири амиқи худро мерасонад. Тибқи оморҳои солҳои охир ба қатори даҳгонаи давлатҳои пешрафта аз лиҳози сайёҳӣ Фаронса, Испания, ИМА, Хитой, Италия, Туркия, Мексика, Таиланд, Олмон ва Британияи Кабир дохил мешаванд.

Тоҷикистон дар ин соҳа ҳоло иштирокчии нав бошад ҳам, қадамҳои устувори худро барои таҳким ва рушди соҳаи сайёҳӣ гузошта истодааст.

Ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба марҳилаи якуми рушди соҳаи сайёҳӣ рост меояд, нагузошт то натиҷаи дилхоҳ дар ин самт ба даст оварда шавад. Номуътадилии вазъияти сиёсӣ сайёҳонро аз сафар ба Тоҷикистон боз дошт. Инчунин, мисли давлатҳои пешоҳанги сайёҳӣ таҷрибаи кофӣ ва донишҳои зарурӣ дар самти сайёҳӣ ҳоло дуруст ташаккул наёфта буданд. Новобаста ба ин аз солҳои 2000-ум инҷониб соҳаи сайёҳӣ аз шакли догматикӣ(карахтӣ) баромада, ба сӯи рушд рӯ ниҳод. Имрӯз бошад, дар ин самт Тоҷикистон миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳои олам мақоми намоёни худро ишғол намудааст [1, с. 243].

Бартарии давлатҳои пешсафи сайёҳӣ аз Тоҷикистон дар он мебошад, ки истиқлолияти онҳо нисбатан хело пештар ба даст оварда шудааст. Истиқлолият шароити мусоид муҳайё месозад, ки таъриху фарҳанг, расму анъана ва тамаддуни миллатҳо дар шакли олӣ муаррифӣ гарданд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, инак тӯли шаш сол аст, ки дар мамлакат Стратегияи рушди сайёҳӣ, ки давраи анҷоми он то соли 2030 пешбинӣ шудааст, қабул гардида, амалӣ гашта истодааст.

Иқтидори молиявии давлатҳои сайёҳӣ замина мегузорад, ки барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон биноҳои баландошёна ва инфрасохторҳои шаклашон гуногун бо истифода аз техника ва технологияҳои навро ба истифода диҳанд. Дар қиёс бо ин, Тоҷикистон барои сайёҳон табиати биҳиштосо, дорои ҳавои тозаву беғубор, кӯҳҳои сартобафалак, фарҳанги бою ғанӣ, қалъаҳо ва нигораҳои таърихӣ, инчунин санъати баланди меъморӣ ва меҳмондориро пешниҳод менамояд.

Тӯли 30 сол мешавад, ки Фаронса дар шохисти (рейтинги) давлатҳои серсайёҳитарин мақоми аввалро ишғол менамояд. Дар ин радиф, Тоҷикистон низ тамоюл ба сӯи рушд дорад. Масалан, тибқи оморҳои расмӣ дар соли 2023 шумораи сайёҳони хориҷӣ 1 млн. 201 ҳаз. одамро ташкил медод, ки нисбат ба соли қаблин тақрибан 20% зиёд аст.
Маврид ба зикр аст, ки ба шаклгирии сайёҳии мамлакат кишварҳои ҳамсоя низ таъсир мерасонанд. Дар ин асос , дар соли 2023 ба Тоҷикистон ҳудуди 806 ҳаз. ӯзбекҳо ҳамчун сайёҳ ташриф оварданд. Ҳамзамон, худи ҳамин сол Тоҷикистон ба рӯйхати беҳтаринҳо дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Федератсияи Русия ворид карда шудааст.Ҳамаи ин далолат аз он медиҳад, ки зарфиятҳои сайёҳӣ, шароити мусоид, мероси фарҳангӣ ва аз ҳама муҳим оромию осудагии кишвари зебоманзари Тоҷикистон диққати тамоми сайёҳони ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст.

Агар Манораи Эйфел дар Фаронса таърихи 125-сола дошта бошад, агар соати Биг-Бен дар Англия таърихи 165-сола дошта бошад, ё манораи Пиза дар Италия таърихи 851- сола ва Девори Бузурги Чин 2243- солагии худро ҷашн гирифта истода бошад,қалъаи Ҳисори Шодмон, ки дар Тоҷикистон воқеъ аст соли 2015, 3000- солагии онро бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил намуданд. Дар баробари ин, Саразм - маркази тамаддун ва сайёҳии Тоҷикистон, ки таърихи 5500- сола дорад, ба қатори мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил мебошад. Далелҳои болозикр шаҳодати он аст, ки миллати тоҷик аз қадимулайём соҳиби тамаддуни пешрафта ва санъати волои шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинӣ мебошад.

Рушди соҳаи сайёҳӣ бе сармоягузории дохилию хориҷӣ номумкин аст. Қисми муайяни ҳаҷми ММД кишварҳои сайёҳиро, маҳз соҳаи мазку ташкил медиҳад. Масалан, соли 2022 61% болоравии рушди иқтисодии Испанияро маҳз соҳаи сайёҳӣ ташкил намуд. Дар Тоҷикистон барои солҳои 2023-2026 дар маҷмӯъ 178,6 млн. сом., аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 35,6 млн.сом., шарикони рушд 93,4 млн.сом. ва бахши хусусӣ 49,6 млн.сом. пешбинӣ шудааст.

Таҷрибаи давлатҳои сайёҳӣ нишон медиҳад, ки муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ маҳз аз симои зоҳирии шаҳр-пойтахт вобастагии калон дорад. Зеро маҳз пойтахт ҳамаи он истеъдоду санъатро ба оламиён нишон медиҳад. Дар ин пайвастагӣ, мушоҳида кардан мумкин аст, ки Душанбе дигар чинористони пешина нест, балки ба маркази маъмурӣ ва фарҳангии тоҷикон табдил ёфтааст.

Фаронса, Олмон, Хитой, Испания, ва амсоли онҳо давлатҳое, ки дар қиёс бо Тоҷикистон қарор додем, дар баъзе аз мамлакатҳо дар рӯйхати кишварҳои ноамн дохил мешаванд. Тоҷикистон бошад миёни ин давлатҳо бо оромию осоиштагии сартосарӣ имиҷи хоси худро дорад.

Бо дарназардошти андешаҳо баёнгардида, хулоса кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳои сайёҳӣ захираҳои сайёҳии табиӣ зиёд дорад. Аммо ҳамаи онҳо ҳоло пурра истифода нашудаанд. Умед аст, ки бо иҷроиши Стратегияи рушди сайёҳӣ камбудҳои соҳа бартараф гардида, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи сайёҳӣ дар ҷаҳон табдил меёбад [5, с. 298].

Дар Тоҷикистон 338 субъекти хизматрасон ва 214 ширкати сайёҳӣ фаъолият менамоянд [2, с. 224].

Масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи танзими соҳаи сайёҳӣ ба зиммаи якчанд вазорату кумитаҳо гузошта шуда буд. Соли 2017 баҳри рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ниҳоди мустақил — Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар партави сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат тадриҷан рушд ёфта, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Пешвои миллат соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ намуда, барои пешрафти он ҳамаҷониба мусоидат менамоянд.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ 214 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки аз ин миқдор ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 41 адад, ба шаҳри Душанбе 101 адад, вилояти Суғд- 46, вилояти Хатлон- 17 ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 9 адад рост меояд.

Дар мамлакат 338 субъекти хизматрасони сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки инҳо 209 меҳмонхона, 46 хостел ва мотел, 54 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг ва 4 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи сайёҳӣ имтиёзҳои муҳими андозию гумрукӣ фароҳам овардааст. Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳӣ давоми панҷ соли аввали фаъолият аз андоз аз фоида озод карда шуда, воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуд. Инчунин боҷи гумрукӣ барои мошинҳои нав 50 фоиз коҳиш дода шуд.

Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат дар Тоҷикистон якчанд стратегияву консепсияҳо ва қонуну барномаҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», «Барномаи давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009», «Консепсияи миллии рушди туризм барои солҳои 2009-2019», «Барномаи давлатии рушди туризм барои солҳои 2010-2014», «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017», «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020», «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ мешаванд, ки дар рушди соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид мегузоранд [3, с. 269]. Дар ин замина воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 нисбат ба соли 2010 840 ҳазор ва ё 6,3 маротиба зиёд гардидааст.

Шумораи умумии санадҳои ҳамкории бо давлатҳои хориҷӣ (Аморати Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Урдун, Узбекистон, Қазоқистон, Русия, Швейтсария, Фаронса, Туркманистон, Озарбойҷон, Эрон, Покистон, Беларус, Қатар, Италия ва Созмони ҳамкории Шанхай) баимзорасида 20 ададро ташкил медиҳад [4, с. 259].

Тибқи маълумоти оморӣ, дар шашмоҳаи якуми соли 2024 ба Тоҷикистон 748,3 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ омадаанд. Аз ин шумора 580,5 ҳазор нафар тибқи талаботи Созмони

умумиҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун сайёҳ ворид гардидаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 19,1 фоиз зиёд мебошад.

Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз аз 127 давлати ҷаҳон сайёҳон ворид шудаанд. Ба панҷгонаи беҳтарин давлатҳо аз ҷиҳати теъдоди воридшавии шумораи сайёҳон Узбекистон бо 205,1 ҳазор нафар, Русия бо 31,9 ҳазор нафар, Қазоқистон бо 7,1 ҳазор нафар, Чин бо 2,8 ҳазор нафар ва Туркия бо 2,5 ҳазор нафар ворид гардидаанд [6, с. 264].

Дар қатори 10 давлати ҷолибтарин барои тамошои сайёҳон эълон шудани ҷумҳурӣ, ба 10 роҳи зеботарини дунё ворид намудани шоҳроҳи Помир, ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф шудани пойтахти Ватанамон – шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи давлатҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ ва саргузаштӣ ворид шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид дохил шудани ҷумҳурӣ далели дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудани соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатӣ мебошанд.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат чунин ташаббусҳои созандаро идома дода, бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, инчунин бунёди инфрасохтори таҳсилӣ барои омодасозии кадрҳои баландихтисос тадбирҳои судмандро амалӣ менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ эътироф гардида, дар ин самт чорабиниҳои зиёде амалӣ мегарданд. Онҳо ба рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла бунёди инфрасохтори зарурӣ барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ, рушди сайёҳии истироҳатию табобатӣ, ҷалби сармоягузориҳо, грантҳо ва татбиқи барномаҳои сармоягузории давлатӣ, муаррифии бештари ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ, пайдо намудани мавқеи устувор дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, таъсиси шароити мутобиқ ба талаботи сайёҳони хориҷӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ, зиёд намудани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва аз ин ҳисоб зиёд намудани ҷойи кори холӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамчунин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо шуғл фаро гирифтани аҳолии мамлакат бо роҳи ташкили касбомӯзӣ ва ҷалби онҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, корҳои хонагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ба чунин ҳадафҳои созанда бо меҳнати софдилона, азми қавӣ ва муттаҳидии мардум шарафёб гардидан мумкин аст.

**Адабиёт**

1. Машокиров Ҷ.Н. Асоҳои назариявии фалсафаи сайёҳӣ // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2023. № 4/1(49). С. 243-247.

2. Машокиров Ҷ.Н. Умный туристический город (Smart Tourism City): развитие и трансформация// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2024. № 4/1(50). С. 223-229.

3. Преимущество развитие туризма в Таджикистан в условиях зелёное эконоомика. Материалы научно методической конференции *Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана* «Актуальные проблемы современной науки». Душанбе 24-26 апреля 2024 г. Стр. 225-233

4. Экономические показатели туризм регионы Таджикистан в условиях зелёное экономика. Материалы международной научно-теоритической конференции на тему «Проблемы и перспективы развития внешней торговли Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации» *Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана.* 31 мая 2024 года. Душанбе. Стр. 258-265

5. Формирование и финансирование развития туризм в Таджикистане в условиях «Зелённое экономика Материалы международной научно-теоритической конференции на тему «Проблемы и перспективы развития внешней торговли Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации» *Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана.* 31 мая 2024 года. Душанбе. Стр. 296-300

6. Рушди каластерҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми “Иқтисоди сабз”. Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат». 31 майи 2024 сол. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Душанбе. Саҳ. 264-369

**УДК 338.462**

**Наҷмиддинзода А. Ю.**

**ИНФРАСОХТОРИ МУОСИРИ НАЗДИРОҲӢ – ЗАМИНАИ МУҲИМИ РУШДИ САЙЁҲӢ**

Дар мақолаи мазкур афзалиятҳои таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиии ноҳияҳо ва минтақаҳои Тоҷикистон, имкониятҳои кишвар ҷиҳати ташкили сайёҳӣ дар умум зикр гардидаанд. Дастовардҳои давраи истиқлолияти кишвар дар ташкили фаъолияти сайёҳӣ, бунёду рушди индустрияи сайёҳӣ, такмили хатсайрҳои сайёҳӣ баррасӣ шудаанд. Ҷиҳати рушди минбаъдаи инфрасохтори наздироҳии сайёҳӣ, яъне маҷмааҳое, ки аз меҳмонхона ё хостел, таваққуфгоҳ барои мошинҳо, мағоза, ошхона, хоначаи санитарию маишӣ иборатанд, пешниҳоди мушаххас коркард шудааст. Нуктаҳои асосии консепсияи рушди инфрасохтори наздироҳии сайёҳӣ муайян карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, иншоотҳои таърихӣ, мероси фарҳангӣ, захираҳои табиӣ, индустрияи сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, хизматрасонӣ, тадбирҳои такмили ташкил, инфрасохтори наздироҳии сайёҳӣ.

**Наджмиддинзода А.Ю.**

**СОВРЕМЕННАЯ ПРИДОРОЖНАЯ ИНФРАСТРУКТУРА - ВАЖНАЯ ПРЕДПОСЫЛКА РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА**

В данной статье приводятся историко-культурные преимущества и природные ресурсы районов и регионов Таджикистана, возможности страны для организации туризма в целом. Рассматриваются достижения периода независимости страны по организации туристической деятельности, созданию туристической индустрии, совершенствованию туристических маршрутов. Разработано конкретное предложение по дальнейшему развитию туристической придорожной инфраструктуры, т.е. комплексов, состоящих из гостиницы или хостела, парковки для автомобилей, магазина, кухни, санитарно-бытового помещения. Определены основные положения концепции развития туристической придорожной инфраструктуры.

**Ключевые слова:** туризм, исторические сооружения, культурное наследие, природные ресурсы, индустрия туризма, туристическая инфраструктура, услуги, мероприятия по организационному совершенствованию, туристическая дорожная инфраструктура.

**Nadzhmiddinzoda A. Y.**

**MODERN ROADSIDE INFRASTRUCTURE - AN IMPORTANT PREREQUISITE FOR TOURISM DEVELOPMENT**

This article presents the historical and cultural advantages and natural resources of the districts and regions of Tajikistan, the country's capabilities for organizing tourism in general. The achievements of the country's independence in organizing tourism activities, creating a tourism industry, and improving tourist routes are considered. A specific proposal has been developed for the further development of tourist roadside infrastructure, i.e. complexes consisting of a hotel or hostel, parking for cars, a store, a kitchen, and a sanitary facility. The main provisions of the concept for the development of tourist roadside infrastructure are defined.

**Key words:** tourism, historical buildings, cultural heritage, natural resources, tourism industry, tourism infrastructure, services, organizational improvement activities, tourism roadside infrastructure.

Сайёҳӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодии ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад, ки ба нишондиҳандаҳои натиҷавии иқтисодиёти миллии онҳо таъсири самаранок мерасонад. Мувофиқи тадқиқотҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви он мебошад, сайёҳӣ ҳоло ба яке аз соҳаҳои сердаромаду самараноки иқтисодҳои миллӣ табдил ёфтааст. Тибқи таҳлилҳои ин ташкилот дар ҷаҳон аз нигоҳи даромаднокӣ ин бахши баррасишаванда баъд аз соҳаи истеҳсолу коркарди нафт дар ҷойи дуюм меистад.

Ба ҳолати соли 2023 шумораи сайёҳони байналмилалӣ дар дунё бештар аз 1,3 миллиард нафарро ташкил дода, ҳиссаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии дунё 6%, дар сармоягузории ҷаҳонӣ 7%, дар бунёди ҷойҳои корӣ 6,3%, дар хароҷоти истеъмолии дунё 11%, дар сохтори ҳамаи даромадҳои андозӣ 5%-ро ташкил медиҳад [8; 4; 5]. Мувофиқи арзёбии мутахассисон дар соли 2023 даромади сайёҳии байналмилалӣ дар соли 2023 ба 1,5 трлн. долл. расидааст. Саҳми умумии иқтисоди сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷамъи кишварҳои ҷаҳон дар соли 2023 3,3 трлн. долл. ё 3%-ро ташкил додааст.

Мувофиқи маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2022 қабули сайёҳони байналмилалӣ бештар аз ҷониби кишварҳои зерин анҷом дода шудаанд: Франсия – 79 млн. нафар, Испания – 72 млн. нафар, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – 51 млн. нафар, Туркия ва Италия – 50 млн. нафарӣ, Мексика – 38 млн. нафар, Британияи Кабир – 30 млн. нафар, Германия ва Юнон – 28 млн. нафарӣ ва ғайра.

Ҷиҳати рушду густариши фаъолияти сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, истифодаи ҳамаҷонибаю натиҷабахши захираю имкониятҳое, ки дар кишвар мавҷуд мебошанд, бештар намудани иншоотҳои инфрасохтории сайёҳӣ, васеъ намудани доираи хизматрасонии сайёҳӣ ва беҳтар намудани сифати он, фаъол намудани идоракунии соҳаи сайёҳии мамлакат, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ, ривоҷ додани сармоягузории соҳаи сайёҳӣ, таъмин намудани соҳа бо мутахассисони баландмаълумот мунтазам чораҳои мақсаднок омода шуда истодаанд.

Дар доираи тадбирҳои зикргардида дар мамлакат Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Иқтидори хизматрасонии сайёҳии кишвар дар соли 2022 аз 239 ширкати сайёҳӣ, 182 меҳмонхона, 29 ҳостел ва мотел, 49 осоишгоҳ, 8 адад маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 7 хонаи истироҳатӣ, 1 пансионат, 1 адад кемпинг ва 4 маркази сайёҳӣ ва истироҳатӣ ва дар умум 288 иншооти сайёҳӣ иборат буд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 20 муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ [9] омода карда мешаванд.

Тоҷикистон солҳои охир имкониятҳои беҳтарини рушди сайёҳиро ноил гардида, дар арсаи ҷаҳонӣ дар қатори 10 мамлакати ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, 10 мамлакати ҷолиби бешдошта барои сайёҳони саргузаштӣ ҷой гирифт ва шоҳроҳи Помири Тоҷикистон дар қатори 10 роҳи сайёҳии зеботарини ҷаҳон шинохта шуд. Инчунин се минтақаи Тоҷикистон ва кӯҳҳои Помири Тоҷикистон ҷолибтарин барои сайёҳон дониста шуд.

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда тибқи маълумоти оморӣ теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (мувофиқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, дар солҳои 2014-2022 аз 246 ҳаз. нафар то 999,3 ҳаз. нафар [1] зиёд гардид, яъне нишондиҳандаи баррасишаванда дар ин муддат 4,1 маротиба афзуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 чунин зикр гардидааст: «Имрӯз дар ҷаҳон соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёт ва бо суръати баланд рушдёбанда ба ҳисоб меравад. Бо дарки мавқеи ин соҳа дар иқтисоди миллӣ мо рушди соҳаи сайёҳиро яке аз самтҳои афзалиятнок муайян карда, солҳои 2019–2021-умро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудем» [2].

Дар ин маврид ба инобат гирифта шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иншоотҳои зиёди таърихиву фарҳангии ҷаҳонию миллӣ ва захираҳои нотакрори табиӣ мебошад, ки сайёҳони Тоҷикистон ва ҷаҳон барои ошноӣ пайдо намудан бо онҳо, албатта, мароқи зиёд доранд. Амалӣ намудани ҳадафҳои рушди сайёҳӣ ҳамчун самту воситаи муҳими пешбурди иқтисодиёти миллӣ, ҷалби сармоягузориҳо ҳам ба худи соҳа ва ҳам барои дигар соҳаҳои иқтисодиёт, имкониятҳои иловагӣ ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ, воситаи ғанӣ гардонидани даромади аҳолӣ ва афзун намудани қисми даромадҳои буҷети давлатӣ ба рушди босуръати кишвар таъсири зиёд мерасонад.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат рушди соҳаи сайёҳиро яке аз самтҳои муҳимтарини пешбурди иқтисодиёти Тоҷикистон шуморида, дар ин ҷода чораҳои мушаххасро бомаром таҳия ва татбиқ намуда истодааст. Ҳадафи густаришу рушди босуръати сайёҳӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, низ мушаххас дарҷ гардидааст. Татбиқи даврагии стратегияи номбурда ҳоло дар асоси Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст) амалӣ гардида истодааст.

Ҳамзамон ҷиҳати рушди танзимшавандаи сайёҳӣ дар мамлакат ҳуҷҷатҳои муҳимми зерин қабул гардида, дар мавриди татбиқ қарор доранд: Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиқ карда шудааст), Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2023-2026 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, № 631 тасдиқ карда шудааст).

Тавассути татбиқи ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар иншоот ва хатсайрҳои соҳаи сайёҳӣ, шумораи сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ афзуда, мамлакат дар рушди ин соҳа ба дастовардҳои зиёд ноил шуд ва дар доираи сайёҳони ҷаҳонӣ соҳиби эътибору ҳавасмандии баланд гардидааст. Ба гурӯҳи ин дастовардҳо, пеш аз ҳама, қабул гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, ба Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ ворид гардидани шаҳри Душанбе, дар солҳои 2020-2021 ҳамчун пойтахти сайёҳии Созмони ҳамкории иқтисодӣ фаъолият намудани шаҳри Душанбе, аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф гардидани мероси моддии фарҳангии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри қадимию таърихии «Саразм», «Боғи миллӣ», мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ҳамчун «Чакан – санъати гулдӯзии Тоҷикистон», «Иди байналмилалии Наврӯз», «Оши палов», «Мусиқии Шашмақом» дохил мешаванд. Ҳамчунин ҷашнҳои хос ба монанди “Фестивали боғ”, “Иди картошка”, “Рӯзи Шашмақом”, “Ҷашни Тиргон”, “Иди ангур”, “Иди каду, тарбуз ва харбуза”, “Иди себ”, “Рӯзи фалак”, “Ҷашни Меҳргон” ва ғайра таваҷҷуҳи сайёҳонро ба ҷумҳурӣ афзун мегардонанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон чун кишвари сайёҳӣ дар тамоми ҷаҳон эътибори ниҳоят баландро соҳиб шуда истодааст.

Ҳамзамон, Тоҷикистон ҳамчун макони зисти гӯсфандони кӯҳии Марко Поло (архар) машҳур буда, барои рушди сайёҳии шикорӣ ниҳоят ҷолибнок аст. Бар замми ин, дар мамлакат намудҳои гуногуни ҳайвоноти нодири дигар мавҷуд мебошанд, ки ҳавасмандони шикорро аз кишварҳои дунё ҷалб мекунанд.

Куҳҳои Тоҷикистон, ки қисми муҳимми сарвати миллӣ мебошанд, барои сайёҳони дунё дидани онҳо ва сайру гашт намудан дар куҳҳо ҳаловати беназир медиҳад.

Тоҷикистон бо кишварҳо ва шаҳрҳои зиёди дунё тавассути тайёраҳо (беш аз 135 адад хатсайрҳо), қатораҳо (қариб 15 адад хатсайрҳо) ва нақлиёти автомобилии бешумор равобити домиро ташаккул додааст.

Дар арсаи байналмилалӣ эътироф шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон ба қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, 10 кишвари беҳтарин барои сайёҳии пиёдагардӣ, ба 5 мамлакати беҳтарин аз нигоҳи низоми одии пешниҳоди раводид ворид гардидааст ва инчунин шоҳроҳи Помир ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил шудааст. Ҳамзамон, шаҳри Душанбе ба гурӯҳи 10 шаҳри устувори ҷаҳон аз нигоҳи амниятӣ ворид гардидааст.

Дар солҳои 2018–2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1450 иншооти сайёҳии нав сохта шуда, дар соли 2023 шумораи сайёҳон – шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ба ҳайси сайёҳ арзёбӣ мегарданд, ба зиёда аз 1,2 миллион

нафар расонида шуд. Ин миқдор нисбати шумораи сайёҳон дар соли 2015 2,9 баробар ва нисбати соли 2010 7,5 маротиба зиёд аст.

Дар мавриди кунунӣ мувофиқи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати мамлакат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар маҳалҳо инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ташкил ва ривоҷ дода шуда истодааст. Ин чораҳо барои ҷалб намудани шумораи бештари сайёҳон ва ҳамзамон беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолии ноҳияҳо, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ мусоидати муфид менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми дар боло номбаршуда чунин таъкид намудаанд: «Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар сохтору мақомоти марбута, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарҷи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд» [2].

Тавре аз ҷадвали 2 мушоҳида мегардад воридотҳои андозии дохилӣ дар ВМКБ дар соли 2022 ба маблағи 189,1 млн сомонӣ иҷро гардида аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ 7,6 фоиз зиёд мебошад. Боиси зикр аст, ки ин ишондиҳанда қиёсан ба кулли солҳои таҳлилӣ тамоюли афзоянда дошта нисбати соли 2018 дар ҳаҷми 65,1 млн сомонӣ афзоиш кардааст ва сурати рушди воридотҳои андоз дар вилоят дар панҷ соли охир 152,5 фоизро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ иҷрои нақшаи воридотҳои андозии вилоят аз 100 фоиз боло буда дар соли 2021 аз ҳама зиёд мебошад, ки он 113,9 фоизро ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нақшаи воридоти андоз дар вилояти Хатлон низ барзиёд иҷро шудааст. Агар ҳаҷми имтиёзи андозҳоро дар вилоят баррасӣ намоем мушоҳида мегардад, ки дар соли 2022 ба маблағи 32,9 млн сомонӣ пешниҳод шуда ин маблағ 17,4 фоизи воридотҳои андозҳои дохиларо ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ин нишондиҳанда қиёсан ба соли 2018 ба маблағи 32,4 млн сомонӣ зиёд буда 65,8 фоиз афзоиш кардааст. Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳлилӣ вазни қиёсии имтиёзҳои андоз дар таркиби воридотҳои андозӣ дар соли 2022 баландтарин буда он 17,4 фоизи ин воридотҳоро ташкил додааст. Қиммати пасттарини ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба мушоҳида мерасад, ки 0,4 фоизи воридотҳои андозӣ ва ё 0,5 млн сомониро ташкил кардааст.

Воридоти андозҳои дохила дар НТҶ соли 2022 дар ҳаҷми 1263,4 млн сомонӣ иҷро гардида аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ 0,3 фоиз зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда қиёсан ба дигар солҳои таҳлилӣ тамоюли афзоянда дошта нисбати соли 2018 дар ҳаҷми 276,6 млн сомонӣ зиёд мебошад ва сурати афзоиши воридотҳои андоз дар давраи таҳлилӣ 128 фоизро ташкил додааст. Ичроиши воридотҳои андозҳои дохилии НТҶ танҳо дар солҳои 2021 ва 2022 аз 100 фоиз зиёд таъмин гардида дар боқимонда солҳо нишондиҳандаҳои нақшавӣ иҷро нашудаанд. Боиси таъкид аст, ки дар соли 2020 – 95,7 фоизи нақша иҷро шуда дар солҳои таҳлилӣ аз ҳамма қиммати пасттарин мебошад. Агар ба ҳаҷми имтиёзҳои андоз дар НТҶ назар афканем аён мегардад, ки дар соли 2022 ба маблағи 144,7 млн сомонӣ пешниҳод шуда 11,4 фоизи воридотҳои андозиро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 ба маблағи 95,4 млн сомонӣ зиёд буда 193,5 фоиз афзоиш кардааст. Дар давраи таҳлилӣ вазни қиёсии имтиёзҳои андоз дар таркиби воридотҳои андозӣ соли 2022 баландтарин мебошад, ки 11,4 фоизро ташкил додааст. Қиммати пасттарини ин

нишондиҳанда дар соли 2018 ба мушоҳида мерасад, ки 4,9 фоизи воридотҳои андозӣ ва ё 49,3 млн сомониро ташкил кардааст. Ҳамин тавр дар НТҶ вазни қиёсии имтиёзҳои андоз дар таркиби воридотҳои андозӣ афзоиши мутаносиб дошта тадриҷан афзоиш меёбанд, ки ба ақидаи мо ба иқтидори андози ин ҳудуди маъмурӣ таъсири манфи намерасонад.

Воридоти андозҳо дар Раёсати андози андозсупорандагони калон (РААК) ва нозиротҳои ҳудудии он соли 2022 дар ҳаҷми 2150,1 млн сомонӣ иҷро гардида аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ 0,7 фоиз камтар мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар панҷ соли таҳлилӣ тамоюли афзоянда дошта дар соли 2022 нисбати соли 2018 дар ҳаҷми 1057,3 млн сомонӣ зиёд мебошад ва сурати афзоиши воридотҳои андоз дар РААК 196,7 фоизро дар ин давра ташкил додааст. Иҷрои воридотҳои андозии РААК дар солҳои таҳлилӣ аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ кам таъмин шудааст, ки аз ҳамма қиммати пасттарини он дар соли 2020 ба мушоҳида расида 48,8 фоизро ташкил медиҳад. Ин аз он дарак медиҳад, ки маҳз коҳишёбии воридоти андозҳои дохилӣ дар кишвар соли 2020 аз иҷро нашудани нақшаҳои воридотҳои андозии РААК вобаста аст.

Ҳаҷми воридоти андозҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 дар ҳаҷми 15388,0 млн сомонӣ иҷро гардида аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ 3,6 фоиз зиёд иҷро шудааст. Бояд қайд намуд, ки ҳиссаи воридоти андози дохилиро дар ҷадвали 1 баррасӣ намудем ва нишондиҳандаҳои он тамоюли афзоянда дорад. Вале дар соли 2020 коҳишёбии ҳаҷми воридоти андози кишвар аз андозҳои дохилӣ бештар вобаста мебошад. Ба ақидаи мо маҳз имтиёзҳои ба андозсупорандагони калон дар кишвар пешниҳодшуда ба ин вазъ таъсири манфӣ расонида аст. Ин ибрози назар дар доираи маълумоти ҷадвали 2 зимни таҳлил баён карда шудааст. Инчунин бақияи қарзи андозҳо ва иловапулиҳои аз ҷониби мақомоти андоз муайяншуда низ ба коҳишёбии воридоти андозҳои дохилӣ дар соли 2020 ва дар маҷмӯъ вазни қиёсии андозҳо дар даромадҳои буҷети давлатӣ метавонанд боис шаванд. Аз ин лиҳоз ба ақидаи мо бояд вазъи қарздории андоз дар кишвар бо назардошти минтақаҳои маъмурӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Вазъи қарздории андозӣ дар минтақаҳои кишвар дар солҳои 2018 – 2022** (бо ҳазор сомонӣ)

| **Минтақаҳо** | **Нишондиҳанда мутобиқи солҳо** | | | | | **Тағйирёбӣ бо % дар соли 2022 нисбати 2018** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| **ш.Душанбе** | 76435,1 | 51738,2 | 51295,3 | 44831,3 | 42230,6 | -44,7 |
| **в.Суғд** | 97257,8 | 85006,9 | 81568,8 | 66510,9 | 60947,0 | -37,3 |
| **в.Хатлон** | 183034,0 | 168916,6 | 189917,2 | 182789,9 | 168211,9 | -8,2 |
| **ВМКБ** | 2513,0 | 2289,6 | 1817,9 | 1660,6 | 1530,5 | -31,1 |
| **НТҶ** | 64463,6 | 57466,9 | 84941,9 | 80084,5 | 58519,0 | -9,2 |
| **РААК** | 301969,3 | 214966,8 | 474473,4 | 430473,5 | 396685,2 | 31,4 |
| **ҲАМАГӢ** | 725672,8 | 580384,9 | 884014,5 | 806350,5 | 728124,3 | 0,3 |

**Сарчашма:** Дар асоси ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи солҳо таҳия шудааст.

Тавре аз додаҳои ҷадвали 3 мушоҳида мегардад дар кишвар тайи солҳои 2018-2022 ҳаҷми қарздориҳои андоз аз 725672,8 ҳазор сомонӣ то ба 728124,3 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтаанд, ки 0,33 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи назарраси қарздорӣ дар Раёсати андози андозсупорандагони калон ба мушоҳида мерасад, ки зиёда аз 50 фоизи маблағҳои қарздории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2022 ташкил менамояд. Дар соли 2022 вилояти Хатлон ва Суғд дар қарздории андози андозсупорандагон мутаносибан мавқеи дуюм ва сеюмро ишғол мекунанд. Дар НМҶ солҳои 2020-2021 нисбати солҳои 2018-2019 коҳишёбии қарздориҳои андоз мушоҳида гардида, дар соли 2022 ба 58519,0 ҳазор сомонӣ баробар шуда аст, ки нисбат ба нишондоди соли 2018 дар ҳаҷми 9,2 фоиз афзоиш кардааст. Танҳо дар

ВМКБ коҳишёбии қарздории андозҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба манфиати маъмурикунонии андози минтақа ва кишвар аст.

Ба ақидаи мо дар маҷмӯъ сиёсати буҷетию андозии татбиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба маъмурикунонии андоз мусоидат менамоянд ва имкон медиҳанд, ки иқтидори андоз дар кишвар ва минтақаҳои он бо назардошти ҳавасмандгардонии иқтисоди миллӣ татбиқ карда шавад. Вале дар доираи мақолаи илмӣ ошкор карда шуд, ки дар шароити муосири татбиқи иқтидори андоз дар кишвар афзоиши ҳаҷми андозҳо аз ҳаҷми ММД назаррас кам аст. Инчунин вобаста ба рушди сиклии иқтисодиёт, пешниҳои имтиёзҳои андозӣ ҳаҷми андозҳо дар соли 2020 назаррас коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми имтиёзи андозҳо дар минтақаҳои кишвар қиёсан ба ҳаҷми воридоти андозҳо дар ин минтақаҳои маъмурӣ номутаносиб аст. Хусусан дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд чунин вазъ ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, ҳаҷми иловапулиҳои дар раванди санҷишҳо ошкоршуда афзоиш ёфта, аз як ҷониб боиси рӯёнидани маблағҳои андоз ва аз ҷониби дигар афзоиши қарздориҳои андоз дар баъзе солҳои таҳлилӣ хусусан соли 2020 шудааст. Ҷанбаи мусбии раванди маъмурикунии андоз дар он аст, ки шумораи санҷишҳо ва миқдори соҳибкорони ба санҷишҳо фарогирифташуда дар давраи таҳлилӣ коҳиш ёфта истодааст.

Дар асоси таҳлилҳо метавон хулоса намуд, ки мақомоти давлатӣ бояд ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусиро дар самти андозбандӣ вусъат бахшида, барои баланд бардоштани маърифати андози андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз чораҳои муносибро роҳандозӣ намояд. Дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои кишвар барои ситонидани бақияи қарздории андозҳо бояд корҳои огоҳкунӣ ва фаҳмондадиҳӣ вусъат дода шаванд. Инчунин ба ақидаи муаллиф ҳаҷми имтиёзҳои андоз дар оянда бо назардошти татбиқи самараноки иқтидори андоз пешниҳод карда шавад.

Ба ақидаи муаллиф чунин чораҳо дар шароити муосир барои татбиқи иқтидори андози кишвар ва минтақаҳои он муҳим мебошанд:
- коркарди механизми арзёбии самаранокии имтиёзҳои андоз ва ҷой додани онҳо дар меъёрҳо ва барномаю дастурамалҳои соҳа;
- таҳлили ҳаҷми имтиёзҳои андоз дар минтақаҳои кишвар мутобиқи солҳо ва аз байн бурдани номувозинатии ин нишондиҳандаи ба иқтидори андоз таъсиррасон;
- баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ва андозситонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ки татбиқи оптималии иқтидори андозро таъмин менамояд;
- вусъат додани чораҳо барои рӯёнидани изофапулиҳои дар раванди назорати андоз ошкоршуда тавассути рушди муносибати мизоҷона ба андозсупорандагон ва коҳиши ихтилофотҳои судӣ.

Ҳамин тавр, имтиёзҳои андозӣ яке аз ҷузъҳои калидии иқтидори андоз ва маъмурикунонии андоз маҳсуб ёфта, барои татбиқи сиёсати буҷетию андозии самарабахш мусоидат менамоянд. Таҳлилҳо дарак доданд, ки дар шароити муосири рушди сиёсати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми имтиёзҳои андоз ба имкониятҳои иқтидори андоз мувофиқат менамояд, вале дар давраи дарозмуддат зарурати такмили он аз нигоҳи ҳаҷм ва самаранокӣ пеш меояд. Зеро агар имтиёзҳои андоз самарабахш ва бо назардошти тавсеъаи иқтидори андоз дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат пешниҳод карда шаванд рушди нишондиҳандаҳои молияи муттамарказу ғайримуттамарказ ва дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ таъмин мегардад. Дар акси ҳол, имкониятҳои молияи муттамарказ хусусан воридоти андозҳо коҳиш ёфта, вобастагии буҷети ҳамаи сатҳҳои низоми буҷети давлатӣ аз дигар даромадҳо хусусан маблағҳои карзӣ зиёдтар мегардад.

**Адабиёт:**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи қабул: 23.12.2021 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.11.2021, №549.

2. Ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022. Манбаи электронӣ http://www.andoz.tj [санаи муроҷиат: 18.10.2024].

3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023. – С.414.

4. Бобоҷонов Д.Р. Танзими фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа / Д.Р. Бобоҷонов, Х.Ҳ. Исматов// Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 4/2 (34). – С.79-90.

5. Исрапилов Х.А., Сулейманов М.М. — Налоговый потенциал региона: экономическое содержание и структурно-функциональная организация // Налоги и налогообложение. 2017. – № 6. – С. 58 - 70.

6. Маъмуров, А. М. Баҳодиҳии иқтидор ва тамоюли нишондиҳандаҳои асосии ҷамъоварии андоз дар вилояти Суғд / А.М. Маъмуров, Х.Ҳ. Исматов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – No 2(87). – С. 41-55.

7. Рахматзода, С. Роль налогообложения в промышленной индустриализации / С. Рахматзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 8. – С. 74-80.

8. Сабуров В.Д. Налоговый потенциал Согдийской области: анализ и пути совершенствования / В.Д. Сабуров // Вестник ТГУПБП. 2014. – С. 76-81.

Тухтаев Т.М. Теоретико-методические аспекты налогового потенциала региона: проблемы и перспективы реализации / Т.М.Тухтаев, Х.Х. Исматов// Финансово-экономический вестник ГФЭУТ. – 2021. – №4 (28). – С.126-132.

УДК: 338

Ахмедова М.Ф.

## САРМОЯИ ХОРИҶӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ УСТУВОРИ ТОҶИКИСТОН

Дар охир қайд кардани ҳастем, ки ҷалб ва истифодаи оқилонаи Сармояи хориҷи яке аз самтҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳури Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ мебошад. Сармояи хориҷи ба рафти дигаргунсозиҳои иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири назаррас мерасонанд. Бинобар ин муҳим аст, ки оқибатҳои имконпазири мусбату манфии ҷалби сармоягузориҳо воқеъбинона баҳогузорӣ шуда, сиёсати сармоягузории ба манфиатҳои Ҷумҳури Тоҷикистон ва мардуми он ҷавобгӯй ва таъминкунандаи мақсадҳои ояндадори рушди миллӣ таҳия карда шаванд.

**Калимаҳои калиди:** сармояи хориҷи, ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот, маблағгузориҳои дарозмӯҳлат, фаъолияти зеҳнӣ.

Ахмедова М.Ф.

## ИННОСТРАНЫЕ ИНВЕСТИЦИИ КАК ОСНОВЫ УСТОЙЧИВО РАЗВИТИЕ ТАДЖИКИСТАН

Наконец, следует отметить, что привлечение и рациональное использование иностранного капитала является одним из направлений взаимовыгодного сотрудничества Республики Таджикистан с зарубежными странами. Иностранные инвестиции оказывают значительное влияние на процесс экономических преобразований страны. Поэтому важно объективно оценить возможные положительные и отрицательные последствия привлечения инвестиций и разработать инвестиционную политику, которая отвечает интересам Республики Таджикистан и ее народа и обеспечивает будущие цели национального развития.

**Ключевые слова:** иностранный капитал, новые рабочие места, развитие производства, долгосрочное финансирование, интеллектуальная деятельность.

Akhmedova M.F.

## FOREIGN INVESTMENT AS THE BASIS OF SUSTAINBLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

Finally, it should be noted that the attraction and rational use of foreign capital is one of the areas of mutually beneficial cooperation between the Republic of Tajikistan and foreign countries. Foreign investment has a significant impact on the process of economic transformation of the country. Therefore, it is important objectively assess the possible positive and negative consequences of attracting investment and develop an investment policy that meets the interests of the Republic of Tajikistan and its people and ensures the future goals of national development.

**Keywords:** foreign capital, new jobs, production development, long-term financing, intellectual activity.

Сармояи хориҷӣ бо мақсади амалигардонии бозсозии сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ин маврид дар баробари захираҳои иловагии моддию молиявӣ, инчунин техникаю-технологияҳои пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғ. ҷалб гардида, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Истифодаи сармояи хориҷӣ ба рушди иқтидори содиротии мамлакат, тавсиаи истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникию технологии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шудааст.

Коршинос сармояро ҳамчун маблағгузориҳои дарозмӯҳлат ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, инфрасохтор, бахши аграрӣ, барномаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи табиат ва ғ. ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он бо мақсади рушди истеҳсолот, соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳибкорӣ ва афзун намудани даромаднокӣ баррасӣ менамоянд.

Дар моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» мафҳуми «сармоягузорӣ»-ро чунин шарҳ дода шудааст: «сармоягузорӣ – ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқи молу мулкӣ (ба истиснои молу мулке, ки ба истифодабарии шахсӣ ва ё бо фаъолияти фурӯши мол бе коркарди он алоқаманд аст) бо шумули маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию

технологӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба сармоягузор аз рӯи ҳуқуқи моликият мансубанд ва аз тарафи ӯ ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданок гузошта шудаанд».

Сармояи хориҷӣ метавонад, ки дар шакли сармояи соҳибкории ба корхонаҳои истеҳсолии кишвари қабулкунанда ва дар шакли сармояи қарзӣ аз суратҳисоби ҷории бонкҳои хориҷӣ пешниҳод гардад ва ҳамзамон ҷалби сармояи соҳибкорӣ метавонад дар шакли сармояи мустақим ва портфелӣ сурат гирад.

Дар сатҳи макроиқтисод сармояи хориҷӣ барои татбиқи сиёсати такрористеҳсоли васеъ, суръатбахшии прогресси илмию техникӣ, беҳтар намудани сифат ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, бозсозии сохтории иқтисодиёт ва рушди мутавозуни ҳама соҳаҳои он, ташкили заминаи ашёии саноат, рушди соҳаи иҷтимоӣ, ҳалли масъалаҳои қобилияти мудофиавӣ ва амнияти мамлакат, мушкилоти бекорӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғ. ҳамчун асос баромад мекунанд.

Сармояи хориҷӣ дар сатҳи микроиқтисод низ мавқеи назаррас доранд. Он барои таъмини фаъолияти мӯътадили корхона ҳолати устувори молиявӣ ва ҳаддалимкон зиёд намудани фоидаи субъектҳои хоҷагидор заруранд. Бе сармоягузорӣ таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, бартарафсозии оқибатҳои фарсудашавии ҷисмониву маънавии воситаҳои асосӣ, хариди коғазҳои қиматнок ва ҷалби воситаҳо ба активҳои корхонаҳои дигар, татбиқи тадбирҳои ҳифзи табиат ва ғ. имконнопазир аст.

Барои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ (ФЯС), ҳам дар сатҳи макро ва ҳам микроиқтисод моро зарур аст, ки навъу намудҳои сармояро бо тамоми ҷузъиёташ нишон диҳем. Сармоя аз рӯи аломатҳои гуногун чунин таснифот кардан мумкин аст: шаклҳои амалкунӣ, объектҳои амалкунӣ, субектҳои амалкунӣ (сармоягузор) ва ғ.

Рушди саноатии бештари кишварҳо ва ҳамгароии онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ то андозае ба туфайли Сармояи хориҷӣ метавонад ба кишвари қабулкунанда барои ҳамгироии он ба иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намояд. Ҷалби фаъоли Сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвари қабулкунанда имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

- воридшавии технологияҳои нав. Сармоягузорони калонтарини хориҷӣ, ба қатори ширкатҳои нисбатан рақобатнок дохил шуда дастовардҳои фаъолияти худро дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот, то ташкилнамоии бозорҳои фурӯш ва ҷойгиркунии воситаҳои истеҳсолии худ, дар кишварҳои гуногун истифода мебаранд. Кишварҳое, ки Сармоя хориҷи фаъолона ҷалб карда тавонистанд, таъсири бебаҳои онро ба рушди базаи индустриалии худ ҳис мекунанд. Ширкатҳои ватание, ки бо сармоягузорони хориҷӣ робита пайдо кардаанд «ноу-хау»-ро аз худ намуда, дар шароити рақобати шадид амалнамоиро меомӯзанд. Ҳамин гуна донишҳоро ҳайати идорӣ ва кормандони сармоягузорони хориҷӣ, ки аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ киро карда шудаанд, меомӯзанд;

- ташкили ҷойҳои нави корӣ. Дар кишварҳое, ки иқтисоди миллии онҳо дар ҳолати гузариш қарор дорад, масъалаи асосӣ шуғли нопурра ё худ бекории доимоафзоишёбанда мебошад. Кӯшишҳои коҳиш додани бекорӣ бо истифодаи чораҳои ба монанди ташкили ҷойҳои корӣ дар сектори давлатӣ, на ҳама вакт ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад. Сармояи мустакили хориҷи бошад ҷойҳои нави кориро бо хароҷоти камтарин ва бо истифодаи технологияҳои ҳозиразамон ташкил карда метавонад. Ба замми ин такмили ихтисоси мутахассисони маҳаллӣ дар базаи ин технология ба иқтисодиёти маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад;

- рушди содирот. Сармоягузории фаъоли хориҷӣ боиси афзоиши содирот аз кишварҳои қабулкунанда ба кишварҳои ҳамсоя, инчунин ба бозорҳои мамлакатҳои сармоягузор мешавад, воридоти асъори озод мубодилашавандаро таъмин мекунад, ки барои рушди устувори иқтисодиёт ҳаётан муҳим аст. Асъори озод ивазшаванда барои пардохти қарзи беруна, хариди молҳои хориҷӣ, инчунин барои сармоягузории дохилӣ лозим аст. Хоҳиши истифодаи асъори хориҷии аз ҳисоби содирот ба даст овардашуда, кишварҳоро барои паст кардани маҳдудиятҳои тиҷоратӣ водор ва ҳамгироии онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ

мусоидат менамояд. Сармоя хориҷи ба кишварҳо барои васеъ намудани номгӯи молии содироти худ ёрӣ медиҳад. Афзоиши сифатии маҳсулоти нави содиротӣ махсусан барои кишварҳои нави соҳибихтиёр, ки таърихан асосан ашё содир менамуданд, муҳим аст.

Вақте ки сухан дар бораи СМХ меравад, пеш аз ҳама сармоягузорие дар назар дошта мешавад, ки ба корхонаҳои хориҷӣ гузошта шуда, ба сармоягузорон идоранамоиро аз болои онҳо таъмин менамояд. Ба СМХ бештар он сармояе дохил мешавад, ки ҳаҷми онҳо ба сармоягузор идора намудани на камтар аз 20%-и сармояи оиномавии корхонаро таъмин менамояд. Ин таносуб дар ҳар кишвар гуногун аст, мисол, дар ИМА ҳиссаи Сармоя хориҷи набояд аз 10% сармояи оиномавии корхонаро зиёд бошад. Босуръат афзоиш ёфтани ҳаҷми СМХ дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир дар асоси маълумотҳои зерин дидан мумкин аст:

Таҳлили равандҳои глобалии инвеститсионӣ дар ҷаҳон нишон медиҳад, ки баланд бардоштани фаъолнокии сармоя тариқи ҷалби Сармоя хориҷи барои кишварҳои қабулкунанда ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам манфӣ оварда метавонад. Нисбати Ҷумҳури Тоҷикистон бартариҳои ҷалби сармоя хориҷи инҳо буда метавонанд:

1) заминагузорӣ намудан барои ҳамгироии иқтисоди миллии Тоҷикистон ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ, ки барои рушди содирот тавассути баровардани маҳсулоти ватанӣ ва муштарак (бо ширкатҳои хориҷӣ) ба бозорҳои берунӣ шароит фароҳам меоварад. Афзоиши содирот имкон медиҳад, ки воридшавии асъори хориҷӣ зиёд карда шавад, ки дар навбати худ метавонад баланси пардохт таъмин карда шавад, захираҳои тиллоӣ-асъорӣ зиёд карда шаванд, молҳо, ва воситаҳои меҳнат, ки дар ҶТ истеҳсол намешаванд ё истеҳсоли онҳо бо ин ё он сабаб (иқтисодӣ, экологӣ, технологӣ ва ғ.) мақсаднок нест ё номумкин аст харида шаванд;

2) иваз намудани воридоти ғайри мақсаднок;

3) тавъамкунии (сочетание) воридоти техникаву технологияҳои хориҷии пурсамар ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар, таҷрибаи идоракунӣ ва кор дар асоси шартнома якҷоя бо мубодилаи ба ҳар ду тараф манфиатбахши «ноу-хау», ки дар Тоҷикистон эҷод шудаанд;

4) фаъол гардонидани рақобат байни корхонаҳои миллӣ ва хориҷӣ (то лаҳзаи ноил шудан ба сатҳи самаранокии дуюмин);

**Оқибатҳои манфии баланд бардоштани фаъолнокии сармоя дар асоси воридоти СМХ ба ҶТ инҳо метавонанд бошанд: Расми 1.**




Сармояи хориҷӣ хусусӣ одатан ҳамчун воситаи бартараф кардани тафовут байни захираҳои мавҷуда (пасандозҳои миллӣ, асъори хориҷӣ, даромади миллӣ ва таҷрибаи идоракунӣ) ва ҳаҷми кифояи ин гуна захираҳо, ки барои ноил шудан ба суръати инкишоф ва рушди матлуб заруранд, фаҳмида мешаванд.

Ба саҳми Сармоя хориҷи и хусусӣ дар рушди миллӣ: пурра кардани норасогии захираҳо ҳангоми муқоисаи ҳаҷми лозимаи сармоя ва ҳаҷми мавҷудаи пасандозҳои миллӣ. Ин ки Сармоя хориҷи -и хусусӣ ба  пурра кардани фарқияти байни ҳаҷми лозимаи асъори хориҷӣ барои амалӣ кардани барномаҳои пешбинишуда,  воридоти софи асъорӣ аз содироти миллӣ ва мусоидати давлатӣ ба рушд имкон медиҳад. Воридоти Сармоя хориҷи -и хусусӣ на фақат қисман ё пурра касри тавозуни пардохти хориҷиро рӯйпӯш мекунад, балки метавонад ин масъаларо дар пешомади оянда ҳал намояд. Мисол, корхонаҳое, ки дар асоси сармояи хориҷӣ ташкил шудаанд, метавонанд дар оянда воридшавии софи асъориро таъмин намоянд.

Далел ҳангоми воридшавии Сармоя хориҷи -и хусусӣ фарқияти байни воридоти пешбинишудаи андозҳо ба буҷети давлатӣ ва ҳаҷми воқеии андозҳои ситонидашуда аз байн меравад. Дар назар дошта мешавад, ки ҳукуматҳои кишварҳои рӯ ба рушд ниҳода ҳангоми андозситонӣ аз фоида ва иштироки молиявӣ дар фаъолияти ширкатҳои бузурги дар қаламрави худ амалкунанда имконияти сафарбарии захираҳои молиявии худро пайдо мекунанд. Захираҳои сафарбаршуда пеш аз ҳама барои татбиқи нақшаҳои рушд равона карда мешаванд.

Ба тарафдории Сармоя хориҷи и хусусӣ: ширкатҳои бузург на танҳо воридшавии воситаҳои молиявӣ, ташкили корхонахои нав, инчунин ба шарикони худ аз ҷумлаи соҳибкорони маҳаллӣ таҷрибаи идоракунӣ, таҷрибаи фаъолияти соҳибкорӣ, сирри технологӣ ва ғайраро пешкаш мекунанд. Ба ғайр аз ин, ширкатҳои азими хориҷӣ  метавонанд, ки ба кормандони идории маҳаллӣ таҷрибаи ба роҳ мондани робитаҳоро бо бонкҳои хориҷӣ, кофтукови сарчашмахои алтернативии ашё маводҳо дар дохил, инкишофи шабакаи фурӯшро омӯхта, инчунин бо амалиёти маркетинги байналмилалӣ шинос кунанд. Ниҳоят, ширкатҳои азими хориҷӣ  ҳангоми вориди мошинҳо ва таҷҳизоти ҳозиразамон бо худ технологияҳои самараноки замонавиро низ меоранд. Чунин вориди дониш, таҷриба ва технология барои

давлатҳои қабулкунанда хело ҳам самарабахш аст. Далелҳо ба муқобили Сармояи хориҷи-и хусусӣ:

1) гарчанде ки ширкатҳои азими хориҷӣ сармояро пешниҳод мекунанд, бо вуҷуди ин онҳо метавонанд ба камшавии пасандозҳои миллӣ бо роҳи маҳдуднамоии рақобат мусоидат намоянд. Ин маҳдудкунӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи бастани шартномаҳои эксклюзивӣ оид ба истеҳсолот, ҳаддалимкон коҳиш додани аз нав сармоягузорӣ ва ғайра сурат мегирад. Дар бештари мавридҳо ширкатҳои азими хориҷӣ ба рушди ширкатҳои маҳаллӣ, ки онҳо метавонанд барои ширкатҳои хориҷӣ маводҳои нимтаёр таъмин кунанд, монеа мешаванд.

2) ҳарчанд дар марҳилаи аввал Сармоя хориҷи захираҳои асъориро дар давлатҳои қабулкунанда зиёд мекунанд, дар пешомади дарозмуддат камшавии воридоти асъорӣ ҳам аз рӯи ҳисоби ҷорӣ ва ҳам аз рӯи ҳисоби ҳаракати сармоя имконпазир аст. Бад шудани ҳолати тавозуни пардохти ҷорӣ метавонад дар натиҷаи аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ ворид намудани маводҳои нимтаёр ва воситаҳои истеҳсолот дар ҳаҷмҳои калон ба амалояд. Барориши сармоя ба хориҷа, пардохти фоизҳо, андоз барои баркарорсозии муҳит (роялтӣ), мукофотпулӣ ба менеҷерҳо ва ғайра ҳатман дар ҳисоби ҳаракати сармоя инъикос меёбанд;

Ҳамин тариқ, ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии қабулкунандаи қарор дар бораи роҳ додани сармоягузорони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки дар ҳама ҳолат масъаларо ҳамон тариқ матраҳ намоянд, ки афзалиятҳоро аз ҷалби Сармоя хориҷи ҳаддалимкон бештар ва зарарро аз ин ҷараён ба дараҷаи имконпазир камтар намоянд. Истифодаи самараноки захираҳои рушди иқтисодӣ бо ҷалби СМХ алоқамандии зич дорад. (ниг.ба ҷадвали 1.)

**Ҷадвали 1. Нақши сармоягузорӣ дар истифодаи самараноки захираҳои рушди иқтисодӣ**

| Захираҳои асосии рушди иқтисодӣ | Нақши сармоягузорӣ | Нишондиҳандаи истифодаи самаранок ва нақши сармоягузориҳо |
|---|---|---|
| **Захираҳои табиӣ** | Сармоягузорӣ ба коркард ва истифодаи технологияҳои ҳозиразамон,Тадқиқотҳо ва кам кардани партовҳо | Камкунии беҳтаркунӣ маводғунҷоишӣ ба воситаи коркарди нисбатан амиқ ва маҷмӯии ашёи хом, ҳимоя аз вайроншавии табиат |
| **Захираҳои меҳнатӣ** | Сармоягузорӣ ба рушди инсонӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ | Баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат тавассути такмили таҳсилот, тандурустӣ ва беҳдошти ташкили меҳнат |
| **Қобилияти соҳибкорӣ** | Ноу-хау, ҳавасмандсозии меҳнат, омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо | Такмили доимии идора тавассути ҷорӣ намудани усулҳои муосир ва пешқадам |
| **Иқтидорҳои истеҳсолӣ** | Ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав | Зиёд намудани боздеҳи фондҳо ва беҳдошти сифати маҳсулот ба воситаи такмили технология ва ташкили истеҳсолот |
| **Пешрафти илмӣ, техникию-технологӣ ва истифодаи дастовардҳои он** | Сармоягузорӣ ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ | Ҳаддалимкон зиёд намудани фоида, молу хизматрасониҳои нав ва беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист |
| **Талаботи маҷмӯӣ** | Табодули таҷрибаву малака | Мубориза бо таваррум, |

| | | |
|---|---|---|
| | | танзими талаботи низоми бонкӣ; аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилона тақсим намудани даромадҳо |

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016).
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ.- 2016.- №4
3. Раҳимов З.А., Абдуллоев А.Х., Ҳусайнов М.Н., Абдуллоев А.А., Бозори молия. Васоити таълимӣ. Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе 2015, 172 саҳ.
4. Раҳимов З.А.,Қаюмов С.Ш.,Ҷураев Ш.Ҷ.,Раҳимова С.З. Молия, муомилоти пул ва қарз.(китоби дарсӣ). Душанбе – 2011. (270 саҳ) .
5. Ӯроқ Алимардонов. Молия (воситаи таълимӣ) ҶДММ «Азия-Принт», Душанбе 2014, 292 саҳ.
6. Х.Р. Улуғхоҷаева, Ф.С. Обидов, З.А. Раҳимов. Молия (китоби дарсӣ) Душанбе «Эр-граф» 2012. (246 саҳ.).
7. Ҳ.Н. Акобиров, Д.Н. Одинаев Молия (китоби дарсӣ) Душанбе: Контраст, 2011. – 260 с.
8. Ҳасанов А.Р, Миразизов Ф.Ҳ., Содиқов Р.Ҳ. Молия ва қарз (китоби дарси). - Душанбе «Ирфон», 2010-352 саҳ.

**УДК 336.1**

**Қурбонова Н.Ҷ.**

## КОНСЕПСИЯИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ЛИФТҲОИ ИҶТИМОӢ

Дар шароити соҳибистиқлолии кишвар, рушди давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ масъалаҳои мақому мавқеи занон мазмуни нав касб намуд. Дар ҷараёни ислоҳот, ташаккули сохтори нави ҷомеа ва навгониҳои мафкуравӣ (идеологӣ) дар ҷамъият мақоми занон дар ҳаёти сиёсӣ хеле боло рафт. Бӯҳрони мафкуравии баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омада дар ҷомеа қувваҳоеро ба вуҷуд овард, ки онҳо падидаҳои номатлуби миллатгароӣ, фундаментализми исломӣ, экстремизми динӣ ва дигар равияҳои ифротгароиро тарғиб менамуданд.

**Калимаҳои калидӣ:** Косепсия, соҳибкорӣ, соҳибкории занона, молия, Тоҷикистон,давлат,механизм.

**Курбанова Н. Дж.**

## КОНЦЕПЦИЯ ЖЕНСКОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА КАК МЕХАНИЗМА СОЦИАЛЬНОГО ЛИФТА

В условиях независимости страны, развития правового и светского государства статус и положение женщины приобрели новое значение. В ходе реформ, формирования новой структуры общества и идеологических (идеологических) новаций в обществе значительно повысился статус женщины в политической жизни. Идеологический кризис, возникший после распада Советского Союза, создал в обществе силы, пропагандирующие нежелательные явления национализма, исламского фундаментализма, религиозного экстремизма и других экстремистских течений.

**Ключевые слова:** Концепция, предпринимательство, женское предпринимательство, финансы, Таджикистан, государство, механизм.

**Kurbanova N. Dzh.**

## THE CONCEPT OF WOMEN'S ENTREPRENEURSHIP AS A MECHANISM FOR SOCIAL MOBILITY

In the context of the country's independence and the development of a legal and secular state, the status and position of women acquired new meaning. In the course of reforms, the formation of a new structure of society and ideological (ideological) innovations in society, the status of women in political life has significantly increased. The ideological crisis that arose after the collapse of the Soviet Union created forces in society that promote undesirable phenomena of nationalism, Islamic fundamentalism, religious extremism and other extremist movements.

**Keywords:** Concept, entrepreneurship, women's entrepreneurship, finance, Tajikistan, state, mechanism.

**Гузориши масъала.** консепсияи соҳибкории занон ҳамчун механизми эҳёи сунъӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди босамари соҳибкории занон ба ҳалли мушкилоти занон мусоидат намуда, имкониятҳои баробари занонро дар тиҷорат таъмин намуда, нишондиҳандаҳои ҷуғрофиро дар ҷомеа коҳиш медиҳад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Доир ба арзёбии фаъолияти М.Вебер, П.Дракер, В.Зомбарт, Д.Кларк, К.Маркс, Ф.Найт, А.Смит ва дигарон гузоштаанд ( Моисеева 2023). Инчунин олимони ватанӣ аз ҷумла –Палвонова, Р Набиева, Н. Кондакова, М.Г. Ғафарова ва дигарон.

**Мақсади мақола** – ин Арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкории занон ва афзалиятҳои ҳавасмандии онҳо ҳангоми ташкили тиҷорати худ.

**Мухтавои асосии мавод.** Ташкили самараноки истехсолот ва идоракунӣ; ба дӯш гирифтани таваккал ва масъулият барои натиҷаҳои ниҳоӣ; қабули қарорҳои иқтисодӣва ғайраҳо.

Дар шароити соҳибистиқлолии кишвар, рушди давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ масъалаҳои мақому мавқеи занон мазмуни нав касб намуд. Дар ҷараёни ислоҳот, ташаккули сохтори нави ҷомеа ва навгониҳои мафкуравӣ (идеологӣ) дар ҷамъият мақоми занон дар ҳаёти сиёсӣ хеле боло рафт. Бӯҳрони мафкуравии баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омада дар ҷомеа қувваҳоеро ба вуҷуд овард, ки онҳо падидаҳои номатлуби миллатгароӣ, фундаментализми исломӣ, экстремизми динӣ ва дигар равияҳои ифротгароиро тарғиб менамуданд. Ҳолати мазкур тақозо мекард, ки мақом ва аҳамияти омилҳои мафкуравӣ баланд бардошта шавад ва дар ин замина ба муайян намудани мавқеи занон дар давлат таваҷҷӯҳи аввалиндарҷа зоҳир карда шавад.

Маълум, аст, ки сатҳи маърифати ҷомеа ва нуфузу эътибори он аз руйи муносибат ба зан, ба модар муайян карда мешавад, аз руйи он арзёби мегардад, ки занон то чи андоза соҳибмаърифату соҳибкасбанд ва то чи андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

таъмини риояи ҳуқуқи конститутсионии занон тамоми тадбирҳои заруририро андешида, мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амали мегардонад.

Инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба баланд бардоштани мақоми занон дар ҷамъият» аз 3 декабри соли 1999 ба тасвиб расид,ки нишонаи баланди эҳтироми зан ва модарро инъикос менамояд.

Ҳанӯз моҳи ноябри соли 2023 Пешвои миллат, Раиси Шӯрои машваратӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буданд, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя тавассути беҳбуди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб мешавад.

Дар рӯзномаи ҷаласаи 23-юми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид, ки «бо мақсади фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоидтар барои соҳибкории занон лоиҳаи Барномаи рушди соҳибкории занон дар соли ҷорӣ давраи то соли 2027 таҳия шудааст».

Дар барномаи маскур инчунин қайд гардид,ки чиіати амалисозии қарори Іукумати Йуміурии Тоӣикистон аз 28 январи соли 2021, № 5 "Дар бораи грантіои Президенти Йуміурии Тоӣикистон йиіати дастгирҳ ва рушди фаъолияти соіибкории занон барои соліои 2021-2025" ба андозаи 2 500 000 сомони маблаҷ пешбинҳ гардидааст, ки бо мақсади дастгирии фаъолияти соіибкорҳ, баланд бардоштани фаъолнокии занон дар бахши иқтисодиёт тавассути Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Іукумати Йуміурии Тоӣикистон пешниіод карда мешавад. Ба қарори Іукумати Йуміурии Тоӣикистон аз 31 марти соли 2022, № 151 "Дар бораи қоидаіои андозбандии соіибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаіодатнома фаъолияткунанда" номгӯйи 108 намуди фаъолияти соіибкорҳ дар хона тасдиқ карда шуд, ки комилан аз андоз озод мебошанд.[4].

Аз ин лиҳоз консепсияи соҳибкории занон ҳамчун механизми эҳёи сунъӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди босамари соҳибкории занон ба ҳалли мушкилоти занон мусоидат намуда, имкониятҳои баробари занонро дар тиҷорат таъмин намуда, нишондиҳандаҳои ҷуғрофиро дар ҷомеа коҳиш медиҳад. Соҳибкории занон метавонад ҳаракати самарабахши иҷтимоиро тавассути фароҳам овардани имкони рафъи монеаҳои ҷуғрофӣ, ба даст овардани истиқлолияти молиявӣ ва иштирок дар рушди иқтисодӣ таъмин намояд. Илова бар ин, занони соҳибкори муваффақ метавонанд барои занони дигар намуна шаванд ва онҳоро барои пешрафти касб ва таҳияи лоиҳаҳои хуби тиҷоратӣ илҳом бахшанд. Бо вуҷуди ин, барои амалӣ намудани консепсияи соҳибкории занон ҳамчун як лифти механикӣ, барномаҳои махсуси дастгирӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва таҳсил барои занон, инчунин тағир додани стереотипҳо дар ҷомеа ва дар ниҳоят дар тиҷорат зарур аст.

Асосҳои омӯзиши соҳибкорӣ, вазифаҳо ва аҳамияти он барои ҷомеаро олимони барҷаста – М.Вебер, П.Дракер, В.Зомбарт, Д.Кларк, К.Маркс, Ф.Найт, А.Смит ва дигарон гузоштаанд ( Моисеева 2023). Инчунин олимони ватанӣ аз ҷумла –Палвонова, Р Набиева, Н. Кондакова, М.Г. Ғафарова ва дигарон, ки дар асарҳои худ дар таҳлили «масъалаи зан» бо назардошти шароити мушаххаси таърихӣ аз принципи таърихӣ ва давомдориро истифода бурдаанд. Э.М. Загородная, Н. Соловьев, С Рацабова, А. Аҷибоев мавқеи занонро дар истеҳсолот, саноат ва дигар соҳаҳо барраси намудаанд. [7].

Таҳқиқоти муосири хориҷӣ оид ба нақши институтҳои иҷтимоӣ дар рушди соҳибкории занон асарҳои Д.Гименес, А.Калабро (Giménez, Calabrò 2018), Ф.Б. Запкау, К.Швенс, Р.Кабст, ки сабаб ва ангезаҳои ташкили тиҷорати шахсии худро, омилҳои таъсиргузор ба рафтори соҳибкорӣ: раванд, фард, муҳити зист ва созмон (Запкау, Швенс, Кабст 2017) ва дигаронро баррасӣ кардаанд.

Дар ҷаҳони муосир мафҳуми соҳибкории занон торафт васеъ паҳн мешавад. Бонувон бо кушодани тиҷорати худ имкон пайдо мекунанд, ки на танҳо худ ва оилаи худро таъмин кунанд, балки ба мақоми нави иҷтимоӣ ноил шаванд. Ҳамин тариқ, соҳибкории занон як механизми муассири пешрафти иҷтимоӣ мегардад. Тараққиёти соҳибкории занон ба иқтисодиёт ва тамоми ҷамъият таъсири мусбат мерасонад. Занони соҳибкор ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, андоз месупоранд, навоварӣ таҳия ва татбиқ мекунанд. Соҳибкории занон ба афзоиши рақобат ва беҳтаршавии сохтори иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ дар Тоҷикистон барои дастгирии соҳибкории занон дар соли 2023 2,5 миллион сомонӣ ҷудо карда. Дар ин бора рӯзи 12 феврал дар нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода хабар дод. Инчунин номбурда қайд кард, ки дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025» аз ҷониби комиссияи озмунӣ 192 лоиҳа баррасӣ гардид. , 80-тоаш дастгирӣ карда шуд. Барои татбиқи онҳо 2 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, мониторинги миёнамӯҳлат бо мақсади тафтиши фаъолияти 80 гирандаи грант гузаронида шуд. [8].

Имконияти иқтисодии занон боиси баланд шудани вазъи иҷтимоӣ ва беҳтар шудани шароити оила мегардад. Занони соҳибкор аз ҷиҳати молиявӣ мустақил метавонанд қарорҳои муҳим қабул кунанд ва ба равандҳои ҷомеа таъсир расонанд.

Ҳамин тариқ, рушди соҳибкории занон шарти зарурии бунёди ҷомеаи муосири демократӣ бо имкониятҳои баробар барои ҳама мебошад. Давлат ва ҷомеа бояд соҳибкории занонро ҳамчун механизми муассири ҳаракати иҷтимоӣ ва пешрафти ҳамаҷониба дастгирӣ ва ҳавасманд гардонанд. Бо кушодани тиҷорати шахсии худ, занон имкон пайдо мекунанд, ки иқтидори худро дарк кунанд ва сифатҳои касбӣ ва тиҷоратии худро нишон диҳанд. Илова бар ин, тиҷорати муваффақ ба зан имкон медиҳад, ки мақоми иҷтимоии худро баланд бардорад. Аз зани хонашин ё коргари камдаромад ба як узви обрӯманди ҷомеа, соҳиби як ширкати фоидаовар табдил меёбад. Зани соҳибкор нуфуз, эътибор ва эътимод ба худ пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, барои бисёре аз занон соҳиби тиҷорати шахсии худ як навъ лифтҳои иҷтимоӣ мегардад. Агар дар гузашта пешравии касбии зан бинобар қолабҳои гендерӣ мушкил буд, ҳоло бо роҳандозии як корхонаи нав ё корхонаи хурд метавонад мустақилона вазъи иҷтимоиву иқтисодии худро беҳтар созад. Соҳибкории занон ба онҳо имкон медиҳад, ки истиқлолияти молиявӣ ба даст оранд, иқтидори шахсиро дарк намоянд ва дар ҷомеа мавқеи баландро ишғол намоянд. Аз ин рӯ, он барои занони муосир як бардорандаи иҷтимоӣ муҳим ва муассир аст.

Биёед бубинем, ки чӣ гуна истиқлолияти молиявӣ барои занони соҳибкор имкониятҳои навро барои таъсир ба равандҳои ҷомеа фароҳам меорад:

- ✓ дар хаёти чамъиятию сиёсӣ фаъолона иштирок карда, ба хизбхо дохил шуда, худро ба интихоботи органхои давлатй пешбарй карда метавонанд;

- ✓ метавонад ба сифати сарпарастон ва хайрхоҳон баромад карда, лоиҳаҳои муҳими фарҳангӣ, таълимӣ ва тиббиро дастгирӣ намояд;
- ✓ дар сатхи конунгузори имконияти химояи манфиатхои худ ва манфиатхои тичорати худро дошта бошад;
- ✓ метавонад созмонҳо ва фондҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ машғуланд;
- ✓ ваколат ва таҷрибаи муваффақи онҳо имкон медиҳад, ки ба афкори ҷомеа таъсир расонанд ва тамоюлҳоро ташаккул диҳанд;
- ✓ онҳо барои занони дигар намунаи ибрат шуда, онҳоро барои амалӣ намудани иқтидори шахсӣ ва касбии худ илҳом мебахшанд;
- ✓ метавонанд дар ширкатҳои худ таҷрибаи пешқадамро дар соҳаи сиёсати кадрӣ, бастаҳои иҷтимоӣ ва шароити тағйирпазири корӣ ҷорӣ кунанд.

Ҳамин тариқ ,бо истиқлолияти молиявӣ ба занони соҳибкор имкони иштироки фаъолона дар ҷомеа ва мусоидат ба тағйироти мусбат дода мешавад. Соҳибкории занон ҳамчун механизми лифтҳои иҷтимоӣ мавзӯъест, ки дар ҷомеаи муосир рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад. Он нақши афзояндаи занон дар тиҷорат ва қобилияти онҳо дар истифодаи соҳибкорӣ ҳамчун воситаи ҳаракати иҷтимоӣ инъикос меёбад.

Соҳибкории занонро метавон ҳамчун як механизми эҳтимолии баланд бардоштани мақом ва некӯаҳволии занон арзёбӣ кард. Аз рӯи анъана занон аз тиҷорат ва ишғоли мансабҳои баланд дар ҷомеа манъ карда мешуданд. Аммо бо тағйироти меъёрҳои иҷтимоӣ ва вазъи ҳуқуқии занон имкониятҳои соҳибкорӣ бештар дастрас гардиданд. Занони соҳибкор имкон доранд, ки шифти шишаро шикаста ва новобаста аз ҷинс ба муваффақият ноил шаванд. Илова бар ин, олимон қайд менамоянд,ки соҳибкории занон ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисод мусоидат мекунад. Занон бо таъсиси ширкатҳои худ дар рушди тиҷорат саҳм мегузоранд ва рушди иқтисодиро ҳавасманд мекунанд. Онҳо инчунин барои худ ва коргарони худро бо кор ва даромад таъмин мекунанд, ки ин ба коҳиш додани бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат мекунад.[1].

Гузашта аз ин, соҳибкории занон имкони тағир додани стереотипҳо ва тасаввурот дар бораи нақши зан дар ҷомеаро дорад. Вақте ки занон ҳамчун соҳибкорони муваффақ ва бонуфуз пайдо мешаванд, онҳо қобилияти худро дар идоракунии тиҷорат, қабули қарорҳои муҳим ва пешво будан нишон медиҳанд. Ин боиси тағйир ёфтани тасаввуроти ҷомеа нисбат ба занон ва қобилияти онҳо мегардад, қолабҳои қолабиро аз байн мебаранд ва имкониятҳои баробарро барои ҳама пеш мебарад.

Аз тарафи дигар, солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки бо ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) рост омад, ба фаъолияти занон таъсири манфӣ расонид. Чунончи, соли 1995 ҳиссаи занон дар парламенти мамлакат 2,8%-ро ташкил намуд, дар мақомоти маҳаллӣ бошад, 8,7% ро ташкил медод (4,с. 27). Дар мақомоти марказии идоракунӣ намояндагии занҳо дар байни роҳбарони аввал 3,3%, дар байни муовинон 5,0%, дар байни роҳбарони зерсохторҳо 19,4%-ро ташкил дод.[5].

Индекси соҳибкорӣ, ки ҳиссаи занони роҳбарро нишон медиҳад, дар Русия 0,7-ро ташкил медиҳад (аз рӯи ҷадвали аз 0 то 1, ки дар он 1 баробарии комили мардон ва занонро ифода мекунад). Дар Африка ин нишондод 0,66, дар Америкаи Лотинӣ — 0,64, дар Америкаи Шимолӣ, Европаи Шаркӣ ва Осиёи Миёна — 0,61, дар Япония — 0,6, Австралия — 0,57, дар Осиё — 0,56, дар Европаи Гарбӣ — 0,5 мебошад. шохиси фаъолияти соҳибкорӣ (бо назардошти шумораи занони худкор).

Масъалан дар ширкатҳои бузург ба монанди Фейсбук фоизи баландтарини занон дар нақшҳои роҳбарикунанда бо 36,7 дарсад ва Apple бо 32,3 дарсади вазифаҳои роҳбарии онро занон ишғол мекунанд.

Соҳибкории занон ҳамчун як механизми баландбардории иҷтимоӣ барои тағйир додани мақоми занон ва вазъи иқтисодии онҳо потенсиали азим дорад. Занони соҳибкор дар арсаи сиёсӣ нақши бештару муҳим мебозанд. Иштирок ва намояндагии онҳо дар сиёсат барои ноил шудан ба баробарии гендерӣ, гуногунрангӣ муҳим аст

Инҳоянд баъзе ҷанбаҳои нақши занони соҳибкор дар давлат:

- ✓ Намояндагӣ: Иштироки занони соҳибкор дар давлат ба намояндагии бештари баробари занон дар қабули қарорҳои муҳим мусоидат мекунад. Онҳо метавонанд дар таҳияи сиёсатҳое, ки соҳибкории занонро дастгирӣ ва мусоидат мекунанд, саҳм гузоранд;
- ✓ Рушди иқтисодӣ: Занони соҳибкор метавонанд як муҳаррики тавонои рушди иқтисодӣ бошанд. Иштироки онҳо дар давлат метавонад ба фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ барои занон, фароҳам овардани дастрасии беҳтар ба захираҳо, воситаҳои молиявӣ ва шабакаҳои дастгирӣ мусоидат кунад, ки дар маҷмӯъ рушди соҳибкориро ҳавасманд мекунад;
- ✓ Тағйироти иҷтимоӣ: Занони соҳибкор бо иштирок дар давлат метавонанд сиёсатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дастгирӣ ва амалӣ созанд. Онҳо метавонанд барои беҳтар намудани шароити меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқҳои занони соҳибкор ҷонибдорӣ кунанд, инчунин дар фароҳам овардани имкониятҳои баробар ва шикастани стереотипҳои умумии гендерӣ мусоидат кунанд;
- ✓ Муоширát ва илҳом: Занони соҳибкор дар мансабҳои сиёсӣ метавонанд барои занони дигар, ки мехоҳанд соҳибкор шаванд, ҳамчун илҳом ва намуна хидмат кунанд. Ҳикояҳои муваффақият ва малакаҳои роҳбарии онҳо метавонанд ба рушд ва тарбияи насли нави соҳибкорон мусоидат кунанд;
- ✓ Қувваи корӣ ва шуғл: Иштироки занони соҳибкор метавонад боиси таҳияи сиёсатҳое шавад, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунанд ва имкониятҳои баробарро барои занон дар ҷои кор дастгирӣ мекунанд. Он инчунин метавонад боиси таҳияи чораҳо оид ба пешгирии табъизи гендерӣ ва фароҳам овардани муҳити нисбатан баробар ва одилонаи корӣ гардад.

Тибқи гузориши "Занон дар сиёсат дар соли 2023" ва "Харитаи занони Созмони Милали Муттаҳид" имрӯз дар саросари ҷаҳон беш аз ҳарвақта бештари занон дар вазифаҳои тасмимгириҳои сиёсӣ қарор доранд. То 1 январи соли 2023 маълумот нишон медиҳад, ки шумораи занон дар вазифаҳои роҳбарикунандаи сиёсӣ ҳам дар ҳукумат ва ҳам дар парлумон афзоиш ёфтааст.[2].

Ҳамин тариқ, занони соҳибкоре, ки мансабҳои сиёсиро ишғол мекунанд, имкони таъсири назаррас ба рушди муҳити соҳибкорӣ ва ноил шудан ба баробарии гендериро доранд. Иштироки онҳо дар сиёсат барои гуногунрангӣ, навоварӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ муҳим аст.

Барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ, моро зарур аст, ки аз барномаи давлатии рушди соiибкории занон дар Йуміурии Тоiикистон барои давраи то соли 2027 самаранок истифода намоем, ки дар он масъалаҳои зерин ба тавсиб расидаанд:

- ✓ Рушди инфрасохтори муосир барои дастгирии соҳибкории занон;
- ✓ Таъсис ва амалӣ намудани портали Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуд дар сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ки иттилоотро оид ба имкониятҳои занон дар рушди иқтидори соҳибкорӣ ҷамъ меоварад;
- ✓ Гузаронидани ҳамоишҳо бо иштироки тарафҳои масъули мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони иттиҳодияи соҳибкории занон (бизнес - ассотсиатсияҳои занон) ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар мавзуъҳои “Тадбирҳои пешбарӣ ва дастгирии соҳибкории занон;
- ✓ Ҷорӣ намудани механизми дастгирии дастрасии занон ба таълими маҳорати соҳибкорӣ ва мушовирӣ. Қобили зикр аст, ки Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон”-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахшҳои он дар шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва омӯзишӣ ба соҳибкорони навтаъсис таъсис дода шудааст; Илова бар ин, дар назди муассисаи мазкур бо кумаки машваратии коршиносони хориҷӣ бизнес инкубаторҳои хусусӣ, краудфандинг, барномаҳои хусусии инкубатсия, акселератсия ва марказҳои коворкинг ташкил карда шудаанд, ки ба соҳибкорони ҷумҳурӣ кумакҳои

машваратӣ пешниҳод менамоянд. Аз оғози фаъолият то имрӯз чорабиниҳои гуногуни омӯзишӣ бо ҷалби зиёда аз 22700 нафар гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 9088 нафар занон ва 9596 нафар ҷавонону донишҷӯён фаро гирифта шудаанд. Ин раванд боз ҳам идома дошта, дар соли 2024 баргузории беш аз 400 чорабинӣ ба нақша гирифта шудааст.[3]

Азбаски монеаҳои мушаххас вуҷуд доранд, бояд дастгирии намудҳои махсуси фаъолияти соҳибкории занона ва умуман соҳибкорӣ аз ҷониби давлат дастгири ёбанд. Инҳо дар бар мегиранд:

- ✓ эҷоди симои зани соҳибкори муваффақ дар ВАО;
- ✓ ташкили барномаҳои дастгирӣ: содда ва фаҳмо, имкон медиҳад, ки ҳамаи мушкилоти асосии дар ин бахш бартараф карда шаванд;[6]
- ✓ ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеа ба рушди соҳибкории занон ва платформаҳои краудфандинг таъсис дода шуда дар асоси захираҳои молиявии ҷамъшуда лоиҳаҳои занон низ дастгирӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, пас аз консепсияи соҳибкории занон ҳамчун механизми лифтҳои иҷтимоӣ чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст:

1.пешбурди тиҷорат ба салоҳияти на танҳо мардон, балки занон низ баробар мешавад;

2.ҳиссаи ММД зиёд мешавад;

3.ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд.

**Адабиёт**


1. Гаврилюк Т.В., Бочаров В.Ю. Интерсекцио- нальность как способ концептуализации гендер- ного и классового неравенства // The Journal of Social Policy Studies. 2018.

2. Карта женщин в политике МПС и Структуры "ООН-женщины". URL: https://www.unwomen.org/ en/digital-library/publications/2023/03 (дата обра- щения: 25.10.2024)

3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои бандҳои Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025-и Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, №545.Банди 39.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, № 545.Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027.с.3 банди 6.

5. Социальный статус женщины в современном таджикистанском обществе. Дисертация ВАК РФ 22.00.04, 2013 г. доктор социологических наук Хушкадамова, Халимахон Отамбековна.с.315

6. Создание программ поддержки женщин-предпринимателей как фактор роста малого и среднего бизнеса в России. Института экономики и предпринимательства ИНГУ им. Н.И. Лобачевского доктор экономических наук А.В. Богатырев. С.6-5

7. Таджикистан на пути к гендерному равенству. - Душанбе: 2004- С. 27.

8. На поддержку женского предпринимательства в Таджикистане в 2023 году было выделено 2,5 млн. сомони. Электронный ресурс: https://avesta.tj/2024/02/13/na-podderzhku-zhenskogo-predprinimatelstva-v-tadzhikistane. 13 февраля, 2024 / 11:04

**УДК519.23**

**Муродов И. Р.**

## ИСТИФОДАИ ДИАГРАММАҲО ДАР ТАҲЛИЛҲОИ АНАЛИТИКӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОМОРӢ

Мақсадҳои ниҳоии тадқиқоти аналитикӣ тафсири вобасташуда ба омор, барномасозии компютерӣ ва мусоидати амалии мақомоти дахлдор оид ба масъалаҳои сиёсӣ, яъне коркарди тавсияҳои амалӣ барои шахсоне, ки қарорҳои идоравиро қабул менамоянд, ба ҳисоб меравад. Вазифаи тадқиқоти аналитикӣ беҳтар намудани заминаи донишҳо, ки дар асоси он қарорҳои идоравӣ қабул мегарданд, мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки машваратдиҳӣ дар соҳаи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ ҳатман бояд таҳлили ҷиддии равандҳои сиёсиро дар бар гирад.

**Вожаҳои калидӣ:** диаграмма, тадқиқоти аналитикӣ, тавсияҳои амалӣ, қарорҳои идоравӣ, барномасозӣ, машваратдиҳӣ, нишондиҳандаҳои оморӣ

**Муродов И. Р.**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ДИАГРАММ В АНАЛИТИЧЕСКОМ АНАЛИЗЕ И СТАТИСТИЧЕСКИХ ПОКАЗАНИЯХ

Конечными целями аналитических исследований являются интерпретация на основе статистики, компьютерного программирования и практической помощи соответствующим органам власти по политическим вопросам, то есть разработка практических рекомендаций для тех, кто принимает управленческие решения. Задача аналитических исследований – совершенствование базы знаний, на основе которой принимаются управленческие решения. Опыт показывает, что консультирование в сфере государственного и местного управления обязательно должно включать серьезный анализ политических процессов.

**Ключевые слово:** диаграмм, аналитическом анализе, управленческие решения, практических рекомендаций, статистических показаниях

**Murodov I. R.**

## USING DIAGRAMS IN ANALYTICAL ANALYSIS AND STATISTICAL INDICATORS

The ultimate goals of analytical research are statistical interpretation, computer programming, and practical assistance to relevant authorities on political issues, i.e., the development of practical recommendations for those who make administrative decisions. The task of analytical research is to improve the knowledge base on which administrative decisions are made. Experience shows that consulting in the field of state and local administration must necessarily include a serious analysis of political processes.

**Keywords**: diagrams, analytical analysis, practical assistance, programming, practical recommendations, administrative decisions, statistical indicators

Мақсадҳои ниҳоии тадқиқоти аналитикӣ тафсири вобасташуда ба омор, барномасозии компютерӣ ва мусоидати амалии мақомоти дахлдор оид ба масъалаҳои сиёсӣ, яъне коркарди тавсияҳои амалӣ барои шахсоне, ки қарорҳои идоравиро қабул менамоянд, ба ҳисоб меравад. Вазифаи тадқиқоти аналитикӣ беҳтар намудани заминаи донишҳо, ки дар асоси он қарорҳои идоравӣ қабул мегарданд, мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки машваратдиҳӣ дар соҳаи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ ҳатман бояд таҳлили ҷиддии равандҳои сиёсиро дар бар гирад.

Тадқиқоти аналитикӣ раванди байнифанниест, ки ба бунёд, арзёбӣ ва додугирифти донишҳои муҳим барои қабули қарорҳои идоракунӣ нигаронда шудааст. Тадқиқоти аналитикӣ ҳамчун фан ба методҳо, назария ва амалияи илми иҷтимоӣ барои ҳалли мушкилоти рӯзмарраи иқтисодиёти миллӣ такя мекунад. Тадқиқоти аналитикӣ ба таҳлили проблемаҳои сиёсӣ равона мегардад, ки асосан на танҳо олимон, балки аз ҷониби доираи васеи тадқиқотчиёни берун аз ҷомеаи академӣ бо мақсади арзёбии нақшаҳои гузашта, имрӯза ва пешниҳодшудаи сиёсати давлат гузаронда мешавад.

***Талабот ба тадқиқоти аналитикӣ.*** Қобили зикр аст, ки дар давраи кунунӣ, афзоиши талаботи давлат ба таҳлилигарон ва машваратчиёни мустақил, ки бо омӯзиши масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ машғуланд, ба чашм мерасад. Сабаби афзоиши талабот ба тадқиқоти аналитикӣ бо зарурати омӯзиши сабабҳои пайдоиши мушкилоти иҷтимоӣ ва монеаҳои гуногуни ба раванди ислоҳотҳои сиёсию иҷтимоии давлат таъсиррасон вобастагии калон дорад.

Талаботи ибтидоӣ ба тадқиқоти аналитикӣ бо афзоиши дарки ҳукумат аз зарурати ҳалли проблемаҳои дар пешомада ва зарурати арзёбии қарорҳои сиёсии алтернативӣ алоқаманд аст. Пайдоиши тадқиқоти аналитикӣ ба давраи татбиқи сиёсати зиддибуҳронии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 1930-юм рост меояд, вақте ки ҳукумати федералии Амрико нақши муҳимро дар соҳаи танзим, тақсимот ва маблағгузории рушди зерсохтори иқтисодӣ ба зиммаи худ гирифта зарурати таҳлили сифати сиёсати давлатро баён намуд. [1, 120с. ]

Инчунин, назарияе вуҷуд дорад, ки тадқиқоти аналитикӣ нахустин бор дар банақшагирии сохтмони сарбанд дар водии Теннесси ИМА дар солҳои 1930-юм самаранок татбиқ шуда буд. [2, 537с.]

Баъзе сиёсатмадорон ҳамон вақт аз он нигарон буданд, ки сарбандҳо асосан барои ғанӣ гардондани фоидаи ширкатҳои сохтмонӣ ва на барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба қувваи барқ ва пешгирии обхезӣ сохта мешаванд. Тадқиқоти аналитикӣ самараи худро дар сохтмони сарбанди водии Теннессии нишон дод. Аз ҳамон давра методологияи тадқиқоти аналитикӣ ва соҳаи татбиқи он пайваста васеъ гардида истодаанд. [3, 236 с.]

Тибқи таҷрибаи ИМА дар марҳилаи аввали коркарди усулҳои тадқиқоти аналитикӣ ҳамкорӣ бо бахши илм, аз ҷумла олимони муассисаҳои таълимии олии касбӣ, марказҳои тадқиқотию машваратӣ, иқтисодчиёни дорои малакаи баланди техникӣ, дорои имконияти баҳодиҳии масштаби проблемаҳо, ташкили таҳлили оморӣ ва арзёбии ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ барои татбиқи чораҳои гуногуни давлатӣ афзун мегардад. Дар баробари ин инкишофи раванди тадқиқоти аналитикӣ ба коркарди механизми идоракунии самараноки равандҳои сиёсии давлат оварда мерасонад. Дар ин ҷода тақозо ба миён меояд, ки аксар мушкилоти иҷтимоии давлат на аз нуқтаи назари таҳлили сиёсати иҷтимоӣ, балки аз ҷиҳати таҳлили тамоми марҳилаҳои раванди сиёсати давлат мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

*Ҳадафи тадқиқоти аналитикӣ.* Тадқиқоти аналитикӣ аз нуқтаи назари олимони зиёд ҳамчун самти алоҳидаи илми иҷтимоӣ қабул шудааст.[4,259с ]

Хусусияти муҳимми тадқиқоти аналитикӣ дар ҳолати нақши ҳукуматро дар ҷомеа ва муҳиммияти муносибатҳоеро, ки байни ҳукумат, ҷомеа ва бахши хусусӣ ташкил мешаванд, аз нав дарк кардан дида мешавад. Ин ба дигаргунсозии низоми қабули қарорҳои сиёсӣ оварда мерасонад, ки дар он шаклҳои нави кушодаи ҳамкории ҳукумат бо ҷомеа, аз қабили вохӯриҳо, машваратҳо, баҳсҳо, муҳокимаҳо ва ғайраҳо нақши фаъол мебозанд.

Тадқиқоти аналитикӣ дар марҳилаи ибтидоии рушд чун фаъолият оид ба ҷамъ, таҳлили иттилоот ва таҳияи тавсияҳо барои шахсони соҳаи идоракунӣ, ки қарорҳои муҳимми сиёсиро қабул мекунанд, фаҳмида мешавад. Имрӯз ҳадафҳои имконпазири тадқиқоти аналитикӣ дар паҳн намудани иттилоот ба аҳолӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор оид ба раванди сиёсӣ барои ташкили иштироки фаъолонаи онҳо дар қабули қарорҳои сиёсӣ, ки ба эҳтиёҷоти шаҳрвандон нигаронида шудаанд, бештар дида мешавад. Ҳамин тавр, ба ҳайси субъектҳои тадқиқоти аналитикӣ на танҳо хизматчиёни давлатӣ, мансабдорони давлатӣ, роҳбарони вазорату идораҳо, инчунин намояндагони бахши хусусӣ, аъзои созмонҳои ҷамъиятӣ, намояндагони ВАО, инчунин, шаҳрвандони одӣ, ки бавосита ё бевосита ба ҳайси қабулкунандагони ин сиёсати давлатӣ баромад мекунанд, фаъолият намуда истодаанд.

Бо дарназардошти доираи васеи татбиқи тадқиқоти аналитикӣ таҳлили самараноки сиёсати давлат на танҳо истифодаи малакаҳои хуби техникӣ, инчунин дониши чуқури фаннӣ, мантиқи сиёсӣ ва малакаи хуби муносибати байнишахсиро талаб менамояд. Тамоюли асосии инкишофи тадқиқоти аналитикӣ гузариш аз таҳлили сиёсатгузорӣ ба машваратдиҳии ҳукумат буда, самт ва афзалиятҳои рушди тадқиқоти аналитикиро ифода мекунад. [5, 747с]

Аз рӯи марҳилаи вақт тадқиқоти аналитикӣ ба ретроспективӣ (гузашта) ва перспективӣ (оянда) ҷудо мешавад (расми 2).




Асосан тадқиқоти аналитикӣ пеш аз татбиқи сиёсати муайяни соҳаи дахлдор ё пас аз иҷроиш, анҷоми он гузаронда мешавад. Дар ин ҷода ҳадафи тадқиқоти аналитикӣ метавонад, ҳамчун таҳлили натиҷаҳои сиёсати иҷрошуда ё пешгӯикунии самараи имконпазири сиёсатҳои алтернативии пешниҳодшуда баромад намояд.

Тадқиқоти **ретроспективӣ** таҳлили таърихии сиёсати иҷрошуда ё баҳодиҳии сиёсати навест амалӣ шуда истодааст. Таҳлили ретроспективӣ дар ду марҳилаи вақт метавонад, гузаронда шавад: дар марҳилаи анҷомёбии сиёсати давлатӣ ё пас аз ба анҷом расидани он. Таҳлили ретроспективӣ ба ду саволи асосӣ посух мегардонад: "Дар натиҷаи татбиқи сиёсати мазкур чӣ рӯй дод?" ва "Оё ҳадафи сиёсати мазкур ба даст дароварда шудааст ё на?".

Тадқиқоти ретроспективӣ дар навбати худ ба *тадқиқоти тасвирӣ* ва *тадқиқоти баҳодиҳӣ* ҷудо мешавад.

Тадқиқоти ретроспективӣ метавонад, чун тасвири ҳодисаҳои гузашта ё чораҳои сиёсии татбиқшуда баромад карда, аҳолиро оид ба вазъият ё мушкилии муайяни ба миён омада хабардор намояд. Мақсади ингуна тадқиқот аз баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ аз сиёсати давлатии амалишуда ва ҷалби диққати аҳолӣ ба проблемаҳои гуногуни ҷомеа иборат аст.

Тадқиқоти баҳодиҳӣ бошад, ба арзёбии натиҷагирии сиёсати давлатии амалишуда ва таъсири он ба сатҳи некуаҳволии мардум равона шудааст. Дар нуқтаи марказии тадқиқот арзёбии натиҷагирии барномаи давлатӣ, иҷроиши мақсад ва вазифаҳои он, сарфаи маблағҳои буҷетӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба сифати иҷрои барномаи давлатӣ метавонанд, таъсир расонанд, гузошта мешаванд. Мақсади тадқиқоти баҳодиҳӣ аз муқоисаи маҷмуи хароҷотҳои гуногуне, ки ба амалишавии сиёсати муайяни давлат сарф шудаанд ва натиҷагирии мақсадҳои ниҳоии сиёсати давлатӣ иборат аст.

Масалан, омӯзиши меъёри фоизи қарзҳои хурди молиявие, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии гуногун барои ташкили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дода шудаанд, ин тадқиқоти *тасвирии* ретроспективӣ аст. Ба тадқиқоти *баҳодиҳии* ретроспективӣ омӯзиши натиҷаҳои марҳилавии иҷроиши мақсади барномаи мазкури дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ байни хатмкунандагонии донишгоҳҳои олӣ дохил мешавад. Ҳамин тариқ, тадқиқоти рестроспективӣ барои омӯзиши барнома ё сиёсати аллакай иҷрошуда ё омӯзиши барномаи (сиёсати) дар раванди иҷроиш қарор дошта равона мегардад.

Тадқиқот ва таҳлили натиҷаҳои сиёсате, ки то ҳол татбиқ ва амалӣ нагардидаанд, тадқиқоти пешакӣ ё **перспективӣ** номида мешавад.

Вазифаҳои асосии тадқиқоти перспективӣ инҳо мебошанд:

1. муайянкунӣ ва санҷиши проблемаҳои мураккаб;

2. муқоисаи миқдорӣ ва сифатии роҳҳои алтернативии ҳалли проблемаҳо;
3. ҷамъоварии маълумот ба формате, ки сиёсатмадорон тавонанд, ҳангоми қабули қарорҳо истифода баранд.

Тадқиқоти перспективӣ дар навбати худ ба *тадқиқоти предиктивӣ (пешгӯикунӣ)* ва *тадқиқоти прескриптивӣ (тавсиявӣ)* ҷудо мешавад.

Тадқиқоти предиктивӣ (пешгӯикунӣ) ба пешгӯии натиҷаҳои қабул ва татбиқи алтернативаҳои алоҳидаи сиёсӣ равона мегардад ва тадқиқоти прескриптивӣ (тавсиявӣ) бошад, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо баҳри ба даст даровардани мақсадҳои муайянро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, тадқиқоти прескриптивӣ (тавсиявӣ) тасвири натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳои пешниҳодшударо дар бар мегирад. Тадқиқоти тавсиявӣ дар назар дорад, ки таҳлилгар бояд арзишу ҳадафҳо ва вазифаҳои фармоишгарро дуруст дарк намояд, то ки тавсияҳои ба фармоишгар зарурро пешниҳод намояд. Аз ҷониби дигар, худи фармоишгар на рӯйхати пешниҳодҳо, балки тавсияҳои хуби татбиқшаванда барои бартараф кардани проблемаи мушаххасро интизор аст.

Масалан, тадқиқоте, ки ба пешгӯикунии тағйирёбии фоизи бозтамвили Бонки миллӣ ва таъсири он ба сатҳи истеъмол ва пасандози аҳолӣ равона шудааст, тадқиқоти *предиктивӣ (пешгӯикунӣ)* мебошад. Тадқиқоте, ки ба тавсияи фоизи бозтамвили Бонки миллӣ баҳри ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ аз ҷониби аҳолӣ равона шудааст, тадқиқоти *прескриптивӣ (тавсиявӣ)* мебошад.

Дар тадқиқоти перспективӣ (оянда) аксар вақт таҳлили ретроспективӣ ҳам истифода бурда мешавад. Масалан, барои таҳия ва арзёбии самтҳои нави сиёсати давлатӣ аввалан, бояд зарурати қабули сиёсати амалӣ шуда истода, натиҷагирӣ ва таъсири иҷрои онро таҳлил намуд. Таҳлили ретроспективӣ сиёсати амалишавандаро мониторинг намуда, оид ба идома додан ё зарурати тағйирдиҳии он маълумот пешниҳод менамояд. Чунин маълумот барои арзёбии самтҳои нави сиёсати давлатӣ муфид хоҳад буд.

Тадқиқоти аналитикӣ баҳодиҳии мунтазами сохти техникиву иқтисодии стратегияҳои алтернативӣ (нақшаҳо ва барномаҳо), татбиқи стратегияҳо ва оқибатҳои қабули онҳоро дар бар мегирад. Тадқиқоти аналитикии хуб иттилооти миқдорӣ ва сифатиро ба ҳам пайванд намуда, проблемаро аз нуқтаҳои гуногун баррасӣ мекунад ва усулҳои мувофиқро барои тафтиши имконпазирии вариантҳои пешниҳодшуда истифода мебарад.

Дар тадқиқоти аналитикӣ истифодаи усулҳо ва воситаҳои техникӣ, аз қабили таҳлили қарорҳои идоракунӣ, таҳлили проблемавӣ, моделсозӣ ва ғ. нақши муҳим мебозад. Бо вуҷуди ин, тадқиқоти аналитикӣ на танҳо воситаи техникиест, ки қарорқабулкунандагонро бо иттилооти зарурӣ таъмин менамояд, балки равандест, ки ба интихоб ва истифодаи усулҳою абзорҳое, ки ҳадаф ва арзишҳои ҷонибҳои манфиатдор, шахсони воқеӣ, гурӯҳҳои шаҳрвандӣ, сиёсатмадорон ва воҳидҳои ҳукуматиро эътироф мекунад ва ба таҳлили дақиқи масъалаи баҳснок равона шудааст. Он инчунин, меъёрҳои дақиқу ошкорро дар бар гирифта, барои арзёбии қарорҳои пешниҳодшуда, таҳия ва арзёбии сиёсатҳои алтернативӣ, муайянкунии роҳҳои мушаххаси татбиқи он ва арзёбии натиҷаҳои тадқиқот истифода мешаванд.

Бешубҳа, тадқиқоти аналитикӣ ин танҳо раванди техникӣ ва миқдорӣ нест. Азбаски сиёсати давлатӣ дорои мақсаду вазифаҳои ниҳоӣ аст, ки бештар ба қонеъ гардонии талаботи аҳолии ниёзманд равона шудааст, ченакҳои сифат дар арзёбии натиҷагирии ниҳоии сиёсати давлатӣ васеъ истифода мешаванд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар тадқиқоти аналитикӣ усулҳои миқдорӣ ва сифат дар якҷоягӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Олими шинохтаи итолявӣ дар соҳаи тадқиқоти сиёсӣ Мейҷон Жиандоменико дар асари илмии худ “Воқият далел ва эътиқод дар раванди сиёсат” мегӯяд, ки:

«.. . бояд донист, ки мақсади тадқиқоти аналитикӣ на танҳо фаҳмидани дурустии сиёсати пешниҳодшуда (роҳи ҳалли проблема) мебошад, балки таъмини интихоб ва татбиқ пешниҳодҳо аст, ки дар ин ҳолат таҳлилгар ба ғайр аз донишу малакаҳои анъанавӣ бояд малакаҳои риторикӣ ва диалектикӣ барои асосноккунии нуқтаи назари худ ва боваркунонии ҷомеаи гирду атрофро дошта бошад. Дар ин ҷо таҳлилигар бояд ба инкишофи қобилияти омӯзиш ва таҳлили нуқтаҳои назари мухталифи ҷомеа ва муайянкунии проблема, ҷустуҷӯи

сарчашмаҳои гуногуни иттилоот ва ба даст даровардани далелҳои мушаххасу муҳим, мутобиқ гардонии далелҳо ба сатҳи фаҳмиш ва дарки аҳолӣ ва ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади инкишофи фикрронии ҷомеа аҳамияти ҷиддӣ диҳад...». [6, 443с ]

Тибқи ақидаи бархе олимони соҳаи тадқиқоти аналитикӣ, дар оянда истифодаи усулҳои таҳлили миқдорӣ аз аҳамият дур намемонад [6, 272с]

Дар назар аст, ки ба раванди тадқиқоти аналитикӣ бештар гурӯҳҳо ва шахсони зери таъсири сиёсати давлатӣ қарордоштае ҷалб мегарданд, ки ба шаффофгардонии раванди тадқиқот, истифодаи бештари усули гуфтушунидҳо, эътирофи назарраси нақши арзишҳо дар тамоми раванд, аз муайянсозии проблемаи тадқиқот то ба коркард ва интихоби роҳҳои гуногуни бартарафсозии он оварда мерасонад. Ҳамзамон, усули миқдорӣ дар интихоб ва таҳлили нишондиҳандаҳои миқдории сиёсати пешниҳодшуда ва арзёбии вазни холисе, ки дар маҳакҳои иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ натиҷагирии ҷараёни татбиқи пешниҳодҳо дида мешаванд, вазифаи асосии худро мебозад.

Ғайр аз ин, таҳлилгар бояд ба масъалаи этикаи тадқиқоти аналитикӣ ба таври назаррас аҳамият диҳад, азбаски риояи этикаи тадқиқоти аналитикӣ, аз ҷумла роҳ надодан ба асардуздӣ, истифодаи маълумоти нодуруст аз сарчашмаҳои иттилоотии ғайрирасмии ношаффоф, нуқтаҳои назари санҷиданашуда ва ғайраҳо бо пешниҳодҳои алтернативаҳои сиёсии боэътимод алоқамандии зич дорад.

Пас, саволе ба миён меояд, ки тадқиқоти аналитикии хуб аз чӣ иборат аст? Тафсилотҳое, ки аз гуфтаҳои боло бармеоянд, нишон медиҳанд, ки тадқиқоти хуби аналитикӣ бояд дар асоси истифодаи якҷояи усули таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, аз ҷиҳати мантиқ, воқеият ва мақсаднок мувофиқ будани он, ба ҳалли проблемаи муҳимми ҷамъиятӣ равона гардад ва дар натиҷаи он иттилооте аз ҷиҳати иқтисодӣ, техникӣ, этикӣ ва сиёсӣ асоснокшуда ба шахсони қарорқабулкунандагон пешниҳод гардад, ки дар ҳалли мушкилии муҳимми ҷамъиятӣ саҳми арзанда дошта тавонад.

Бо мақсади ташкил ва гузарондани тадқиқоти хуби аналитикӣ бояд донист, ки раванди тадқиқоти аналитикӣ ба ду қисми асосӣ ҷудо мешавад, ки ба ҳарду қисмати раванд бояд диққати ҷиддӣ дода шавад:

1. муайянкунӣ ва таҳлили проблема;
2. ҷустуҷӯ ва таҳлили роҳҳои ҳалли проблема.

Дар доираи раванди муайянкунӣ ва таҳлили проблема таҳлилгар бояд ба омӯзиши мушкилоти мавҷуда, интихоб ва шарҳ додани ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои дахлдор ва интихоби усулҳои бартарафсозии он машғул гардад.

Дар доираи таҳлили роҳҳои ҳалли проблема, таҳлилгар бояд ченакҳои баҳодиҳии сиёсатро коркард карда, алтернативаҳои сиёсатгузориро муайян намояд ва онҳоро дар асоси ченакҳои баҳодиҳӣ арзёбӣ карда тавсияҳои амалиро пешкаш намояд. Дар ин раванд инчунин, зарурати ҷамъоварии иттилоот барои асосноккунии тавсияҳои пешниҳодшуда ва таблиғи тавсияҳо ба мизоҷон ба миён меояд.

Дар назарияи ретроспективӣ ва перспективии тадқиқоти аналитикӣ ба арзёбии арзиши сиёсӣ ва иҷтимоии натиҷагирии сиёсати пешниҳодшуда аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, ки дар он *усули баҳодиҳӣ* нақши арзанда дорад. Вақте ки сиёсати татбиқшуда ба ҳадафу вазифаҳои худ расад, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки натиҷаҳои сиёсати давлатӣ арзиши баланд доранд. Дар ин ҳолат, мо гуфта метавонем, ки сиёсатгузорӣ ё барномаи давлатӣ ба дараҷаи муайяни самара ноил гардидааст.

Бисёр вақт савол пайдо мешавад, ки чӣ гуна диаграммаҳо ва графикҳоро дар Excel сохтан мумкин аст. Вақти он расидааст, ки ба ин савол ҷавоб пайдо кунем. Гузашта аз ин, ин мавзуест, ки донишаш воқеан муфид хоҳад буд. Ҳеҷ як рӯнамо(презентатсия)-и муассир ё гузориши таҳлилӣ бидуни график ё диаграмма комил нест ва вақте ки онҳо бо маҳорат сохта мешаванд, чунин маълумот бебаҳост. Барои мисол, биёед, бо мафҳумҳои умумӣ сарукор гирем.

**Диаграммаи Excel чист?**

**Диаграмма дар Excel** объекти графикие мебошад, ки баъзе раванд ё хосиятҳоро тавсиф мекунад, ки категорияҳо номида мешаванд. Чун қоидаи умумӣ, меҳвари уфуқии х дар график меҳвари категорияест, ки дар он хосиятҳои мушаххас нишон дода мешаванд. Меҳвари Y (меҳвари қимат) қиматҳоеро нишон медиҳад, ки ин хосиятҳоро тавсиф мекунанд. Дар расм гистограммаи фурӯши якчанд фурӯшанда нишон дода шудааст. Дар ин ҷо номҳои фурӯшандагон дар меҳвари х тасвир шудаанд, ин категорияҳо мебошанд. Ҳаҷми фурӯш (қиматҳо барои ин категорияҳо) дар меҳвари Y нишон дода шудаанд.




Ҳар як маҷмуи қиматҳо сатр номида мешавад. Дар расми зерин графике, ки дар ду силсила (маҷмуи) маълумот сохта шудааст:




Дар охир бояд қайд намуд,ки аксар вақт маълумоти сарчашма барои сохтани диаграмма дар катакҳои вароқи корӣ ҷойгир аст ва диаграмма бо ин катакҳо алоқаманд аст. Агар шумо таркиби катаки пайвастшударо тағйир диҳед, он дар диаграмма низ тағйир меёбад. Агар шумо катакҳоро пинҳон кунед, маълумот низ аз диаграмма нопадид мешавад.
Диаграммаро дар як варақ дар баробари дигар маълумотҳо ё дар вароқи алоҳида (диаграммаи ҷадвал) ҷойгир кардан мумкин аст.

**Адабиёт**

1. Джумаев, У. Миров, Л. Тадқиқоти аналитикӣ / Душанбе – 2023. - 120с.
2. Добреньков, В.И. Методология и методика социологического исследования / В.И. Добреньков. - М.: Академ. Проект, 2009. - 537 с.
3. Зарипов Э.Ш., Садиова Д.А. Назарияи умумии омор / Э.Ш. Зарипов, Д.А. Саидова. – Душанбе, 2006. – 236 с.
4. Зарипов Э.Ш., Муродова М.И. Омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ / Э.Ш. Зарипов, М.И. Муродова. – Душанбе, 2009. – 259 с.

5. Калаков, Н.И. Методология прогностического исследования в глобалистике. (На материале анализа прогнозирования соц.-образов. процессов) / Н.И. Калаков. - М.: Академический проект, 2010. - 747 с.

6. Масалков, И.К. Стратегия кейс стади: методология исследования и преподавания: Учебник для вузов / И.К. Масалков, М.В. Семина. - М.: Альма Матер, Акад. Проект, 2011. - 443 с.

7. Новиков, А.М. Методология научного исследования / А.М. Новиков, Д.А. Новиков. - М.: ЛИБРОКОМ, 2013. - 272 с.

8. https://www.facebook.com/groups/1310364532658648/

9. Василенко Н.В. Цифровая экономика: концепции и реальность / Н.В. Василенко // Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика (инпром-2017): труды научно-практической конференции с международным участием. - СПб., 2017. - С. 147-151. - doi: 10.18720/IEP/2017.3/20.

10. Сабирова З.З. Развитие потребительской кооперации в инфраструктуре села в современных условиях цифровизации экономики / З.З. Сабирова // Экономика сельского хозяйства России. - 2022. - №2. - С. 69-73. - DOI 10.32651/22269. - EDN NRRRGX.

**УДК 336.1.**

**Мамадалиева Г.Т.**

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ РУШДИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон аз рӯи захираҳои обӣ яке аз сарватмандтарин кишварҳои ҷаҳон мебошад. Зиёда аз 98 дарсади нерӯи барқ дар Тоҷикистон тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад. Дар ҳоли самаранок истифода бурдани ин захираҳо метавонем тамоми минтақаро бо энергияи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин кунем. Дар мақола дурнамо ва баъзе ҷанбаҳои тараққиёти саноати энергетикӣ таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** нерӯгоҳи барқи обӣ, захираҳои обӣ, иқтидори энергетикӣ, истиқлолияти энергетикӣ, тағйирёбии иқлим.

**Мамадалиева Г.Т.**

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Таджикистан является одной из самых богатых стран мира по запасам водных ресурсов. Более 98 процентов электроэнергии в стране производится за счёт гидроэлектростанций. В случае эффективного использования этих ресурсов мы сможем обеспечить весь регион дешевой и экологически чистой энергией. В данной статье рассмотрены перспективы и некоторые аспекты развития энергетической отрасли.

***Ключевые слова:*** гидроэлектростанция, водные ресурсы, энергетическая мощность, энергетическая независимость, изменение климата.

**Mamadalieva G.T.**

## SOME ASPECTS OF DEVELOPMENT OF THE ENERGY INDUSTRY IN TAJIKISTAN

Tajikistan is one of the richest countries in the world in terms of water resources. More than 98 percent of the country's electricity is produced by hydroelectric power plants. In the case of effective use of these resources, we will be able to provide the entire region with cheap and environmentally friendly energy. This article examines the prospects and some aspects of development of the energy sector.

**Key words**: hydroelectric power plant, water resources, energy capacity, energy independence, climate change.

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ яке аз сарватмандтарин кишварҳои ҷаҳон буда, пас аз Чин, Русия, ИМА, Бразилия, Қоҳира, Ҳиндустон ва Канада дар ҷои ҳаштум қарор дорад. Зиёда аз 98 дарсади нерӯи барқ дар Тоҷикистон тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад [4, саҳ.48-56]. Дар ҳоли самаранок истифода бурдани ин захираҳо метавонем тамоми минтақаро бо энергияи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намоем.

45 сол қабл Нерӯгоҳи барқи обии Норак ба истифода супорида шуд. Лоиҳае, ки бисьёр одамон аз сабаби шароити душвори табиӣ онро амалинашаванда меҳисобиданд, рамзи ғалабаи муҳандисӣ гардида, кишварро барои даҳсолаҳои оянда бо нерӯи барқи арзон таъмин намуд [1, саҳ.142-148]. Вале имрӯз соҳаи энергетикаи Тоҷикистон бо мушкилоти нав рӯбарӯ аст: талабот ба нерӯи барқ торафт меафзояд, вале аз сабаби норасоии захираҳои обӣ ва нотамом будани сохтмони иншоотҳои асосии гидроэнергетикӣ тавлиди нерӯи барқ коҳиш ёфта истодааст.

Дар давоми хафт соли охир теъдоди истеъмолкунандагони қувваи барқ 38 фоиз афзудааст ва системаи энергетикӣ ба чунин сарборӣ тоб оварда наметавонад. Пешбинӣ шудааст, ки мизони норасоӣ дар соли ҷорӣ беш аз 1 миллиард киловатт/соатро ташкил медиҳад [3], яъне истеҳсоли энергия 400 миллион киловатт/соат коҳиш ёфтааст.

Яке аз сабабҳои ин мушкилот тағйирёбии иқлим ва дар натиҷа кам шудани маҷрои дарёи Вахш мебошад. Имрӯз Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ҳамагӣ бо 25 фоизи иқтидораш кор мекунад ва айни ҳол азнавсозии ин иншоот идома дорад [3].

Барои рафъи ин мушкилот ҷалби кишварҳои шарик, аз ҷумла сармоягузориҳои онҳо ба сохтмони иншоотҳои энергетикии Тоҷикистон бисёр муҳим аст. Ҳамзамон масъалаи ба анҷом расонидани сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун бояд баррасӣ карда шавад, зеро ин барои на танҳо қонеъ гардонидани ниёзҳои дохилии кишвар, балки содир кардани нерӯи барқ ба хориҷи кишвар имкониятҳои нав фароҳам меоварад [2,4].

Дар баробари ин, пайвастани Тоҷикистон ба ҳалқаи энергетикии Осиёи Марказӣ ва нақшаҳои бунёди нерӯгоҳҳои хурди атомӣ бо истифода аз технологияҳои муосир барои кишвари мо дурнамоҳои навро боз мекунад [5. саҳ.77-83]. Дар сурати амалӣ шудани ин лоиҳаҳо Тоҷикистон метавонад на танҳо аз бӯҳрони энержӣ раҳоӣ ёбад, балки ба бозори минтақавӣ ворид гардида, ба як содиркунандаи муҳими нерӯи барқ табдил ёбад [7, саҳ.223-230].

Вале имрӯз ҳамагӣ 4%-и иқтидори обии Тоҷикистон истифода мешаваду халос. Соли 2023 Тоҷикистон ба хориҷи кишвар 2,6 миллиард кВт/соат нерӯи барқ содир кардааст, аз он ҷумла 1,6 миллиард кВт/соат ба Афғонистон ва боқимондааш ба Ӯзбекистон ва Қазоқистон содир шудааст [8, саҳ.104-108].

Моҳи сентябри соли 2024 созишнома дар бораи ба системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ пайваст шудани Тоҷикистон ба тасвиб расид. Вале дар баробари ин, имкони сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд ва нерӯгоҳҳои хурди атомӣ барои бо барқ таъмин кардани минтақаҳои душворгузари кишвар бояд баррасӣ гардад. Тоҷикистон, ки 14 дарсади захираҳои ҷаҳонии уранро дорост, метавонад аз ин ташаббусҳо баҳра барад.

Бояд гуфт, ки рушди лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ва ҳамкорӣ бо шарикон, аз қабили Русия ва кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ба яке аз содиркунандагони пешсафи нерӯи барқ дар минтақа табдил ёбад. Ба гуфтаи Пешвои муаззами миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон то соли 2037 аз ҳисоби истифодаи танҳо манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ ба кишвари “сабз” табдил хоҳад ёфт [9,10].

Имрӯз энергетикаи атомӣ мақоми аз ҷиҳати экологӣ бехатарро касб мекунад, зеро он ҳаҷми минималии партовҳои газҳои гулхонаӣ ба атмосфераро ба вуҷуд меорад. Дар Тоҷикистон бунёди нерӯгоҳҳои хурди атомӣ комилан имконпазир аст [6, саҳ.166-173].

Бо вуҷуди ин энергетикаи атомӣ яке аз навъҳои гаронбаҳои энергетика ба ҳисоб меравад, зеро дар марҳилаи аввал маблағгузории хеле ҷиддиро талаб мекунад. Ширкати “Росатом” қаблан дар Гурҷистон ва Маҷористон нерӯгоҳҳои атомии контейнериро, яъне нерӯгоҳҳои атомии хурде, ки дар контейнерҳо ҷойгир карда шуда, миқдори зарурии қувваи барқро барои як минтақаи хурди аҳолинишин истеҳсол мекунанд, ба кор андохта буд [6, саҳ.155-160]. Чунин лоиҳаҳо дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон низ роҳандозӣ шудаанд, ки таъмини мутамаркази нерӯи барқ дар ин ҷо басо мушкил аст, аммо тавассути бунёди нерӯгоҳҳои хурди атомӣ ин мушкилотро ҳал кардан мумкин аст.

Аз як тараф, манбаъҳои барқи шамолӣ ё офтобӣ дар ояндаи кӯтоҳмуддат камхарҷ ба назар мерасанд, вале агар ба ин масъала аз нуқтаи назари дурнамои дарозмӯҳлат нигоҳ кунем, дар муқоиса бо нерӯгоҳҳои барқи обӣ онҳоро самаранок ҳисобидан нодуруст аст. Зеро ин тарзи истеҳсоли нерӯи барқ, аввалан, аз шароити обу ҳаво вобастагии калон дорад. Дуюм, ин тарзи истеҳсоли нерӯи барқ аз лиҳози бехатарии экологӣ шубҳаҳоро ба вуҷуд меорад: истеҳсоли генераторҳои бодӣ ва панелҳои офтобӣ миқдори зиёди партовҳои гази карбон ба атмосфераро ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷо мушкилоти дигар пеш меояд – нест кардан ё коркарди дубораи партовҳо. Илова бар ин, нерӯгоҳҳои офтобӣ ва бодӣ майдонҳои калонро банд мекунанд [6, саҳ.89-95]. Аз ин рӯ, нерӯгоҳҳои барқи обӣ бартариҳои муайяни рақобатӣ доранд, бинобар ин, дар Тоҷикистон барои тавлиди нерӯи барқ бояд асосан ба истифодаи захираҳои обӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кард.

Бояд гуфт, ки кишварҳои Африқои Ҷанубӣ, Покистон ва Ҳиндустон низ аз сабаби фарсудагии инфрасохторҳо, тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ бо номунтазамии ҷиддии

таъмини нерӯи барқ рӯбарӯ мешаванд. Масалан, дар Африқои Ҷанубӣ қатъшавии мунтазами барқ мушоҳида карда мешавад, ки ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Покистон низ аз вайроншавии доимии шабакаҳои барқӣ азият мекашад, ки вазъи иқтисодии кишварро мушкилтар мегардонад. Дар Ҳиндустон низ шабакаҳои барқӣ барои қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи аҳолӣ иқтидори кофӣ надоранд, хусусан дар шароити гузариш ба манбаъҳои тозаи энергия [2, саҳ.80-91].

Истиқлолияти энергетикӣ тайи чанд соли охир ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Пешвои муаззами миллат, Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёми охирни худ ба парлумони Тоҷикистон қайд намуданд, ки ҳукумат барои ҳалли мушкили камбудии нерӯи барқ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки ҳарчи зудтар ба анҷом расонидани сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун ва пурра ба истифода додани иқтидорҳои он барои кишвари мо аҳаммияти ҳаётӣ дорад ва барои аз 6 ҳазор то 10 ҳазор МВт боло бурдани иқтидори тавлиди нерӯи барқ дар ҷумҳурӣ дастур доданд.

Мавриди зикр аст, ки Ӯзбекистону Қазоқистон иқтидори обии кофӣ надоранд ва барои онҳо пӯшонидани норасоии нерӯи барқ аз ҳисоби манбаҳои дигари истеҳсоли энергия, аз ҷумла энергетикаи атомӣ муҳим аст, бинобар ин, тавре мебинем, лоиҳаҳои сохтмони нерӯгоҳҳои атомӣ дар ин кишварҳо пеш рафта истодаанд [10, саҳ.77-85].

Вақте дар мавриди усулҳои имконпазири истеҳсоли энергия ҳарф мезанем, набояд дар бораи соҳаи анъанавии нафту газ фаромӯш кунем. Тибқи маълумотҳои Сарраёсати геологияи назди ҳукумати Тоҷикистон, захираҳои собитшудаи карбогидрид дар ҷумҳурӣ ҳудуди 2,5 миллион тоннаро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин дар нимсолаи аввал дар дохили кишвар қариб 9 ҳазор тонна нафт истеҳсол гардидааст ва айни ҳол Тоҷикистон барои афзоиш додани истеҳсоли нафт бо шарикони имконпазир, аз ҷумла бо Русия гуфтушунид мекунад. Бари мисол, ширкати “Газпром” ҳамкориро бо ширкатҳои давлатии энержии Тоҷикистон дар самти иктишоф ва истихроҷи гази табиӣ оғоз кардааст. Конҳои асосии гази Тоҷикистон дар чуқурии калон (8—9 километр) ҷойгиранд, аз ин рӯ, барои азхудкунии онҳо техника ва таҷҳизоти махсус лозим аст [7, саҳ. 33-37].

Албатта, бо назардошти иқтидори бузурги истифодаи захираҳои обӣ дар Тоҷикистон, усулҳои дигари тавлиди нерӯи барқ дар кишвар на онқадар ояндадор ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, ҳар як бахши соҳаи энергетика барои амнияти энергетикии кишвар нуқсонҳо ва хатарҳои худро дорад, аз ин рӯ рушд додани усулҳои гуногуни истеҳсолот муҳим аст. Амалигардонии лоиҳаҳои гуногуни энержӣ дар Тоҷикистон барои таъмин намудани корхонаҳои саноъатӣ бо нерӯи барқ мусоидат хоҳад кард.

Гузашта аз ин, воридшавӣ ба низоми ягонаи энергетикӣ метавонад ба ҳалли мушкили норасоии барқ дар фасли зимистон мусоидат кунад, зеро масрафи нерӯи барқ дар Тоҷикистон сол то сол афзоиш меёбад, бахусус дар солҳои охир, ки теъдоди мошинҳои барқӣ ва истгоҳҳои барқгирии онҳо дар кишвар афзоиш ёфта истодааст. Ин боиси сарбории иловагӣ ба системаи энергетикӣ мегардад, махсусан дар фасли зимистон [1, саҳ.44-52].

Ба андешаи ман, бисёр зарур аст, ки сохторҳои масъул дар Тоҷикистон ҳаҷми зарурии нерӯи барқро дар мавсими зимистон сари вақт ба нақша гиранд. Талошҳои ҳукумати кишвар барои ҳамгироӣ ба ҳалқаи энержии Осиёи Марказӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар масоили таъмини нерӯи барқ алакай натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст. Яъне барои ҳалли ин мушкилот рушди дохилии лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ зарур аст. Зимнан, пайвастшавӣ ба ҳалқаи энергетикии минтақа, ба анҷом расонидани сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва имкони ҷорӣ кардани манбаҳои алтернативии энергия, аз қабили нерӯгоҳҳои хурди атомӣ ва нерӯгоҳҳои барқи обӣ, барои таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон дурнамоҳои нав боз мекунад. Ин, дар навбати худ, ба иқтисодиёти кишвар такони ҷиддӣ бахшида, имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ба содиркунандаи нерӯи барқ дар минтақа табдил ёбад.

**Адабиёт:**

1. Бурханов Р.С., Джураев Д.К. Опыт функционирования рынков электроэнергии стран мира и создание электроэнергетического рынка в Таджикистане. «Неру» (Энергия). Душанбе: 2005. - №1(3)
2. Захидов Р.А. Энергетика стран Центральной Азии: перспективы развития и сотрудничества. Труды международного семинара, TEMPUS. — Ташкент, 2014.
3. Инвестиционные аспекты развития регионального водного сектора. Евразийский Банк Развития. Отраслевой обзор №12. С-8
4. Исмаилов Ш.М. Экономико-правовое обеспечение развития в Таджикистане. Экономика Таджикистана. Душанбе: 2007. - №4
5. Каюмов Н.К. Водно-энергетическая стратегия Таджикистана. Экономика Таджикистана. Душанбе: 2007. - №2
6. Клавдиенко В.П., Торасов А.П. Нетрадиционная энергетика в странах ЕС: экономическое стимулирование развития//Энергия. 2006. - №9.
7. М.Маликов. Энергетическая независимость Таджикистана. Душанбе-2013. Сах-331-333.
8. Темур Валамат-Заде. Энергетика Таджикистана настоящее и ближайшее будущее. №1 (55)2008.с.104
9. Хоналиев Н. Х. Энергетические ресурсы и энергетическая безопасность Республики Таджикистан / Н. Х. Хоналиев // Проблемы и перспективы экономики и управления: материалы II междунар. науч. конф. (г. Санкт-Петербург, июнь 2013 г.). — СПб.: Реноме, 201 Зг С.33-37.

Юнусов Х.А. Таджикистан и современный мир. №4 (42) 2014. Сах86-91.

**Ташев Ф. О.**

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ БЕЗОПАСНОСТИ С СТОРОНЫ ТАМОЖНОГО ОРГАНА

**Аннотация.** В статье описана роль экономической безопасности страны в системе национальной безопасности и представлены концептуальные подходы к реализации стратегии управления экономической безопасностью, а также о значимости таможенных органов, их основные функции в обеспечении экономической безопасности государства. Рассматриваются способы и средства, с помощью которых таможенные органы защищают экономические интересы государства. Внешний торговый оборот страны (на примере: Республики Таджикистана), как один из факторов обеспечения экономической безопасности государства. Раскрываются понятия одного из методов используемый таможенными органами нетарифного мер регулирования на основании предложенных статистических данных.

***Ключевые слова:*** таможенные органы, экономическая безопасность, внешнеторговый оборот, нетарифные меры регулирования.

**Ташев Ф. О.**

# ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ (АМНИЯТИ) ИҚТИСОДИ АЗ ҶОНИБИ МАҚОМОТИ ГУМРУК

**Аннотация.** Дар мақолаи мазкур нақши амнияти иқтисодии кишварро дар системаи амнияти миллӣ тавсиф мекунад ва равишҳои консептуалиро оид ба татбиқи стратегияи идоракунии амнияти иқтисодӣ, инчунин аҳамияти мақомоти гумрук пешниҳод менамояд, вазифаҳои асосии онҳо дар таъмини бехатарии (амнияти) иқтисодии давлат. Роҳҳо ва воситаҳое, ки мақомоти гумрук манфиатҳои иқтисодии давлатро ҳимоя мекунанд, баррасӣ карда мешаванд. Гардиши тиҷорати хориҷии кишвар (масалан: Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз омилҳои таъмини амнияти иқтисодии давлат. Мафҳумҳои яке аз усулҳое, ки мақомоти гумрук дар чораҳои назорати ғайритарифавӣ дар асоси омори пешниҳодшуда истифода мебаранд, ошкор карда мешаванд.

***Калидвожаҳо:*** мақомоти гумрук, амнияти иқтисодӣ, гардиши савдои хориҷӣ, чораҳои танзимкунандаи ғайритарифӣ.

**Tashev F.O.**

# ENSURING ECONOMICAL SECUIRITY OF THE CUSTOM BODY

**Annotation.** The article describes the role of the country's economic security in the national security system and presents conceptual approaches to the implementation of the economic security management strategy, as well as the importance of customs authorities, their main functions in ensuring the economic security of the state. The ways and means by which customs authorities protect the economic interests of the state are considered. Foreign trade turnover of the country (for example: the Republic of Tajikistan), as one of the factors in ensuring the economic security of the state. The concepts of one of the methods used by customs authorities for non-tariff regulatory measures are revealed based on the proposed statistical data.

***Key words:*** customs authorities, economic security, foreign trade turnover, non-tariff regulatory measures.

Бехатарии (амнияти) иқтисодӣ – маҷмӯи ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, техникӣ ва дигар ҷанбаҳоест, ки амнияти субъекти иқтисодиро аз таъсири манфии омилҳо ҳам беруна ва ҳам дохилӣ муайян мекунанд.  Таъмини амнияти иқтисодӣ – ҷузъи муҳимтарини фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки дар натиҷа зарари иқтисодӣ ба ҳадди ақал расонида мешавад ва беҳтар аз ҳама – онро ба манфиатҳои иқтисодӣ табдил медиҳад.

Ба маънои умумӣ, амнияти иқтисодӣ ҳоло ҳамчун маҷмӯи шартҳо, имкониятҳо, қобилиятҳо, омилҳое, ки мустақилияти субъекти иқтисодиро таъмин мекунанд, мустақилият дар қабули қарорҳо, иштироки устувор ва устувор дар муносибатҳои бозор, мунтазам такмил ва навсозӣ, афзоиши баланди нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ. Дар замони муосир,

амнияти иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи се унсури ба ҳам алоқаманд баррасӣ мешавад, маҳз: нигоҳ доштани қобилияти пардохт; банақшагирии ҷараёни пули нақди ояндаи субъекти хоҷагидорӣ; амнияти шуғл.

Вазъи бехатарии (амнияти) иқтисодии давлат албатта дар ҷараёни фаъолияти он нақши назаррас дорад. Фаъолияти дурусти кишвар истифодаи бомасъулияти молия ва захираҳои миллӣ, рушди фаъол ва устувори иқтисодӣ, инчунин ҳифзи манфиатҳои иқтисодиро дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ тақозо мекунад. Таъмини амнияти иқтисодии давлат – кафолати истиқлолият, ҳаёти самарабахши ҷомеа ва шароити субот аст. Азбаски иқтисодиёт яке аз тарафҳои асосии давлат мебошад, он арзёбии устуворӣ ва қобилияти онро бо таҳдидҳои беруна ва дохилӣ дар бар мегирад.

Аҳамияти мақомоти гумрук дар таъмини бехатарии (амнияти) давлат ҳар сол меафзояд. Ин ба вазъияти пайдошудаи геополитикӣ вобаста аст, ки дар натиҷаи мушкилоти пайдошудаи иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд.

Хадамоти гумрук идоракунии мустақими тиҷорати гумрукиро дар кишвар ба амал мебарорад ва дар доираи масъулияти он чунин вазифаҳоро иҷро мекунад: таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат, инчунин ягонагии қаламрави гумрукии кишвар; иштирок дар таҳия ва татбиқи сиёсати гумрукӣ; таъмини иштироки ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гумрукӣ; такмили қонунгузорӣ дар бораи гумрук ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодӣ.

Ҳама роҳҳо ва воситаҳое, ки мақомоти гумрук амнияти иқтисодии кишварро кафолат медиҳанд ва манфиатҳои иқтисодии онро ҳимоя мекунанд, ба ду категория тақсим мешаванд:

1. Усул ва воситаҳои танзими иқтисодии муносибатҳои тиҷорати хориҷии кишвар;
2. Усулҳо ва воситаҳои танзими ва ҳифзи ҳуқуқ.

Боҷи гумрукӣ ҳамчун пардохти ҳатмии мақомоти гумрук ҳам ҳангоми содирот ва ҳам воридоти молҳо фаҳмида мешавад ва шарти содирот ва воридот ба ҳисоб меравад. Дар амнияти иқтисодии давлат боҷҳои гумрукӣ якчанд вазифаҳоро иҷро мекунанд ва аҳамияти мустақим доранд.

Дар айни замон, Хадамоти гумруки назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи манфиатҳои давлат дар соҳаи тиҷорати хориҷӣ, нигоҳдории истеҳсолоти ватанӣ, пешгирии таҳдидҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятҳо, инчунин пур кардани қисми даромади буҷети давлатиро таъмин менамояд. Пардохтҳои гумрукӣ барои пур кардани қисми даромади буҷети давлатӣ муҳим мебошанд.

Мувофиқи маълумоти Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 гардиши тиҷорати хориҷии Тоҷикистон 7 миллиард 512,9 миллион доллари ИМА – ро ташкил дод, ки ин 1 миллиард 508,2 миллион доллари ИМА ё 25,1% нисбат ба соли 2021 мебошад. Сипас гардиши савдои хориҷӣ тақрибан 6,5 миллиард доллари ИМА – ро ташкил дод. Аз ҷумла, ба гуфтаи ӯ, воридоти молҳо 5 миллиард 182,9 миллион доллари ИМА – ро ташкил дод, ки ин 965.1 миллион доллари ИМА ё 22.9% нисбат ба соли 2021 мебошад. Ҳиссаи содирот - зиёда аз 2,3 миллиард доллари ИМА, ки 543.1 миллион доллари ИМА ё 30.4% нисбат ба соли 2021 зиёдтар аст.

Соли 2022 Тоҷикистон бо 109 давлати ҷаҳон амалиёти содиротӣ ва воридотӣ анҷом дод. Бо кишварҳои дур дар хориҷа гардиши савдо 3 миллиард 626 миллион доллари ИМА (1 миллиард 567.5 миллион доллари ИМА - содирот, зиёда аз 2 миллиард доллари ИМА – воридот) -ро ташкил дод. Ҳаҷми асосии содирот ба Қазоқистон - 20,8%, Чин - 15,8%, Туркия - 7,7%, Ӯзбекистон - 7,7% ва Эрон - 4,9%, Афғонистон - 4,5%, Белгия - 4,4% рост меояд% ва Русия - 3,8%.

Бо шарофати боҷҳои содиротӣ воридоти молҳо, ки нархҳои дохилӣ бо сабабҳои гуногун аз нархҳои ҷаҳонӣ пасттаранд, боздошта мешавад. Дар асоси ин, истеҳсолкунандагони тоҷик кӯшиш мекунанд, ки сифати молро беҳтар кунанд, то сатҳи зарурии рақобатро ба даст оранд, ки ба иқтисодиёти давлат дар маҷмӯъ таъсири мусбӣ мерасонанд. Дар бораи боҷҳои гумрукӣ

сухан ронда, бояд нархҳои онҳоро қайд кард. Меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ шакли истифода ва ҳисоб кардани боҷҳо дар воҳиди молҳо ба ҳисоб меравад.

Метавонем яке аз усулҳои танзими иқтисодии аз ҷониби мақомоти гумрук истифодашаванда – танзими ғайритарифатиро таҳлил намоем. Усулҳои ғайритарифавӣ маҷмӯи чораҳои назорати давлатиро дар назар доранд, ки дар маҳдудиятҳо оид ба содирот ва воридоти молҳо ва воситаҳои нақлиёт бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат ва таъмини амнияти миллии кишвар ифода карда мешаванд.

Мувофиқи таснифи комиссияи иқтисодии Аврупои СММ, усулҳои ғайритарифӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: тадбирҳои маҳдудкунии мустақим ё миқдорӣ (иқтибос, иҷозатномадиҳӣ, ки додани интихобии литсензияҳо ва дигар чораҳои муҳофизатиро дар бар мегирад); расмиёти гумрукӣ ва маъмурӣ (сертификатсия, назорати байторӣ, назорати карантини фитосанитарӣ, назорати санитарӣ-эпидемиологӣ); дигар усулҳои ғайритарифавӣ (назорати асъор).

Нишондиҳандаи маъруфи маҳдудиятҳои тарифӣ маҳдудиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар воридот ва содирот мебошад, ки муқаррар кардани квотаҳо, яъне миқдор ва арзиши маҳдуди ҳаҷми истеҳсолшудаи маҳсулотро дар назар дорад, барои воридот ё содирот ба мӯҳлати муайян иҷозат дода мешавад.

Яке аз конфигуратсияҳои маъмули маҳдудиятҳои ғайритарифӣ иҷозатномаҳо (литсензиядиҳӣ) мебошад, ки ҳамчун танзими давлатии воридот ва содирот тавассути додани иҷозатномаҳои махсус аз ҷониби мақомоти донишманд – иҷозатномаҳо барои танзими миқдории савдо ва назорати гардиши молҳо фаҳмида мешавад. иҷозатномаҳо (литсензия) дар ҳолатҳои зерин сурат мегирад: ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои муваққатии рақамӣ барои воридот ё содироти намудҳои алоҳидаи молҳо; татбиқи расмиёти қонунии воридот ё содироти намудҳои алоҳидаи молҳо, ки ба амнияти кишвар, ҳаёт ё саломатии шаҳрвандон, ҳайвонот ва наботот, моликияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонанд, моликияти давлатӣ ё муниципалӣ, муҳити зист; таъмини ҳуқуқи истисноии содирот ё воридоти баъзе молҳо; иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ.

Аҳамияти мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят бузург аст, зеро танзими гумрукӣ, ки аз ҷониби мақомоти гумрук бо мақсади таъмини амнияти иқтисодии кишвар дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ татбиқ карда мешавад, бузург аст, доираи васеи фаъолиятҳо ва барномаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва дигар барномаҳоро, ки барои оптимизатсияи равандҳои ташаккул ва рушд истифода мешаванд, дар бар мегирад, таъмини ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва таъмини самаранокии муносибатҳои тиҷорати хориҷӣ.

Ҳамин тариқ, дар байни воситаҳои асосие, ки дар арсенали мақомоти гумрук мавҷуданд, ки ба назорат дар шароити муқовимат (пеш аз ҳама, ҳимояи манфиатҳои миллии онҳо) бо як қатор кишварҳо дар соҳаи иқтисодӣ мавҷуданд, яке аз муҳимтаринҳоро ҷудо карда наметавонад, аз ҷониби дигар, ба ҳам пайвастани вазифаҳо ва вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда дар Хадамоти гумруки назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон калиди фаъолияти самарабахши яке аз унсурҳои асосии системаи танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошанд. Ҳамзамон, кори мақомоти гумруки набояд то иҷрои вазифаҳои назорати гумрукӣ ё иштирок дар ташаккули қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон содда карда шаванд. Фаъолият дар соҳаи назорати асъор, назорати содирот, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, инчунин рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳавасмандгардонии он дар таъмини амнияти иқтисодӣ ниҳоят муҳим аст.

**Адабиётҳо**

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.12.2012. № 720 «Дар бораи тарифҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
2. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://www.stat.tj/tj);

3. . Калинина О.В. Роль таможенных органов в обеспечении экономической безопасности России // Ученые записки Тамбовского отделения РоСМУ. – 2016. – №5. – С.124-132;

4. Климонова А.Н., Юрина Е.А. Экономическая безопасность в условиях глобализации: угрозы и возможности // Социально-экономические явления и процессы. – 2014. – №9. – С.58-64;

5. Агамагомедова С.А. Эффективность таможенного контроля как фактор обеспечения безопасности // Вопросы безопасности. — 2016. - № 5. - С. 34-42.

УДК 67.38

Мирзомуродов Ҳ.А.

## РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА САНОАТИКУНОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи тадбиқи рушди иқтисодӣ, сарчашмаҳо, омилҳо ва ба амал баровардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллифон дар асоси сарчашмаҳои амиқ ба хулосае омадаанд, ки омилҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд ва амали шудани онҳо имконпазир мебошад.

Соҳаи саноат яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.

**Калидвожаҳо**: рушди босубот; устувор; сарчашмаҳо; омилҳо; саноатӣ-аграрӣ.

Мирзомуродов Х.А.

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ И ПРОМЫШЛЕННОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье рассматриваются вопросы устойчивого развития промышленности, источники, факторы, а также её осуществление в Республики Таджикистан. Также авторы, основываясь на официальных данных, делают вывод, что источники и факторы устойчивого роста промышленности в Республики Таджикистан существуют и её осуществление возможно в ближайшем будущем.

Промышленность считается одним из важнейших источников дальнейшего развития страны, ее прогресс позволяет найти дополнительные источники доходов государственного бюджета и создать новые рабочие места для населения.

**Ключевые слова:** учтойчивое развитие; источники; факторы; промышленно-аграрный.

Mirzomurodov H.A.

## ECONOMIC DEVELOPMENT AND INDUSTRY OF TAJIKISTAN

In this article considered application development of economy, sources, factors and its implementation in the Republic of Tajikistan. On the basis of sources authors come to conclusion that there exist bases for the development in Tajikistan, and its realization is possible.

Industry is considered one of the most important sources of further development of the country; its progress allows us to find additional sources of income for the state budget and create new jobs for the population.

**Keywords:** sustainable development; source; factors; industrial – agrarian.

Муаммоҳои рушди иқтисодӣ ва омилҳои мусоидаткунанда ба он дар илми назарияи иқтисод баҳсҳои доманадор ва туллониро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши тамсилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани масъалаи таъмини рушд дар иқтисод, ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои дигари дохилӣ ва берунии иқтисодӣ мебошад. Пеш аз ҳама рушди иқтисодӣ имкон медиҳад, ки бозори дохилии мамлакат бо молу хадамоти зарурӣ таъмин карда шуда, ҷойҳои кори зиёд гардад ва дар ин асос манбаҳои даромади аҳолӣ ва давлат густариш ёфта, қобилияти харидории аҳоли ва сатҳи зиндагии он боло раванд. Аз андешаҳои боло метавонем хулоса намоем, ки таъмини рушди иқтисодӣ заминаи боэътимоди суботи иҷтимоиро дар ҳар як мамлакат ба вуҷуд меорад. Бинобар он давлатро зарур аст, ки чораҳои ба рушди иқтисоди мусоидаткунандаро андешида, онҳоро дар амал татбиқ намояд. Муҳимияти ин масъала барои давлатҳои иқтисодӣ интиқолӣ дошта ба маротиб афзудааст, зеро онҳо дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ на танҳо рушди иқтисодиро таъмин карда натавонистанд, балки дучори такроористеҳсоли маҳдудшаванда гаштанд.

Зарурияти ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии ин кишварҳо масъалаи рушди суръатноки онҳоро ба миён гузоштааст. Бинобар ин бояд муайян карда шавад, ки оё дар ин кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъмини рушди суръатнок вуҷуд

дорад ё не. Ба андешаи мо дар Тоҷикистон чунин омилҳо мавҷуданд ва танҳо тарзу роҳҳои истифодаи онҳо бояд асоснок карда шаванд.

Муҳимтарин омиле ки метавонад рушди суръатноки иқтисоди Тоҷикистонро таъмин намояд, пеш аз ҳама захираҳои фаровони табиӣ он ба ҳисоб мераванд. Далели ин андеша кашфи зиёда аз 400 кони канданиҳои фоиданок мебошад, ки аксарияти онҳо коркарди саноатии худро интизоранд. Саволе пеш меояд, ки чаро ин сарватҳои табиӣ ба доираи истифодаи саноатӣ ҷалб нашудаанд ва боиси пайдо шудани садҳо ҳазор ҷойҳои корӣ нагардиданд. Барои пайдо кардани ҷавоби ин савол бояд каме ба таърихи асри бистум назар андозем.

Соҳаи саноат яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.

Иқтисоди Тоҷикистон то фарорасии замони истиқлоли давлатиаш ҷузъи иқтисоди воҳиди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва дар қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои иқтисодӣ дар мадди аввал манфиатҳои ин давлати абарқудрат гузошта мешуд. Унсурҳои механизми бозорӣ дар ин иқтисод умуман амал намекарданд.

Чунин муносибат ба равандҳои иқтисодӣ, боиси он гардид, ки аксарияти канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон ба доираи коркарди саноатӣ ҷалб нашуданд. Давлате, ки дар қаламрави худ бузургтарин конҳои намаки ошӣ (конҳои Хоҷамӯмин ва Хоҷасартез) мавҷуд буд, аз дигар ҷумҳуриҳои Шуравӣ намак ворид мекард[1]. Аз нигоҳи муносибатҳои бозорӣ ин воридот танҳо зарари иқтисодӣ меорад. Лекин аз нигоҳи сиёсӣ чунин ташкили робитаҳои иқтисодӣ вобастагии ҷумҳуриҳоро аз якдигар ба вуҷуд оварда зарурияти нақши ҳамоҳангсозандаи «марказро» таъкид мекард. Бурди иқтисодӣ ҳамчун меъёри баҳодиҳии фаъолияти иқтисодӣ дар иқтисоди фармонӣ қариб ки нақшеро намебозид.

Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мавқеи захираҳои табииро дар таъмини рушди иқтисодӣ куллан тағйир дод. Дар марҳалаи нав давлат бо мақсади таҳкими асосҳои иқтисодиаш ва ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ муносибатро ба сароватҳои табиӣ дигаргун кард. Дар шароити кунуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк кардааст, ки ҷалби сарватҳои табиӣ ба доираи истифодаи саноатӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди босуръати иқтисоди кишвар мебошад ва бо назардошти ҳамин ҷиҳат сиёсати иқтисодии худро тавассути санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва Барномаҳои давлатӣ таҳия, қабул ва тадбиқ менамояд.

Имрӯз як қатор конҳои кашфшудаи канданиҳои фоиданок дар якҷояги бо ҷалби сармояи хориҷӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд (конҳои тилло, сурма, симоб ва ғайра). Ба андешаи мо вақти он расидааст, ки коркарди комплексии ин сарватҳо аз истихроҷи ашё то истеҳсоли маҳсулоти тайёр ба роҳ монда шаванд.

Ба ақидаи мо муҳимтарин самте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мавриди таваҷҷуҳи хоси қувваҳои соҳибкории дохилию хориҷӣ ва давлат қарор гирад, захираҳои энергетикии мамлакат мебошад. Ба доираи истифодаи саноатӣ ҷалб кардани ин захираҳо имкон медиҳад, ки соҳаи энергетика ҳамчун «локомотиви» иқтисодӣ, рушди соҳаҳои дигари иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Тоҷикистон асосан аз ду намуди захираҳои энергетикӣ – ангиштсанг ва об бой мебошад. Бояд қайд намоем, ки захираҳои ангишти Тоҷикистон дар баробари манбаи энергетикӣ буданашон ҳамчунон ашёи пурқиммати кимёвӣ низ ба ҳисоб мераванд.

Бузургтарин манбаи ангишти Тоҷикистон дар кони Фон-Яғноб ҷойгир аст. Тибқи ҳисобҳои дар замони Шӯравӣ анҷом додашуда захираи ин кони бузург аз 1,5 млрд. тонн зиёд мебошад ва истифодаи он танҳо ҳамчун манбаи энергия исрофкори ҳисобида шудааст. Чунин хулосабарори ба далелҳои илми такя мекунад. Ангишти ин кон таркиби мураккаб дошта дар он пайвастагиҳои зиёди кимёвӣ мавҷуд мебошанд. Зиёда аз 60 сол муқаддам муҳаққиқони соҳаи геология дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ муайян карданд, ки дар натиҷаи сӯхтани ангишти кони Фон-Яғноб газҳое ҷудо мешаванд, ки коркарди минбаъдаи онҳо имкон медиҳад чунин миқдор зок, навшодир ва кислотаи сулфат истеҳсол

гардад, ки барои қонеъ кардани талаботи бозори Осиёи Марказӣ басанда аст[2]. Ҳамчунон дар тадқиқоти олимони тоҷик (Баротов Р.Б. ва Новиков В.П.) таркиби мураккаби ангишти Фон-Яғноб дар асоси омӯзиши газҳои аз сӯхтани зеризамини онҳо пайдошаванда таъкид шудааст. Аз ҷумла қайд мешавад, ки дар таркиби газҳои хориҷшаванда метан, бутан, гидрогени озод ва гидрогенсулфур хело зиёд мебошанд.[3]

Бо назардошти ин андешаҳои илмӣ метавонем қайд намоем, ки нисбати истифодаи ангишти кони Фон-Яғноб бояд ба таври комплексӣ муносибат намоем. Хуб мешуд таҳияи лоиҳаи энергетикӣ бо ном ва сифати нав, яъне комплексҳои энергетикӣ-кимёвӣ таҳия гарданд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки номгуи маҳсулоти саноатии тавлидшаванда дар мамлакат зиёд гардида, ҳамчунон масъалаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ, аз ҷумла бекорӣ ҳал карда шавад. Умуман релефи ҷуғрофии Тоҷикистон ҳамчун омили манфи дар рушди кишоварзӣ амал карда водор месозад, ки инкишофи минбаъдаи давлатамон дар асоси пешрафти соҳаҳои саноат ва тараққиёти илм таъмин карда шавад.

Дар ҳудуди ноҳияи Рашт кони ангишти Назарайлоқ бо сифати баланди худ ҳамчун антратсит дар ҷаҳон машҳур мебошад. Захираи геологии кон 400 млн.тоннаро ташкил медиҳад. Сифати онро мутахассисон бо кони ангишти беҳтарини ҷаҳонӣ Ха-Ту-и Ветнам дар як радиф мондаанд. Кони ангишти Назарайлоқ аҳамияти стратегӣ дошта, онро ҳамчун ашёи технологӣ дар соҳаи саноат васеъ истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи кони Назарайлоқ то имруз ба талабот ҷавобгӯй нест.

Манбаи дигари табиӣ, ки рушди босуръати Тоҷикистонро таъмин мекунад, боиси афзоиши нерӯи содиротии он мегардад, истифодаи комплексии захираҳои об мебошад. Вақти он расидааст, ки ба ин неъмати табии ватанамон аз нигоҳи иктисодӣ баҳо диҳем. Тараққиёти саноатии ҷаҳон ва афзоиши босуръати аҳолӣ масъалаи таъминот бо оби ошомиданиро ба миён овардааст. Дигар давлатҳо захираҳои табииашонро (нефт, газ, ҷангал ва ғайра) ҳамчун мол ба бозори ҷаҳонӣ содир карда, аз ин ҳисоб бурди зиёди иқтисодӣ ба даст меоранд.[7] Мо низ бояд обро бо ин мақсад истифода намоем, ба давлатҳои эҳтиёҷманд (хусусан ба давлатҳои атрофии халиҷи Форс) бо қубурҳо (монанди нефту газ) оби ошомиданӣ фурушем (содирот намоем).

Самти муҳими истифодаи оби дарёҳои Тоҷикистон ин истеҳсоли қувваи барқ мебошад. Рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ бидуни мавҷудияти барқи фаровон ва арзон ғайри имкон аст. Маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти ҳар як мамлакат дар ҳолате самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар корхонаҳои бунёдшаванда самаранок фаъолият кунанд ва боздеҳи баланди ин маблағҳоро таъмин намоянд. Норасогии барқ ва ё тибқи меъёр истифодабарии он наметавонад фаъолияти босамару фоиданоки корхонаҳоро таъмин кунад. Чунин ҳолат дар Тоҷикистон беш аз 25 сол идома дошт ва яке аз муаммоҳо ва омилҳои манфии боздорандаи рушди иқтисоди миллӣ мебошад.[6] Норасогии барқ ва потенсиали бузурги энергетики Тоҷикистон (имконоти эътирофшудаи энергетикаи обии ҷумҳурӣ ба 527 млрд. киловатт. соат баробар аст) таззодест, ки имрӯз дар мамлакат мушоҳида мешавад ва вақти он расидааст, ки бо роҳу воситаҳои мухталиф ин камбудӣ ё зиддият бартараф карда шавад. Амали гаштани ин маром ба кор даромадани агрегатҳои Роғун мебошад.

Ба андешаи мо ҳар як мамлакат дар истифодаи захираҳои худ комилҳуқуқ аст. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсиониро дар соҳаи энергетикаи обӣ пешниҳод намояд, ки ба истифодаи обҳои дохилиаш ва баъдтар ба обҳои сарҳадгузар асос ёфтаанд.[9] Асосноксозии техникию иқтисодии ин лоиҳаҳо бояд саривақт анҷом дода шаванд ва онҳо дастраси маблағгузориҳои эҳтимолӣ бошанд.

Дар оғози мақола қайд гардид, ки релефи ҷуғрофии Тоҷикистон мураккаб мебошад ва ин ҳолат метавонад ба тадбиқи амалии лоиҳаҳои энергетикӣ таъсири манфӣ расонад. Хусусан сатҳи пасти инкишофи коммуникатсияҳои нақлиётӣ омили боздорранда ба ҳисоб мерафт.

Татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби манбаҳои маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ имкон медиҳанд, ки дар солҳои наздик

муаммоҳои коммуникатсияи нақлиёти дар мамлакат ҳал карда шаванд. Имрӯз давлати мо қариб пурра аз гунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта истодааст. Сохтмони тунелҳо, пулҳо, роҳҳои автомобилгарди замонавӣ, роҳҳои оҳан далели ин гуфтаҳост.

Бунёди зерсохторҳои муосир имкон медиҳанд, ки тадбиқи лоиҳаҳои инвеститсонӣ дар комплекси сӯзишворию энергетикии мамлакат арзон гарданд. Ин ҳолат ҷолибияти онҳоро барои маблағгузорони дохилию хориҷӣ бештар месозад.

Маҳсулоти саноат (дар мафҳуми арзиш) умуман ва соҳаҳои ҷудогонаи он ҳамчун ҷамъи маълумотҳо оиди ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ муайян карда мешавад.[10] Маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ арзиши ҳамаи маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳо дар давраи ҳисобот ба шумор меравад, ки он аз маснуоти тайёр ва ба фурӯш баровардаи маҳсулоти нимтайёр (чӣ аз ашёи хом ва маводи худи корхона ва чӣ аз ашёи хоми фармоишгар), ҳамчунин арзиши корҳои иҷрошудаи хусусияти саноатӣ дошта, аз рӯи фармоиши беруна ё хоҷагиҳои ғайрисаноатӣ ва ташкилотҳои худи корхона иборат аст. Ба маҳсулоти корхонаи саноатӣ маҳсулоти истеҳсолкардаи худи корхона, ки барои эҳтиёҷоти саноатию истеҳсолии дохили корхонаи мазкур хароҷот ё сарф шудааст, ҳамроҳ карда намешавад.

Нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳафт соли охир дар ҷадвал оварда шудааст.[4]

**Ҷадвали 1.**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, (воҳид) | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2022, млн.сомонӣ | 23815 | 26339 | 29816 | 32440 | 39187 | 42988 | 46857 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 |
| аз он коргарон | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | 72,2 |
| Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | 109,0 |

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мафҳуми асл (натуральный), маъмулан дар ҷамъи истеҳсоли маҳсулот, яъне, якҷоя он маҳсулоте, ки барои эҳтиёҷоти саноатию истеҳсолии дохили корхона хароҷот ё масраф шудааст, нишон дода шудааст.

Дар ҷаҳони имрӯза, ки ба бӯҳрони шадиди экологӣ ва иқтисодӣ дучор шудааст, тадбиқи лоиҳаҳои энергетикии Тоҷикистон аз лиҳози экологӣ низ ҷолиб мебошанд, зеро онҳо ба муҳити зисти аҳолӣ таъсири манфӣ намерасонанд. Самти дигари истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушд, инкишофи босуръати истеҳсоли ҷавоҳирот мебошад. Дар Тоҷикистон қариб тамоми заминаҳо барои инкишофи ин соҳа мавҷуд мебошанд. Мавҷудияти конҳо ва истеҳсоли металлҳои қимматбаҳо (тилло ва нуқра) ва сангҳои қимматбаҳо. Омили дигари инкишофи соҳаи мазкур, фаровонии қувваи корӣ мебошад. Давлат метавонад бо таъмини шароитҳои қулай (имтиёзҳо дар воридоти мошинҳо ва дастгоҳҳои соҳавӣ, содироти маҳсулоти соҳа, имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва ғайра) ба инкишофи ин соҳа мусоидат намояд. Истеҳсоли ҷавоҳирот соҳаи меҳнатталаб ба ҳисоб рафта, боиси афзоиши ҷойҳои нави корӣ мегардад.

Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.[5]

Ҳол он ки мо дар давраи пандемияи КОВИД–19 беш аз ду сол дар шароити маҳдудиятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ қарор доштем.

Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид.

Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар соли 2024 тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад.

Умуман дар таъмини рушди минбаъда нақши сарватҳои табиӣ ниҳоят бузург ва умедбахш мебошанд ва Тоҷикистон аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил хоҳад ёфт.

**Адабиётҳо:**

1. Аброров Х., «Самтҳои истифодаи оқилонаи ангиштсанги кони Фон-Ягноб», Энергетика ва саноат. 2010, № 6-7.

2. Баратов Р.Б., Новиков В.П., «Каменное чудо Таджикистана», Душанбе, Ирфон,1988.

3. Баротов Р.Б., «Горы и недра Таджикистана». Душанбе, Маориф, 1989.

4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024 с.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023., Минбари халқ, 30 декабри соли 2023, № 52. С.5-6.

6. Юсупова С.М. Роль малого предпринимательства в экономике России. Электронный научный журнал «вектор экономики». 2020 №8.

7. Гержа А. Г. Роль малого предпринимательства в социально экономическом развитии государства. [Электронный ресурс] 2024.

8. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол. Нашриёти “Дабир”. Хуҷанд. 2022.

9. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: Монография / Шаропов.Ф.Р., Под.ред. д.э.н., профессора Хабибова С.Х., Душанбе: Ирфон, 2018. ‟ 280 с.

10. Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумоти соли 2022), www.sanoat.tj.

**Норбобоев Л. Б.**

## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ МАТЕМАТИКАИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола ҷанбаҳои назариявию амалии истифодаи амсилаҳои математикӣ дар иқтисодиёт баррасӣ шуда аст. Тавассути амсилаҳои математикии коркардкардаи муҳақиқони соҳа ҳисоби натиҷаҳои он дар шароити истеҳсолоти иқтисодиёти кушод анҷом дода шудааст. Дар асоси натиҷаҳои ҳисоби амсилаи Ҷон фон Нейман тавсияҳо барои ҳаҷм ва миқдори истеҳсолот дар корхонаҳо бо назардошти омилҳои истеҳсолот пешниҳод шудаанд. Тасдиқ шуда аст, ки натиҷаҳои мақолаи илмиро дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ истифода намудан имконпазир аст.

**Калидвожаҳо**; математика, математикаи иқтисодӣ, амсила, амсилаи метематикӣ, истеҳсолот.

**Норбобоев Л. Б.**

## НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ПО ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ МАТЕМАТИКИ

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты использования математических моделей в экономике. С помощью математических моделей, разработанных исследователями области, был проведен расчет ее результатов в производственных условиях открытой экономики. На основе результатов расчетов Джона фон Неймана предложены рекомендации по объему и количеству продукции на предприятиях с учетом факторов производства. Подтверждена возможность использования результатов научной статьи в производственной деятельности малых и средних промышленных предприятий.

**Ключевые** слова; математика, экономическая математика, модель, математическая модель, производство.

**Norboboev L. B.**

## SOME CONSIDERATIONS ON THE THEORY AND PRACTICE OF ECONOMIC MATHEMATICS

The article considers theoretical and practical aspects of using mathematical models in economics. Using mathematical models developed by researchers in the field, the calculation of its results in the production conditions of an open economy was carried out. Based on the results of John von Neumann's calculations, recommendations are proposed on the volume and quantity of products at enterprises taking into account production factors. The possibility of using the results of the scientific article in the production activities of small and medium-sized industrial enterprises is confirmed.

**Keywords:** mathematics, economic mathematics, model, mathematical model, production.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқ. Дар солҳои охир зери таъсири омилҳои зиёд истеҳсолот дар корхонаҳои хурду миёна ба роҳ монда шуда ноустувории иқтисодӣ ва махсусан силсила бӯҳронҳо ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд. Ин ваъз аз субъектони иқтисодии хурду миёна тақозо менамояд, ки раванди такрористеҳсолотро дар асоси амсилаҳои математикӣ ба роҳ монанд ва дар мавридҳои зарурӣ дар нуқтаи безарарӣ фаъолият намоянд. Маҳз масъалаи мазкур барои таҳқиқи густурда асос шуда, тақозо менамояд, ки муҳаққиқон омӯзиши зарурироо дар ин самт амалӣ намоянд.

Мақсади таҳқиқ. Ҳадафи омӯзиши назария ва амалияи математикаи иқтисодӣ муайян намудани ҷанбаҳои назариявию амалии имкониятҳои истифодаи амсилаҳои математикӣ дар раванди ба роҳ мондани истеҳсолот аз ҷониби субъектони иқтисодӣ мебошад.

Таҳқиқотҳо ва нашрияҳои охирони ба чоп расида. Дар адабиёти иқтисодӣ ва мақолаҳои илмии нашршуда аз ҷониби муҳақиқони кишвар ва олимони хориҷии соҳа, ки ба амсиласозии математикӣ бахшида шудаанд масъалаи мавриди таҳқиқ густурда баррасӣ мегардад. Аз ҷумла дар таҳқиқоти муҳақиқонӣ хориҷӣ Альфред Маршал, Кеннетом Эрлоу,

Ҷон фон Нейман ва ватанӣ Ҳомид Маҷидов, Нурулло Усмонов, Бобоали Шарипов ва дигарон амсилаҳои математикии иқтисодӣ баррасӣ мешаванд. Вале дар шароити муосири истеҳсолоти хурду миёна, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад зарурати истифодаи амсилаҳои математикии хос тақозо мешавад. Аз ин лиҳоз дар доираи мақолаи мазкур амсилаҳои математикиро дар иқтисодиёт бо назардошти гуфтаҳои боло мо ба риштаи таҳқиқ мекашем.

Баррасии масъала. Математикаи иқтисодӣ як соҳаи фаъолияти назариявӣ ва амалии илмӣ буда, ҳадафи он омӯзиш ва аз ҷиҳати математикӣ ба расмият даровардани объектҳо, равандҳо ва падидаҳои иқтисодӣ мебошад. Дар баробари соддатарин усулҳои геометрӣ дар доираи математикаи иқтисодӣ асбобҳои ҳисобҳои интегралӣ ва дифференсиалӣ, алгебраи матритсавӣ, барномасозии математикӣ ва дигар усулҳои ҳисоббарорӣ истифода мегарданд, муодилаҳои дифференсиалӣ тартиб дода ва ҳал карда мешаванд. Забони математика ба иқтисодчиён имкон медиҳад, ки дар бораи бисёре аз падидаҳои мураккаб, ки тавсифи онҳо бе истифодаи дастгоҳи математикӣ душвор ба назар мерасад, фарзияҳои комил ва санҷидашаванда таҳия кунанд.

Гузашта аз ин, хусусияти зиддиятноки баъзе падидаҳои иқтисодӣ омӯзиши онҳоро бе истифодаи математика имконнопазир мегардонад. Дар айни замон қисми муҳими муносибатҳои назариявии иқтисодӣ дар амсилаҳои математикӣ инъикос ёфтааст. Математикаи иқтисодӣ имкон дод, ки бисёр усулҳои тадқиқоти иқтисодӣ такмил дода шавад, аз ҷумла:

-таҳлили мувозинат, ки дар доираи он субъектҳои алоҳида ва низомҳои калони иқтисодӣ ҳамчун объектҳои статикӣ муаррифӣ мешаванд;

-статикаи муқоисавӣ, яъне таҳлили муқоисавии ҳолатҳои мувозинат;

-таҳлили динамикӣ, яъне омӯзиши ҳудудҳои гузариш байни ҳолати мувозинат.

Усулҳои амсиласозии математикии ҳодиса ва равандҳои иқтисодӣ аз асри 19 ба таври васеъ истифода мешаванд. Яке аз аввалин воситаҳои маъмул дар давраи гузашта низ, ҳисобу китоб буд ва иқтисодчиён тартиби зиёд кардани фоидаи хонаводагиро тадқиқ намуданд. Маҳз дар он вақт шумораи зиёди иқтисодчиёни таҳқиқгар бо усулҳои оптималикунонии математикӣ - фанни математикаи амалӣ доир ба ҷустуҷӯи арзишҳои шадиди тағирёбандаҳо истифода карда шуд.

Таҳияи усулҳои оптималигардонӣ дар нимаи аввали асри 20 идома ёфт. Дар миёнаҳои асри 19 ба сабаби талаботи замони ҷанг доираи татбиқи усулҳои математикӣ дар иқтисодиёт боз ҳам васеъ ва ҷиддӣ талаб гардид. Аз солҳои 50-ум назарияи бозӣ муҳимтарин воситаи амсиласозии иқтисодӣ гардид. Ҷараёнии зуд ба низом даровардани назарияи иқтисодиро бисьёр олимони шинохта танқид карданд.Ҷ.М.Кейнс, Хайек ва дигар иқтисодчиёни саромади амсиласозӣ чунин ҳисоб мекарданд, ки на ҳамаи ҷиҳатҳои рафтори иқтисодиро ба расмият даровардан мумкин аст. Зеро ҷузъиётҳои низоми иқтисодӣ на ҳама вақт имконияти ченкунандаги доранд.

Дастур аз чорҷилд оид ба математикаи иқтисодӣ, ки аз ҷониби Elsevier нашр шудааст, «усулҳои математикӣ дар иқтисод»-ро аз «соҳаҳои иқтисод», ки дар он математика истифода мешавад, чудо мекунад. Чунин тақсимот дар Луғати нави иқтисодии Палграв низ ба мушоҳида мерасад. Боиси зикр аст, ки шохиси мавзӯъ ду категорияро барои воридоти марбут ба математика дар бар мегирад:

- «Математикаи иқтисодӣ» фаҳмишҳои зиёдро дар бар мегирад, аз ҷумла «сиклитӣ», «масъалаи ҷамъкунӣ», «статикаи муқоисавӣ», «тартиби лексикографӣ», «амсилаҳои хаттӣ», «тартибҳо» ва «иқтисоди сифатӣ»;
- «Усулҳои математикӣ» чунин фаҳмишҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла «ҳисобҳои тағирёбанда», «назарияи фалокат», «комбинаторика», «ҳисобкунии мувозинати умумӣ», «конвекситӣ», «барномасозии барҷаста», «назорати оптималии стохастикӣ».

Боиси зикр аст, ки барои дарки амалии масъала таҳлили амсилаи Ҷон фон Нейманро дар мисоли мушаххас барраси менамоем:

Мисоли шартӣ барои амсилаи Ҷон фон Нейман чуни наст:

(1) $A = \begin{pmatrix} 1 & 2 \\ 1 & 1 \end{pmatrix}$, $B = \begin{pmatrix} 3 & 2 \\ 2 & 6 \end{pmatrix}$ талаб карда шудааст, ки суръати рушд $\alpha_м$ ва нури фон Нейман ( А-матритсаи хароҷотҳо, В- матритсаи барориши маҳсулот) ёфта шавад.

Ҳалли мисоли болозикр истифода аз амсилаи Ҷон фон Нейман, ё ёфтани траекторияи статсионарии нархҳо зарур аст. Барои он, ки пайдарпаии статсионарии нархҳо мавҷуд бошад, зарур ва кифоя аст, ки ҳамин тавр вектори ғайриманфии p ва адади ғайриманфии μ , ки баробарии $\mu A\mathbf{p} = B\mathbf{p}$; $\mu\mathbf{p} = A^{-1}B\mathbf{p}$ ҷой дошта бошад. Матритсаи баръакси A ва $A^{-1}B$ -ро меёбем:

$$A^{-1} = (-1)\begin{pmatrix} 1 & -2 \\ -1 & 1 \end{pmatrix} = \begin{pmatrix} -1 & 2 \\ 1 & -1 \end{pmatrix};$$

$$A^{-1}B = \begin{pmatrix} -1 & 2 \\ 1 & -1 \end{pmatrix}\begin{pmatrix} 3 & 2 \\ 2 & 6 \end{pmatrix} = \begin{pmatrix} 1 & 10 \\ 1 & -4 \end{pmatrix}.$$

Барои мо фақат ададҳои хоси ғайриманфии ин матритса лозим мебошад: $\begin{vmatrix} 1-\lambda & 10 \\ 1 & -4-\lambda \end{vmatrix} = (\lambda-1)(\lambda+4) - 10 = \lambda^2 - \lambda + 4\lambda - 4 - 10 = 0;$

$$\lambda^2 + 3\lambda - 14 = 0; \quad \lambda_{1,2} = \frac{-3 \pm \sqrt{9+56}}{2}; \quad \lambda = \frac{-3 + 8.062}{2} = 2{,}531.$$

Векторҳои хоси матритсаи $A^{-1}B$ –ро меёбем:

$$\begin{pmatrix} 1 & 10 \\ 1 & -4 \end{pmatrix}\begin{pmatrix} x \\ y \end{pmatrix} = 2{,}53\begin{pmatrix} x \\ y \end{pmatrix}$$

$$\begin{cases} -1{,}53x + 10y = 0 \\ x - 6{,}53y = 0 \end{cases}$$

$x \approx 6{,}53y$ , яъне $p = \begin{pmatrix} 6{,}53 \\ 1 \end{pmatrix}\pi, \pi \in R$ – фазои хоси матритсаи $A^{-1}B$.

Ҳамин тавр, $p_0 = \begin{pmatrix} 6{,}53 \\ 1 \end{pmatrix}$, $p_t = \frac{1}{2{,}53^t}\begin{pmatrix} 6{,}53 \\ 1 \end{pmatrix}$ (*)

-траекторияи статсионарии нархҳо, $p^* = 1.53 = 153\%$ бошад, меёри ҳадиақали фоиз ё суръати иқтисодии рушди амсила дар нури $\mu p_0, \mu \geq 0$ мебошад.

Муайян намудани траекторияи статсионарии интенсивнокӣ. Барои он, ки пайдарпаии статсионарии интенсивнокиҳо мавҷуд бошад, мавҷуд будани ҳамин тавр вектори ғайриманфии $\mathbf{z}$ ва адади ғайриманфии v зарур ва кифоя аст, ки бояд баробарии $v\mathbf{z}a = \mathbf{z}B$ , $v\mathbf{z} = \mathbf{z}BA^{-1}$ иҷро гардад. $BA^{-1}$ –ро меёбем:

$$BA^{-1} = \begin{pmatrix} 3 & 2 \\ 2 & 6 \end{pmatrix}\begin{pmatrix} -1 & 2 \\ 1 & -1 \end{pmatrix} = \begin{pmatrix} -1 & 4 \\ 4 & -2 \end{pmatrix}.$$

Ададҳои хоси ғайриманфиии ин матритсаро меёбем:

$$\begin{vmatrix} -1-\lambda & 4 \\ 4 & -2-\lambda \end{vmatrix} = (\lambda+1)(\lambda+2) - 16 = \lambda^2 + \lambda + 2\lambda + 2 - 16 = \lambda^2 + 3\lambda - 14 = 0 \quad \lambda = 2{,}53$$

$$\begin{pmatrix} -1 & 4 \\ 4 & -2 \end{pmatrix} = 2{,}53\begin{pmatrix} x \\ y \end{pmatrix};$$

$$\begin{cases} -3.53x + 4y = 0 \\ 4x + 4.53 = 0 \end{cases}$$

Ҳамин тавр,

$x \approx 1.133y$ , яъне $z^T = \begin{pmatrix} 1{,}1 \\ 1 \end{pmatrix}\varsigma$, $\varsigma \in R$ – фазои хоси матритсаи $BA^{-1}$ мебошад.

Бинобар ин,

$\mathbf{z}_0^T = \begin{pmatrix} 1{,}1 \\ 1 \end{pmatrix}, \mathbf{z}_t^T = 2{,}53^t\begin{pmatrix} 1{,}1 \\ 1 \end{pmatrix}$ баробар мешаванд.
(**)

Ҳудуди ғайрисайёрӣ сармоягузориҳо, $\lambda^* = 1{,}53$ бошад, суръати ҳаддиақали рушди мувозинатӣ, ё суръати рушди технологии амсила дар нури $v\mathbf{z}_0$, $v \geq 0$ воқеъ аст.

Санҷиши натиҷаҳои ҳисобшуда. Муносибати зерин ҷой дорад ё не, месанҷем:

$$v = \frac{\mathbf{z}_0 B\mathbf{p}_0}{\mathbf{z}_0 A\mathbf{p}_0} = \mu = 2{,}53:$$

$$(1{,}1\ \ 1)\begin{pmatrix}3 & 2\\ 2 & 6\end{pmatrix}\begin{pmatrix}6{,}5\\ 1\end{pmatrix} = (5{,}3\quad 8{,}2)\begin{pmatrix}6{,}5\\ 1\end{pmatrix} = 42{,}65;$$
$$(1{,}1\ \ 1)\begin{pmatrix}1 & 2\\ 1 & 1\end{pmatrix}\begin{pmatrix}6.5\\ 1\end{pmatrix} = (2{,}1\quad 3{,}2)\begin{pmatrix}6{,}5\\ 1\end{pmatrix} = 16{,}85.$$

Ҳамин тавр, $\frac{42{,}65}{16{,}85} = 2{,}53$ аст. Аз ин равшан аст, ки ин ҳолати мувозинатии амсилаи Ҷон фон Нейман ғайримахсус мебошад.

Амсилаи мазкур аз рушди шохиси нархи мол шаҳодат медиҳад. Бояд қайд кард, ки чунин амсилаҳо дар иқтисодиёт барои ҳисобкуниҳои истеҳсолӣ ва муайян намудани ҳаҷми имкониятҳои истеҳсолот, яъне аз ҷиҳати манфӣ ё мусбӣ пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ истифода бурда мешаванд.

Шарҳи амсила. Бояд иброз намуд, ки дар варианти омории амсилаи Леонтьев омили вақт, ки ҳангоми тартиб додани нақша нақши муҳимро мебозад, ба инобат гирифта намешавад. Амсилаи Леонтьев ба шарҳи динамикӣ, бо назардошти вақт ва баёни васеъ имкон медиҳад. Бо вуҷуди ин, амсилаи динамикии Ҷон фон Нейманро, ки дар он истеҳсоли ҳамҷояи якчанд намуди маҳсулотҳо дар ҳар як ҷараёни технологӣ (ҳар як соҳа) имконпазир аст, истифода намудан муносиб мебошад.

Зеро амсилаи мазкур истифодаи ҷузъи низ дар раванди истеҳсолот дорад.

Иқтисодиёти бо ҷуфти (X, K)-ро, ки дар ин ҷо X- фазои молҳо, K-маҷмӯи ҷараёнҳои истеҳсолии ягон миқдори молҳоро истеҳсолкунанда мебошад, дида мебароем.

Бигзор, n номгӯи маҳсулоти дода шуда бошад ($G_i$, $i = 1,2,\dots,n$). Он гоҳ $X = R^n_i$ ортанти ғайриманфии фазои n-ченакаи фазои $R^n$ мебошад.

Дар амсилаи Ҷон фон Нейман маҷмӯи K аз шумораи охирноки ҷараёнҳои $Q_1, Q_2, \dots, Q_m$ иборат аст, ки онҳо базисӣ номида мешаванд. Ҳар як ҷараёни базисӣ $G_i$ ҷуфти векторҳоро аз маҷмӯи $X{:}\ Q_i = (a_i, b_i)$ ифода менамояд. Мазмуни ҷараёни $Q_i$ чунин аст. Ҷараёни мазкур вектори молҳо $a_i = (a_{i1}, a_{i2}, \dots, a_{in})$ -ро харҷ мекунад, ки дар ин ҷо $a_{ij}$-миқдори молҳои $G_j$, $j = 1,2,\dots,n$ мебошад ва вектори молҳои $b_i = (b_{i1}, b_{i2}, \dots, b_{in})$ -ро истеҳсол менамояд. Ҳамаи векторҳо $a_i, b_i, i = 1,2,\dots,n$ , ғайриманфианд.

Ишораҳои $A = (a_{ij})$, $B = (b_{ij}) -$ ро дохил намуда, ҳосил мекунем, ки технологияи амсилаи мазкур бо ҷуфти матритсаҳои ғайриманфии (A, B) дода мешавад. Матритсаи A - матритсаи хароҷот ва B- матритсаи истеҳсол ро ифода менамояд.

Мувофиқати (комбинатсияи) хаттии ғайриманфии ҷараёнҳои базисии $Q_1, Q_2, \dots, Q_m$ –ро ҳамчун ҷараёни нави, ки дар он хароҷотҳо ва истеҳсол мувофиқати мебошанд хаттии векторҳои хароҷот ва истеҳсоли ҷараёнҳои базисӣ муайян мекунем: дар ин ҷо

$z_1Q_1 + z_2Q_2 + \dots + z_mQ_m = (\sum_{i=1}^{n} z_i a_i, \sum_{i=1}^{n} z_i b_i) = (zA, zB)$, ки дар ин ҷо $z_i \geq 0, i = 1,2,\dots,m$, $z = (z_1, z_2, \dots, z_m)$ мебошад.

Вектори $z$ –ро вектори интенсивнокӣ меномем ва баён менамоем, ки дар ҷараёни $(zA, zB)$ ҷараёни базисии $Q_i$ бо интенсивнокии $z_i$ иштирок мекунад. Маҷмӯи ҷараёнҳои ҳосилшудаи васеро бо

$C = \{(x, y) | x = zA, y = zB, z \geq 0\}$ ишора мекунем. Дар ин ҳолат $Q_i, i = 1,2,\dots,m$ -ҳо ҳамчун ҷараёнҳои базисӣ ба соҳаҳою, заводҳо ва ғайра корхонаҳои воқеӣ мувофиқат мекунад, ҳар як элементи $(x, y) \in C$ ягон ҷараёни қалбакӣ мебошад, ки тартиботи муайяни фаъолияти якҷояи ин соҳаҳо, заводу фабрикаҳо ва ғайраро ифода менамояд. Дар ин ҳол x вектори хароҷоти молро, y- бошад, вектори истеҳсолро ифода менамоянд.

Амсилаи статикии Леонтьев ҳолати хусусии амсилаи Ҷон фон Нейман ҳангоми $n = m$, $B = E$ мебошад.

Маҳруки нархҳо. Ба баёни амсилаи динамикии Ҷон фон Нейман мегузарем.

Бо $z_t$ вектори интенсивнокии кори низоми истеҳсолии мазкурро дар давраи $(t-1; t)$ тавсифкунанда ишора мекунем. Дар ҳар як давраи $(t; t+1)$ яке аз ҷараёнҳои маҷмӯи C , ки бо вектори интенсивнокии $z_t$ тасниф карда мешавад, истифода бурда мешавад.

Ғайр аз тахмин оид ба хаттӣ будани амсила, боз як фарзи дигари муҳимро пеш меорем: амсилаи Ҷон фон Нейман сарбаста аст. Ин маънои онро дорад, ки барои истеҳсолот дар давраи $(t;t+1)$ фақат он маҳсулотро, ки дар давраи пешинаи $(t-1;t)$ истеҳсол карда шудаанд, сарф кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, тахмин оид ба сарбастагии амсила бо ёрии системаи нобаробариҳои зерин навишта мешавад:

$$\begin{cases} z_1A \le z_0 \\ z_{t+1}A \le z_tB, t = 1,2,\dots,T-1 \end{cases} \text{дар ин ҷо,}$$

Вектори $z_0$ вектори захираҳои дар ибтидои давраи муоинашаванда $[0;T]$ мавчуд бударо ифода менамояд. Пайдарпаии векторҳо $z_1, z_2, \dots, z_T$, ки системаи нобаробариҳои овардашударо қаноат мекунонад, нақша бо ибтидои $z_0$ меномем ва бо $\{zt\}$ ишора мекунем.

Бо $p_t^j$ нархи як воҳид маҳсулоти $G_j$ дар давраи $(t-1;t)$ -ро ва вектори мувофиқи нархро бо $p_t$ ишора мекунем.

Бузургии $p_{t+1}b_i - p_ta_i$ даромади ҷараёни $Q_i$ –ро дар давраи $(t-1;t)$ ифода менамояд. Фарзи асосӣ нисбат ба нарх чунин аст: яке аз ҷараёнҳои $Q_i$ $i = 1,2,\dots,m$, даромади мусбӣ намеорад, яъне

$$p_{t+1}b_i - p_ta_i \le 0, i = 1,2,\dots,m, \qquad t = 1,2,\dots,T-1,T$$

ё $Ap_t \ge Bp_{t+1}, t = 1,2,..,T.$ аст.

Дар аввали давраи $(t-1;t)$ маблағҳо ба хариди ашьё ба миқдори $a_i$ бо нархҳои $p_t$ –и ҳамин давра сарф карда мешаванд ва баъдан маҳсулоти истеҳсолшуда $b_i$ бо нархҳои давраи минбаъда фурӯхта мешавад. Ин шарт қоидаи даромади сифрӣ номида мешавад.

Фарз мекунем, ки соҳиби фирмаи -м дорои сармояи $k$ дар ибтидои давраи $(t-1;t)$ мебошад. Он гоҳ вай ба ин маблағ метавонад ашъё харад ва истеҳсолотро бо интенсивнокии $z$, ки шарти $(za_i, p_t) = k$ –ро қаноат мекунонад (дар ин ҷо $z$-адад), ба роҳ монад. Дар ин ҳолат, агар даромад сифрӣ бошад, яъне $(zb_i, p_{t+1}) = k$ низ, дар давраи $(t;t+1)$ боз ба ҳамин сармояи $k$ соҳиб мешавад.

Қобилиятҳои харидории сармояро дар давраҳои $(t-1;t)$ ва $(t;t+1)$ муқоиса мекунем. Бигзор, вектори $x \in R_+^n$ ягон маҷмӯи молро ифода намояд. Он гоҳ дар давраи $(t-1;t)$ ба маблағи $k$ ҳамин тавр $\delta_t = r/(x, p_t)$ адад молро, дар давраи $(t;t+1)$ -бошад, $\delta_t + 1 = r/(x, p_{t+1})$ адад молро хариданаш мумкин аст. Барои иқтисодиёти васеъшаванда ҳолате, ки бо гузашти вақт нарх паст меравад $(p_{t+1} < p_t)$ хусусиятнок мебошад. Бинобар ин, $\delta_{t+1} < \delta_t$, яъне боз як талаботи махсус оид ба сарбастагии амсила гузошта мешавад: бояд, ки бо афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулот ҳаҷми маблағи пулӣ наафзояд.

Дар асл мазмуни асосии қоидаи даромади сифрӣ чунин аст: фоидаи имконпазири ҳадди аксар дар ҳамаи соҳаҳо баробаранд.

Пайдарпаии нархҳо $p_t$, t=1,2,…,T+1 -ро, ки системаи нобаробариҳои дар боло овардашударо қонеъ месозад, траекторияи нархҳо меномем ва бо $\{p_t\}$ ишора менамоем.

Чунин тадқиқот оид ба усули аналитикии хароҷот назарияи мувозинати умумии иқтисодиро ба мазмуни амалӣ пур намуда, ба аппарати математикӣ мусоидат менамояд. Амсилаи мазкур аз рӯи принсипи Ҷон фон Нейман дар асоси схемаи даромаду хароҷот сохта шудааст. Дар ин тадқиқот ҷиҳати даромаднокии истифодаи принсип дида баромада шудааст. Масъалаи асосии назарияи ин таҳлил ба амсилаи оптимизатсионӣ мувофиқ мебошад. Яъне аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳлилҳо мукаммал гузаронида шуда, амсилаи оптимизатсионӣ татбиқи худро ёфтааст. Хуб мешуд дар оянда низ истифодаи ин гуна усулҳо ва принсипи Ҷон фон Нейман дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ истифодаи васеъи худро ёбад.

**Адабиёт**


1. Валитов Ш.М. Математика в экономике. соли 2011.
2. Красс, М.С. Математика в экономике. Базовый курс: Учебник для бакалавров / М.С. Красс.. - М.: Юрайт, 2013. - 471 с.
3. Красс, М.С. Математика в экономике. базовый курс: Учебник для бакалавров / М.С. Красс. - Люберцы: Юрайт, 2016. - 470 с.

4. Предеус, Н.В. Математика в экономике. Часть 1: Учебник / Н.В. Предеус. - М.: Финансы и статистика, 2007. - 384 с.
5. Прохоров, Н.Л Математика в экономике. Ч.1. Линейная алгебра, аналитическая геометрия и линейное программирование: Учебник / Н.Л Прохоров. - М.: Финансы и статистика, 2011. - 384 с.
6. Соколов, А.А. Математика в экономике: Основы математики.Учебник / А.А. Соколов. - М.: Финансы и статистика, 2005. - 472 с.
7. Солодовников, А.С. Математика в экономике: Учебник Ч.2. Математический анализ / А.С. Солодовников и др. - М.: Финансы и статистика, 2011. - 560 с.
8. Тяпухин, А.П. Математика в экономике. Часть 2: Учебник / А.П. Тяпухин. - М.: Финансы и статистика, 2007. - 560 с.
9. Фольмут, Х. Математика в экономике. Ч.2. Математический анализ: Учебник / Х. Фольмут. - М.: Финансы и статистика, 2011. - 560 с.
10. Чупрынов, Б.П. Математика в экономике: математические методы и модели: Учебник для бакалавров / М.С. Красс, Б.П. Чупрынов; Под ред. М.С. Красс.. - М.: Юрайт, 2013. - 541 с.

**Маматкулова Ш.А.**

## РУШДИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГИ ДАР ПЕШБУРДИ ХИДМАТРАСОНИҲОИ МУОСИРИ БОНКӢ

Дар ин мақола таҳияи стратегияҳои маркетинг барои пешбурди хизматрасониҳои муосири бонкӣ баррасӣ мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили ниёзҳо ва афзалиятҳои муштариён равона карда шудааст, ки ба бонкҳо имкон медиҳад пешниҳодҳоеро эҷод кунанд, ки ба интизориҳои истеъмолкунандагон мувофиқат мекунанд. Таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни маркетингро дар бар мегирад, аз ҷумла сегментатсияи бозор, мавқеъгирӣ, таҳияи маҳсулот ва иртибототи маркетингӣ. Таваҷҷуҳи хоса ба технологияҳои рақамӣ ва навовариҳо, аз қабили барномаҳои мобилӣ, онлайн-банкинг ва хидматрасонии молиявии фардӣ, ки дар ҷалб ва нигоҳ доштани муштариён нақши калидӣ доранд, вуҷуд дорад. Натиҷаҳои кор таҳияи стратегияи ҳамаҷонибаи маркетингро дар бар мегирад, ки метавонад ба муҳити динамикӣ тағйирёбандаи иқтисодӣ мутобиқ шавад ва рақобатпазирии бонкро дар бозор афзоиш диҳад.

**Калидвожаҳо:** Тадқиқоти маркетингӣ, пешбурди хидматҳои бонкӣ, технологияҳои рақамӣ дар бонкдорӣ, рафтори истеъмолкунандагон, сегментатсияи бозор, мавқеъгирии маҳсулоти бонкӣ, онлайн-банкинг.

**Маматкулова Ш.А.**

## РАЗРАБОТКА МАРКЕТИНГОВЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ В ОБЛАСТИ ПРОДВИЖЕНИЯ СОВРЕМЕННЫХ БАНКОВСКИХ УСЛУГ

В данной статье рассматривается разработка маркетинговой стратегии продвижения современных банковских услуг. Основное внимание уделяется анализу потребностей и предпочтений клиентов, что позволяет банкам создавать предложения, соответствующие ожиданиям потребителей. Исследование охватывает различные аспекты маркетинга, включая сегментацию рынка, позиционирование, разработку продукта и маркетинговые коммуникации. Особое внимание уделяется цифровым технологиям и инновациям, таким как мобильные приложения, онлайн-банкинг и персонализированные финансовые услуги, которые играют ключевую роль в привлечении и удержании клиентов. Результатами работы является разработка комплексной маркетинговой стратегии, способной адаптироваться к динамично меняющейся экономической среде и повысить конкурентоспособность банка на рынке.

**Ключевые слова:** Маркетинговые исследования, продвижение банковских услуг, цифровые технологии в банковском деле, поведение потребителей, сегментация рынка, позиционирование банковских продуктов, онлайн-банкинг.

**Mamatqulova Sh.A.**

## MARKETING RESEARCH DEVELOPMENT IN PROMOTION OF MODERN BANKING SERVICES

This article discusses the development of marketing strategies for the promotion of modern banking services. The main focus is on analyzing the needs and preferences of customers, which allows banks to create offers that meet consumer expectations. The study covers various aspects of marketing, including market segmentation, positioning, product development, and marketing communications. There is a particular focus on digital technologies and innovations such as mobile apps, online banking and personalized financial services, which play a key role in attracting and retaining customers. The results of the work include the development of a comprehensive marketing strategy that can adapt to the dynamically changing economic environment and increase the bank's competitiveness in the market.

**Keywords:** Marketing research, promotion of banking services, digital technologies in banking, consumer behavior, market segmentation, banking product positioning, online banking.

Маркетинги бонкӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии бозорҳои бонкии дохилӣ ва байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти

худ, бонкҳо воситаҳои маркетингро фаъолона такмил медиҳанд, ки ба таҳкими эътимоднокӣ, суботи молиявӣ ва рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дорои хусусиятҳои беназирест, ки аз дигар бозорҳо бо хусусияти муносибатҳо ва таъсири назарраси танзими давлатӣ фарқ мекунанд. Ба маънои умумӣ, фаъолияти бонкӣ истифодаи маблағҳоро дар шаклҳо ва зуҳуроти гуногун дар назар дорад: инҳо метавонанд маблағҳои корхонаҳо, дигар бонкҳои тиҷоратӣ ва Бонки марказӣ бошанд, ки ҳам бо пули нақд ва ҳам дар шакли ҳуҷҷатҳои пардохтӣ пешниҳод карда мешаванд ва барои онҳо ҳаққи хизмат ситонида мешаванд. [1].

Биёед ба ҷанбаҳои асосии бозори хизматрасонии бонкӣ назар кунем. Хизматрасонии бонкӣ ду ҷанбаро дар бар мегирад: аз як тараф, хоҳиши бонк барои қонеъ гардонидани талаботи гуногуни мизоҷони эҳтимолӣ (ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ) мувофиқи шароити кунунии иҷтимоию иқтисодӣ; аз тарафи дигар, ин расонидани бевоситаи хизматрасонӣ ба мизоҷони кунунии бонк мебошад. Имрӯз дар бозори кишварҳои пешрафта бонкҳо ба мизоҷони худ ҳудуди 300 намуди хидматҳои гуногун пешниҳод мекунанд. Дар кишварҳои дигар, рӯйхати хизматрасониҳои бонкии дастрас метавонад хурдтар бошад. Ба хизматрасониҳои асосии бонкҳо қарздиҳӣ, пардохтҳо, хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунию кассавӣ ва барномаҳои пасандозҳо дохил мешаванд. [2].

Дар ҳоли ҳозир, тибқи маълумоти Ассотсиатсияи бонкҳо, дар кишвар ҳудуди 900 ташкилоти бонкӣ фаъолият мекунад, ки аз рӯи ҳудуди худ калонтарин дар ҷаҳон аст. Барои муқоиса, дар кишварҳои дигар шумораи бонкҳо хеле фарқ мекунад: масалан, дар як кишвари Аврупо 1842, дар дигараш 731, дар дигараш 694 ва ғайра, шумораи бонкҳо дар як кишвар ба 103 адад кам мешавад. аз мамлакатхои хурд. Аммо самаранокии бозори бонкиро на бештар аз шумораи бонкҳои амалкунанда, балки бо сифати кори онҳо муайян мекунад, ки субот ва кафолати муштариёнро таъмин мекунад.

Рақобат дар бозор бонкҳоро барои гузаронидани тадқиқот, омӯзиши талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ ва таҳияи намудҳои нави хизматрасонӣ барои ҷалби мизоҷон водор месозад, ки истифодаи фаъолонаи маркетингро дар назар дорад. Дар ибтидо унсурҳои алоҳидаи маркетинг ба амалияи бонкӣ, аз қабили таҳлили талабот ва таблиғ ҷорӣ карда шуданд ва дар солҳои 80-ум маркетинг ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии бонкҳо гардид. [3].

Консепсияи маркетинги бонкӣ бори аввал дар солҳои 1950 дар Амрикои Шимолӣ таҳия карда шуд. Дар бонкҳои Аврупои Ғарбӣ дарк намудани зарурати истифодаи равишҳои маркетинг дар солҳои 60-ум пайдо шуд. Дар миёнаҳои солҳои 70-ум маркетинги бонкӣ дар тамоми кишварҳои ғарбӣ паҳн шуд. Коршиносон таъкид мекунанд, ки тайи 30 соли охир равишҳо ба маркетинги бонкӣ тағйироти ҷиддие ворид карда, на танҳо технология, балки ба фалсафае табдил ёфтаанд, ки асоси фаъолияти бисёре аз бонкҳост. [4].

Маркетинги бонкӣ як системаи муттаҳидшудаи ташкили таҳия ва паҳнкунии маҳсулоти бонкӣ мебошад, ки ба қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони мақсаднок ва ба даст овардани фоида нигаронида шудааст. Ин система ба омузиши бодиккат ва пешгуии шароити бозор асос ёфтааст. [5].

Хусусиятҳои асосии истифодаи маркетинг дар фаъолияти бонкӣ инҳоянд:

• таваҷҷуҳи бонк ба ниёзҳои муштариён (фалсафаи маркетинг);

• татбиқи маҷмӯи пурраи воситаҳои сиёсати бозор (микёси маркетинг);

• ҳамоҳангсозии мунтазами ҳама намудҳои фаъолият дар соҳаи фурӯш (менеҷменти маркетинг). [5].

Хусусияти хизматрасониҳои бонкӣ инчунин аз он иборат аст, ки он аз таъсис ва нигоҳ доштани муносибатҳои пулӣ дар бозорҳои моделҳои B2C, B2B ва B2G иборат аст.

Биёед ба хусусиятҳои ин бозорҳо муфассалтар назар андозем.

Бозор мавҷудияти субъектҳоеро, ки ҳамчун фурӯшанда ва харидор амал мекунанд, пешбинӣ мекунад. Одатан, дар назария ва амалия субъектҳои муомилот метавонанд инҳо бошанд:

• давлат – шахси ҳуқуқӣ;

• корхона - шахси ҳуқуқӣ;
• мизоҷ, истеъмолкунанда – шахси воқеӣ;
• шарик - шахси воқеӣ;
• коргари корхона [6].

Вақте ки сухан аз намудҳои гузаронидашудаи амалиёт меравад, моделҳои зерин мавҷуданд:

• B2G, G2B (Бизнес ба Ҳукумат, Ҳукумат ба Бизнес) — субъектҳои мутақобила корхонаҳо ва давлат мебошанд;

• B2B (Бизнес ба Бизнес) — субъектҳои мутақобила корхонаҳо мебошанд;

• B2C, C2B (Бизнес ба Истеъмолкунанда, Истеъмолкунанда ба Бизнес) — субъектҳои мутақобила корхонаҳо ва шахсони воқеӣ (мизоҷон, истеъмолкунандагон) мебошанд;

• C2C (Истеъмолкунанда ба Истеъмолкунанда) — субъектҳои мутақобила шахсони воқеӣ мебошанд;

• B2E (Бизнес ба Корманд) — субъектҳои мутақобила корхона ва кормандони он мебошанд.

Чунки бонк шахси ҳуқуқӣ мебошад, дар доираи таснифоти тавсифшудаи моделҳои бозор дар чортаи онҳо — B2C, B2B, B2G, B2E ҳамчун субъекти муомилот баромад мекунад.

Аммо, дар ин мақола мо ба маркетинги дохилӣ таваҷҷӯҳ нахоҳем кард ва ҳамкориҳои бонк ва кормандонро баррасӣ намекунем, мо танҳо хусусиятҳои ҳамкорӣ бо муштариёнро нишон медиҳем; Ҳамин тариқ, модели бозори B2G — муносибати байни бонк ва давлат — пешниҳод мекунад, ки бонкҳо метавонанд ба давлат тавассути:

- додани карз ба мақомот; – тағйир додани ҳаҷми муомилот бо асъор ва қоғазҳои қиматноки давлатӣ;
- тағйирот дар сиёсати қарзии худ нисбат ба корхонаҳои ватанӣ.

Хусусияти бонкҳои тиҷоратӣ дар он аст, ки онҳо дар назди Бонки Марказӣ, ки ба давлат тааллуқ дорад (шакли моликият давлат аст) ӯҳдадорӣ доранд. Бонкҳои давлатӣ муассисаҳои молиявие мебошанд, ки саҳмияҳои назоратии онҳо ба давлат тааллуқ доранд. Асоси фаъолияти чунин бонкҳо тобеияти он ба манфиатҳои миллӣ мебошад (масалан, нигоҳ доштани устувории муомилоти пул тавассути системаи бонкҳои эмиссиявӣ, маблағгузории барномаҳои рушди соҳаҳои алоҳида, мусоидат ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва ғ.). Эмиссияи пул, маблағгузории соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, нигоҳ доштани қурби асъор, назорати бонкӣ, муомилоти пулӣ, кафолати пасандозҳои шаҳрвандон ва ғ. Ҳисобҳои амонатӣ, қарздиҳӣ, ҷойгиркунии қарз, амалиёт дар бозори пул, амонатгузорӣ, чек клиринг, амалиётҳои ипотека ва ғ. Ҳамин тариқ, давлат дар бозори хизматрасонии бонкӣ на танҳо ҳамчун муштарӣ (гирандаи хизматрасонии бонкӣ мисли ҳама гуна шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ), балки ҳамчун назоратчӣ ва ҳамоҳангсози фаъолияти бонки тиҷоратӣ баромад мекунад. Модели бозории "Бизнес ба Бизнес" (B2B) фаъолияти маркетингии ширкат мебошад, ки ба даст овардани фоида аз пешниҳоди хидматҳо, фурӯши мол ба ширкатҳои дигар нигаронида шудааст, ки объекти он маҳсулот, хидмат ва субъектҳои ҳуқуқӣ мебошанд, субъектҳое, ки дар соҳаи бозор ҳамкорӣ мекунанд.[7].

Мутахассисони муосири маркетинг як қатор хусусиятҳои бозори B2B-ро қайд мекунанд:

- бо назардошти хусусиятҳои хоси фаъолият ва талаботи тамоми соҳа;
- таваҷҷӯҳ ба шароит ва вазъи рақобат дар бозори саноатии B2B;
- муқоисаи эҳтиёҷоти харидор ва хусусиятҳои ширкат;
- вобастагии талабот ба мол ва хизматрасонии бозори мазкур аз талабот ба молҳои истеъмолӣ;
- шиддат ва миқёси хизматрасонӣ;
- таҳияи усулҳои таҳлилӣ, ки ҳаҷми фурӯшро пешгӯӣ мекунанд, барои барномарезии ҳаҷми истеҳсолот, муайян кардани эҳтиёҷоти молиявӣ ва ғайра. [2; 10; 11].

Дар чунин бозор бонкҳо ташкилотҳоро барои расонидани лоиҳаҳои музди меҳнат бо истифода аз кортҳои бонкӣ ҷалб мекунанд, вазифаҳои тақсими саривақтии маблағҳоро иҷро мекунанд,

имкониятхои карз додан ба ташкилотхо ва коркунони онхо ва гайра.

Мисоли B2B инчунин интегратсияи бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо бозори алоқаи мобилӣ ва бозори пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ мебошад (пардохти молҳо ва хидматҳои харидашуда дар асоси истифодаи кортҳои бонкии тамос).

Бонкҳо дар бозори B2C нақши муҳим доранд. Ин дар шароити баланд шудани дараҷаи ҷалби сармоя ба сектори хонавода аҳамияти хоса дорад.

Маркетинги бонкӣ ба муштарӣ нигаронида шудааст, аз ин рӯ, зарур аст, ки дархостҳои истеъмолкунандагонро омӯхта, маҳсулоти оптималӣ ва баъзан инфиродии бонкиро таҳия кард. Маҳсулоти бонкӣ - маҷмӯи амалиёти бонкӣ ва молиявӣ барои ҳалли ҳама гуна ниёзҳои муштарӣ, ки метавонад ҳамчун хадамоти нави бонкӣ ё маҷмӯи хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ ҷойгир карда шавад, ки дар занҷири технологӣ сохта шудааст, ки имкон медиҳад, ки мушкилоти мушаххаси муштарӣ ҳал карда шавад ва талаботи ӯ қонеъ карда шавад. барои хизматрасонии ҳамаҷониба. [8].

Намунаҳои воситаҳои маркетинги таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нисбати мизоҷон - шахсони воқеӣ дар зер оварда шудаанд.

Олимон ва таҷрибаомӯзон ба он даъват мекунанд, ки консепсияи муосири маркетинги бонкӣ бояд ба ташаккули самараноки бренди фаромӯшнашавандаи худ, таблиғи фаъолияти бонкӣ, пешниҳоди фикру мулоҳиза бо муштарӣ, таваҷҷуҳ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва шахсӣ равона карда шавад. сифатхои кадрхо, яъне ба конеъ гардондани талаботи харидорони бозор нигаронида шавад [2].

Тадқиқот, ки ба таҳияи стратегияҳои маркетингӣ барои пешбурди хадамоти муосири бонкӣ тамаркуз мекунад, аҳамияти мутобиқшавӣ ба тамоюлҳои зудтағйирёбандаи технологӣ ва иҷтимоиро таъкид мекунад. Бонкҳо бо зарурати таҳияи на танҳо маҳсулоти нав, балки ҳамчунин пешниҳоди хидматҳо тавассути каналҳои қулай ва инноватсионии коммуникатсия, ки омили асосии нигоҳ доштани муштариён ва ҷалби муштариёни нав мегардад, рӯ ба рӯ мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус бояд ба замимаҳои бонкии мобилӣ ва хидматҳои онлайн дода шавад, зеро онҳо ба афзалиятҳо ва интизориҳои истеъмолкунандагон таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Хулоса, тадқиқоти бозор ва таҳияи стратегияҳои маркетинги инфиродӣ барои таъмини рақобатпазирии бонкҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ муҳим аст. Интегратсияи технологияҳои инноватсионӣ, таваҷҷуҳ ба тафсилот дар хидматрасонии муштариён ва такмили пайвастаи пешниҳодҳо ба бонкҳо на танҳо барои наҷот ёфтан, балки дар давраи рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ низ ривоҷ меёбанд.

**Литература**

1. Обзор сделан на материалах, опубликованных в 2013-2014 гг. на сайте Ассоциации российских банков и некоторых российских банков.

1. Попкова Е. Г, Суворина А. П. Концепции 5Е на рынке банковских продуктов // Маркетинг в России и за рубежом. - 2009. - № 4. -URL : http://dis.ru/library/detail.php?ID=23381.

2. Стрельцов Ю. С. Механизм формирования маркетинговых каналов предоставления банковских услуг : автореф. дис. ... канд. экон. наук. - Волгоград, 2009.

3. Ассоциация российских банков : официальный сайт. - URL : http://arb.ru.

4. Кокин А. С., Галин Т. Ф. Банковский финансовый маркетинг // Вестн. Нижегород. ун-та им. Н.И. Лобачевского. - 2011. - № 1. -С. 270-273.

5. Дедегкаев В. Е. Банковский маркетинг как механизм развития предпринимательской деятельности банков. - URL:http://www. dedegkaev.ru/index.php/bankmarketing/59-bank-markpred.

6. Спрыжков И. Основы организации банковского маркетинга. - URL : http://www.marketolog.info/index.php/market/9-banks/52-2010-12-21-16-40-42.

7. Заключение договоров в сети Интернет с помощью торговых моделей B2B и B2C // Бизнес и закон. - 2008. - № 3. - URL : http:// www.pravo-mag.ru/journal/article131.

8.Государственные банки Российской Федерации. - URL: http://www.creditcase.ru/2013-09-18-19-47-22.html.

9. Юрчак А. Тенденции маркетинга B2B на 2013. - URL: http://b2b-insight.management.com.ua/2012/12/tendencii -marketynha-b2b -na-2013.

10. Забазнова Т. А., Попкова Е. Г., Токарева И. В. Особенности применения маркетингового инструментария на рынке «B2B». - URL:http://sciencejournal.sstu.ru/sites/default/files/37.pdf.

11. Блейхман О., Пантюхин В. Особенности маркетинга на рынке B2B. - URL: http:// www.delaemreklamu.ru/info/articles/marketing/O sobennosti-marketinga-na-rynke-B2B.

**УДК 336.1**

**Пирова Ш.С.**

## НАҚШИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути идоракунии давлатӣ гуфта шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки татбиқи сиёсати давлатӣ барои идоракунии самараноки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи субъекти хоҷагидор ки ба шароити фаъолияти он мувофиқ аст, бо ҳадафҳо ва вазифаҳои муайяншуда зарур аст. Иқтисодиёти байналмилалии муосир тағйиротҳои гуногунро аз сар гузаронида истодааст, ки натиҷаи чунин тағйиротҳо ба рақобати баланд доштани субъектҳои амалкунанда оварда расонид. Шароити имруза, дар ин раванд фаъолияти иқтисодии хориҷии мамлакатҳо яке аз омилҳои муҳим дар ташаккули иқтидори иқтисодии давлатҳо баромад менамояд, солҳои охир ба масъалаҳои идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад.

**Калидвожаҳо**: фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, даромаднокӣ, иқтисодиёти миллии кишвар, идоракунии давлатӣ, корхона, талабот, механизми идоракунӣ.

**Пирова Ш.С.**

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ В РЕГУЛИРОВАНИИ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье рассматривается государственное регулирование внешнеэкономической деятельности посредством государственного администрирования. Автором отмечено, что необходима реализация государственной политики эффективного управления внешнеэкономической деятельностью на уровне хозяйствующего субъекта, адекватной условиям его деятельности, с определенными целями и задачами. Современная международная экономика претерпевает различные изменения, результатом которых стала высокая конкуренция между субъектами хозяйствования. В современных условиях в этом процессе внешнеэкономическая деятельность стран является одним из важнейших факторов формирования экономического потенциала государств. В последние годы большое внимание уделяется вопросам управления внешнеэкономической деятельностью стран. предприятия.

**Ключевые слова:** деятельность внешнеэкономическая деятельность, рентабельность, национальная экономика страны, государственное управление, предприятие, спрос, механизм управления.

**Pirova Sh. S.**

## THE ROLE OF PUBLIC ADMINISTRATION IN REGULATION OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITIES

This article discusses state regulation of foreign economic activity through state management. The author notes that the implementation of state policy is necessary for the effective management of foreign economic activity at the level of an economic entity, appropriate to the conditions of its activity, with defined goals and objectives. The modern international economy is undergoing various changes, the result of which has led to high competition among operating entities. In today's conditions, in this process, the foreign economic activity of countries is one of the most important factors in the formation of the economic potential of states. In recent years, great attention has been paid to the issues of managing the foreign economic activity of enterprises.

**Keywords:** activity of foreign economy, profitability, national economy of the country, public administration, enterprise, demand, management mechanism.

Дар шароити муосири муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ идоракунии давлатӣ яке аз воситаҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, давлат ба воситаи механизми идоракунии худ тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти хоҷагидориро бо роҳҳои танзиму назорат ва ё худ ташкили идоракунии давлатӣ ба роҳ мемонад.

Идоракунии давлатӣ яке аз намудҳои идоракунии иҷтимоӣ буда, дар байни намудҳои дигари идоракунӣ (иқтисодӣ, ҷамъиятӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва гайра.) ҷои муҳимро ишгол мекунад. Аҳамияти он бо афзудани нақши давлат дар ҳаёти имрӯза муайян мегардад. Давлат соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаро идора мекунад. Масъалаҳое ҳастанд, ки дар шароити имрӯза иштироки давлатро барои ҳалли бевоситаи худ талаб мекунанд (комплекси сӯзишвориву энергетикӣ, истифодаи кайҳон, захираҳои табиӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва м.и).

Доир ба мафҳуми «Идоракунии давлатӣ» байни олимон ягонафикрӣ ҷой надорад. Масалан, Сотиволдиев Р.Ш. мафҳуми зерини идоракунии давлатиро чунин арзёбӣ мекунад: «Идоракунии давлатӣ гуфта, фаъолияти дар қонун пешбинигаштаи бонизому муташаккилонаи мақомоти давлатиро меноманд, ки тавассути истифодаи ҳокимияти давлатӣ (ваколату чораҳои ҳокимиятӣ) бахри идораи одамон, ташкилотҳои онҳо ва соҳаҳои ҷудогонаи ҳаёти ҷомеа бо назардошти ҳуқуқҳои инсон, имкони ҳар чӣ бештари мустақилиту фаъолияти озодонаи онҳо ба роҳ монда мешавад»[13,41].

Ҳаёти инсониро бе идора нашояд тасаввур кард. Аммо идоракунӣ на ҳама вақт тавассути давлат сурат гирифтааст. Дар марҳилаи тодавлатӣ вазифаи идораи одамонро ташкилотҳои тодавлатӣ (пешвоёни авлоду қабила, шӯрои кӯҳансолон ва м.и.) ба ҷо меоварданд. Идоракунии тодавлатӣ бо мақсади таъмини ҳаёти одамони ибтидоӣ тавассути меъёрҳои иҷтимоии тодавлатӣ (ахлоқ, одатҳо, дин) сурат мегирифт. Бо пайдоиши давлат идоракунии одамон ва ҷомеа ба зиммаи давлат мегузарад. Давлат чун падидаи муҳими ҳаёти ҷомеа аз замони қадим сар карда то ба имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирон, файласуфон, олимон, муҳаққиқони гуногун қарор дорад. Оид ба мафҳум ва моҳияти давлат дар тӯли асрҳо назарияҳои зиёд ва гуногун пешкаш шудаанд. Баҳсу мунозираҳои илмии муҳаққиқон оид ба фаҳмиш, мафҳум, моҳияти давлат то ҳол идома дорад. Давлат барои идораи одамон ва ҷомеа пайдо шудааст, аниқтараш аз ҷониби одамон ба ҳамин мақсад ташкил дода шудааст. Давлатро одамон ба вуҷуд овардаанд. Ҳадаф аз ин амал – маҳз идораи ҷомеа буд. Дар ҷомеаи тодавлатӣ шумораи одамон дар Замин кам буд, онҳо ба табақаҳои мухталиф тақсим намешуданд, ҷараёни истеҳсолот ҷой надошт, зарурати истифодаи маҷбурсозии сиёсӣ эҳсос намешуд.

Гузариши таърихии одамон аз хоҷагии истеъмолӣ ба иқтисоди истеҳсолкунанда дар натиҷаи бӯҳрони экологӣ дар сайёраи мо омилҳоеро ба вуҷуд овард, ки давлатро талаб намуданд. Аммо зарурати давлат ба ҳайси ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ дарҳол эҳсос нагардид. Аввал зарурат ба ташкилоту сохторҳои махсус барои, масалан, ба ҳисоб гирифтани шумораи зироатпарварон (ва дигар кормандон), меҳнати сарфнамудаи онҳо, ба тобеъият даровардани онҳо, ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таъмини онҳо бо чораҳои маҷбурӣ ба вуҷуд меояд. Сипас дастгоҳи давлатӣ бо шумораи кофии мансабдорон ташаккул меёбад. Бо пешрафти ҷомеа ин дастгоҳ торафт васеътару мустаҳкамтар мегардад. Шумораи одамон низ зиёд мешавад. Ба ном «таркиши демографӣ» (афзоиши тези аҳолӣ) яке аз омилҳои муҳими пайдоиши давлат гардид. Он дар ҳазорсолаи сеюм низ дубора омили асосӣ гардид, ки аз он воқеан ҳастии инсоният вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷомеа бино ба эҳсосу дарки зарурати давлат бо мақсади идораи ҷомеаи торафт мураккабшаванда одамон давлатро ба вуҷуд оварданд. Аниқтараш навъи идораро тагйир доданд – идораи тавассути сохторҳои гайридавлатиро (тодавлатиро) бо идораи давлат (тавассути мақомоту сохторҳои давлатӣ) иваз намуданд. Ба гуфтаи профессор М. Рассолов «Пайдоиши давлат ин марҳилаи қонунии рушди ҷомеаи инсонӣ аст». Оид ба пайдоиши давлат дар давраҳои гуногуни таърихӣ, дар кишварҳои мухталиф, аз ҷониби мутафаккирон, файласуфон, олимон, муҳаққиқон назарияҳои зиёд пешбарӣ шудаанд. Дар ин назарияҳо нуқтаҳои назари гуногун дар хусуси пайдоиши давлат истифода мешаванд. Барои ҳамин хулосаи ягона доир ба ин проблемаи назариявӣ то ҳол вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки яке аз воситаҳои асосии даромаднокии иқтисодиёти миллии кишвар маҳсуб меёбад, маҳз дар заминаи ташкили

дурусти идоракунии давлатӣ бояд амалӣ гардонида шавад, ки мо онро дар нақшаи 1. пешниҳод менамоем.




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф. **Нақшаи 1.2.1. - Ташкили идоракунии давлатӣ дар танзими ФИХ**

Мувофиқи нақшаи овардашуда, барои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути идоракунии давлатӣ, пеш аз ҳама, татбиқи сиёсати давлатӣ зарур меояд, ки дар ин росто бояд ба вуқуъ омадани роҳбарии давлатӣ, сипас назорати давлатӣ ва танзими давлатӣ ба амал бароварда шаванд. Аз ин ҷо мафҳуми сиёсати давлатиро дар ин ҷода мо чунин арзёбӣ менамоем: Маҷмӯи чорабиниҳои роҳбарӣ, назорат ва идоракуниии давлатие, ки барои танзим ва рушди хоҷагидории давлатӣ ва маҳаллӣ равона мегардад, сиёсати давлатӣ номида мешавад [10, с.13].

Масъалаи муҳими ҷойдоштаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ – ин ҷалби сармоягузориҳо ба корхонаҳои собиқ давлатӣ ва хусусигардонидашуда мебошад. Маълум аст, ки корхонаҳои давлатӣ ба моликияти хусусӣ табдил дода шудаанд, вале самаранокии иқтисодию иҷтимоии ин тағйирёбии шакли моликият ниҳоят паст аст ё дар ин амал ягон самара дида намешавад. Мақомоти гуногун ва таҳлилгарони алоҳида кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд, ки натиҷаҳои комилан мусбии ин равандро нишон диҳанд, вале мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дар асл ба ғайр аз соҳаҳои савдою хизматрасонӣ натиҷабахшии хусусигардонӣ аксаран қаноаткунанда нестанд. Ҳоло ба назар чунин мерасад, ки қисми зиёди соҳибмулкони корхонаҳои ғайридавлатигардонидашуда аз вазъи иқтисодии шахсӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар назди ҷомеаи кишвар дар маҷмӯъ қаноатманд мебошанд ва ҷиҳати ҷалби сармоягузорию рушди корхона кӯшишу талоши ҷиддие надоранд. Бисёр корхонаҳои ғайридавлатигардонидашуда, ки тавассути музоядаҳою тендерҳо ба шакли моликияти хусусӣ табдил дода шудаанд, ё аз

ҷониби коллективи меҳнатӣ харида шуда, баъдан бо роҳҳои гуногун ба моликияти як субъекти хусусӣ табдил гардидаанд, бештар танҳо бо роҳи ба иҷора супоридани қисми ночизи масоҳат ва таҷҳизоти истеҳсолӣ ё ин ки фурӯхтани баъзе воситаҳои истеҳсолот талаботи иқтисодии худро қаноатманд ва доираи хурди ҳамкоронро қисман қонеъ менамоянд.

Мақсади амалӣ намудани талаботҳои давлатӣ – ин водор намудани соҳибкорони камфаъол ва ғайрифаъол ба дастрас намудани натиҷаҳои босамар, ки ҳам ба нафъи худи соҳибкор ва ҳам ба нафъи нафъи тамоми мамлакат бошад. Дар мавриди иҷро накардани талаботҳои давлатӣ дучор шудани соҳибкор бо вазъияти муфлисшавӣ ва аз тарафи вай фурӯхта шудани корхона ба дигар соҳибкори боиқтидор яке аз унсурҳои асосии пешниҳодоти мазкур мебошад. Ба назари мо чунин мерасад, ки амалисозии талаботи мазкур танҳо тавассути қабули санади меъёрии ҳуқуқии иқтидори баланддошта ба роҳ монда шуда метавонад.

Шароити муосир, ки бевосита бо шиддатёбии босуръати ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ тавсиф дода мешавад, дар ин раванд фаъолияти иқтисодии хориҷии (минбаъд - ФИХ) мамлакатҳо яке аз омилҳои муҳим дар ташаккули иқтидори иқтисодии давлатҳо баромад менамояд. Бинобар ин, дар солҳои охир ба масъалаҳои идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир гардида, он дар байни олимон боиси баҳси илмӣ гардидааст. Ҷиҳати ташаккул, моҳият ва хусусиятҳои принсипҳои идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳо, мукаммалгардонии принсипҳои идоракунии онҳо аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд дошта, боиси ташаккулёбии самти мазкур гардидааст.

Иқтисодиёти байналмилалии муосир тағйиротҳои гуногунро аз сар гузаронида истодааст, ки натиҷаи чунин тағйиротҳо ба рақобати баланд доштани субъектҳои амалкунанда оварда расонид. Бинобар ин, мо тарафдори ақидаи муаллифон Соколова Н.В. ва Елисеева М.Л. мебошем, ки дар самти ФИХ корхона масъалаҳои овардашуда пурра таҳти назорат ва мониторинг қарор гирад. [12, 140-146.]. Дар ҳолати ба миён омадани ҳолати ногувор имконияти корхонаҳоро барои фаъолияти минбаъдаи онҳо дар бозори беруна кам менамояд.

Аз рӯи ақидаи профессор А. А. Мусин - «Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба фаъолияте дахл дорад, ки ба даст овардан, ворид намудани тағйирот ё қатъ кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳое иборат аст, ки ба эҷод, истифода ё бегона кардани неъматҳои моддӣ ва ё дигар натиҷаҳои фаъолияти инсон дар муносибатҳои байни шахсони мансубияти гуногуни давлатӣ асос ёфтаанд» [6, 470]. Пешниҳоди А.А. Мусин оиди ФИХ на он қадар қобили қабул буда, барои рушду самаранокии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ асос шуда наметавонад, зеро, истифодаи неъматҳо аз бартарияти омилҳои истеҳсолӣ вобастагии зиёд дорад.

Фаъолияти иқтисодии беруни корхона ин фазои фаъолияти хоҷагидорӣ, робитаҳои истеҳсолии байналхалқӣ ва кооператсияҳои илмӣ-техникӣ, молҳои содиротию воридотӣ, баромадан ба бозори беруна, робитаҳои иқтисодии беруна бошад, минтақаҳои Тоҷикистон ин ҳолати қисми муносибатҳои фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад ва Созишномаҳо мустақилона ва ё дастаҷамъона иҷро карда мешаванд. Ташкили идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ФИХ) дар навбати аввал аз мансубияти соҳавии корхона муайян карда мешавад. Барои идоракунии самараноки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи субъекти хоҷагидор сохтори идоракунӣ, ки ба шароити фаъолияти он мувофиқ аст, бо ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳалшаванда муайяншуда зарур аст. Ҳангоми идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар корхона ба омодагӣ ва татбиқи минбаъдаи амалиёти иқтисодии хориҷӣ, ки ба баланд бардоштани даромаднокӣ ва ба даст овардани фоида тавассути иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат нигаронида шудааст, таъсир мерасонад.

**Адабиёт:**


1. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Москва: Финансы и статистика, 2000.

2. Гофман Ф., Маховикова Г.А. Международная внешнеэкономическая деятельность. Страниц: 208. Год издания: 2001 г.

3. Гущин В.В. Российское предпринимательское право: учебное пособие / В.В. Гущин, Ю.А. Дмитриев. – М.: Эксмо, 2015. – 736 с.

4. Кочергина Т.Е. Внешнеэкономическая деятельность – М.: Феникс, 2006 – 288 с.

5. Линецкий, А.Ф. Роль регионов во внешнеторговой деятельности России в условиях новых геополитических вызовов / А.Ф. Линецкий, А.Г. Тарасов, В.Е. Ковалев // Экономика региона. – 2017. – Т. 13, вып. 3. – С.827 – 838.

6. Мусин, В.А. Гражданский процесс: учебно–методическое пособие / В.А. Мусин, Н.А. Чечина, Д.М. Чечота. – М.: Проспект, 2015. – 472 с.

7.Муллоев Д.М. Назарияи идораи давлатӣ. Душанбе – 2013., С.18-19.

8. Пронина М.Г. Правовое регулирование внешнеэкономической деятельности: учебное пособие / Е.Ф. Ерофеев [и др.]; под ред. М.Г. Прониной. – Минск: БГЭУ, 2014. – 190 с.

9. Покровская В.В. Организация и регулирование внешнеэкономической деятельности: Учебник. — М.: Юристъ, 1999. — 456 с.

10. Прокушев Е.Ф. Внешнеэкономическая деятельность. Инкотермс 2000 г. 307 с.

11. Райзберг, Б.А. Современный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. – М.: ИНФРА–М, 1996. – 496 с.

12. Соколова Н.В., Елисеева М.Л. Управление внешнеэкономической деятельностью на уровне предприятия. / Н.В. Соколова, М.Л. Елисеева. // Известия. Современные тенденции в экономике и управлении. Экономика, организация и управление предприятиями, отраслями. Стр. 140-146.

13. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи идоракунӣ. Душанбе -2005., С.41.

14. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ., Душанбе: «Империя-Групп», 2014. 720 с.

**УДК 336.1**

**Пирова Ш.С.**

**ИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ВА ХИЗМАТӢ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН ЯК ҶУЗЪИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ**

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи мафҳуми хизмати давлати ҳамчун намуди фаъолияти меҳнатӣ меравад.Муаллиф қайд намудааст, ки хизмати давлатӣ дар нақши иҷтимоӣ аз мақоми иҷтимоии он, хусусиятҳои сохти ҷамъиятию иқтисодӣ, низоми сиёсӣ, намуди давлат, сохти дастгоҳи давлатӣ, ҳайати шахсии корпуси хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ татбиқи функсияҳои ҳокимити давлатиро таъмин менамояд. Ҳамчун соҳаи муҳими фаъолияти давлатӣ – идоракунии хизмати давлатӣ бо сарчашма ва асосҳои муайян ташкил мегардад, ки тавассути онҳо роҳҳои афазлиятноки танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатӣ муқаррар мешавад.

**Калидвожаҳо:** мақомоти ҳокимияти давлатӣ, кадрҳои идоракунанда, сиёсати давлатӣ, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, хизмати давлатӣ, фаъолияти меҳнатӣ, қонун.

**Пирова Ш.С.**

**МЕСТНОЕ УПРАВЛЕНИЕ И ГОСУДАРСТВЕННАЯ СЛУЖБА КАК КОМПОНЕНТ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ**

**Аннотация.** В данной статье рассматривается понятие государственной службы как вид трудовой деятельности. Автор отмечает, что роль государственной службы в обществе зависит от его социального статуса, особенностей социально-экономического строя, политического строя, типа государства, структура государственного аппарата и кадровый состав корпуса государственной службы. Государственная служба обеспечивает реализацию функций государственной власти. Как важная сфера государственной деятельности, управление государственной службой организуется на основе определенных источников и основ, посредством которых устанавливаются преимущественные способы правового регулирования и деятельности государственных служащих.

**Ключевые слова:** органы государственной власти, управленческие кадры, государственная политика, совокупность правовых норм, государственная служба, трудовая деятельность, право.

**Pirova Sh.S.**

**LOCAL GOVERNMENT AND PUBLIC SERVICE AS A COMPONENT OF PUBLIC ADMINISTRATION**

This article discusses the concept of public service as a type of labor activity. The author notes that the social role of public service depends on its social status, the characteristics of the socio-economic structure, the political system, the type of state, the structure of the state apparatus, and the personnel of the civil service corps. The civil service ensures the implementation of the functions of state power. As an important area of state activity, the management of the civil service is organized with certain sources and foundations, through which preferential ways of legal regulation and the activities of civil servants are established.

**Keywords:** state authorities, management personnel, state policy, set of legal standards, state service, labor activity, law.

Дар адабиётҳои илмӣ оид ба мафҳуми хизмати давлатӣ андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд. Баъзе аз олимон хизмати давлатиро ҳамчун намуди фаъолияти меҳнатӣ муайян мекунанд, ки дар амалӣ намудани функсияҳои давлат аз тарафи кормандони дастгоҳи давлатӣ, ки дар муассисаҳои давлатӣ мансабҳоро ишғол менамоянд ва аз давлат барои меҳнат худ маош мегиранд, шарҳ медиҳанд. [2, .с.10].

Ю . Н Старилов бошад чунин меҳисобад, ки хизмати давлтӣ (мунитсипалӣ) ин хизмати оммавӣ дар мақомоти ҳокимияти сиёсӣ, маҷмӯъи институтҳои ҳуқуқуқие мебошад,

ки аз меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ташкил ёфта, дар худ як қатор зеринститутҳоро дохил менамояд[3, .с.9].

Б. М. Лазарев чунин меҳисобад, ки « хизмати давлатӣ пеш аз ҳама хизмат ба давлат мебошад, яъне бо супориш ва бо музди аз он мегирифта иҷрои намудани фаъолияте, ки ба татбиқи вазифа ва функсияҳои давлат… равона карда шудаанд»[4, .с. 7-8].

Ғуломов С. Х дар мақолаи «Хизмати давлатӣ бояд чи гуна бошад» қайд менамояд, ки « Хизмати давлатӣ татбиқи ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва мансабдоронро, ки ҳокимияти давлатӣ доранд таъмин менамояд»[5, .с.81].

Хизмати давлатӣ бояд татбиқи функсияҳои ҳокимити давлатиро таъмин намояд.Лекин давлати муосир худ ба худ сарчашмаи ваколатҳои ҳокимиятӣ намебошад. Ин ваколатҳоро ба давлат халқ медиҳад. Дар ҷараёни демократикунонӣ ва инкишофи мунтазмаи мутақобили таъсиркунандаи мақомоти ҳокимиятӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ худи давлат ҳам тағйир меёбад. Дар ин ҷараён давлат бештар ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ мегардад. Хизмати давлатӣ ҳам ба ин тағйиротҳо моил мешавад. Аз номи давлат баромад карда, он бештар ба хизматрасонии ҷомеа ва фард ба андозае, ки татбиқи манфиатҳо ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ва шахси соҳибихтиёр имконият медиҳад, майл менамояд.

Ҳамчун институти иҷтимоӣ хизмати давлатӣ баамалбаровардани ҳамкории ҷомеа ва давлат, дастгоҳи давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ , хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад. Ба ин маъно низоми хизмати давлатӣ иҷрои функсияи танзимкунандагиирафтори одамонро дар муносибатҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки аз талабот, манфиатҳо, одат ва дигар оинҳои онҳо бармеояд, амалӣ менамояд.

Маҳз ба зиммаи хизмати давлатӣ ҳаллу фасливазифаҳо оид ба таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории муайян кардааст, вогузор шудааст. Хизмати давлатӣ бояд ба инсон ҷиҳати ҳалли мушкилот кӯмак карда, барои қаноатманд кардани талаботи иҷтимоиаш мусоидат намояд.

Моҳияти хизмати давлатӣ аз тобеияташ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзишҳои олӣ алоқаманд аст. Ҳуқуқ ва озодиҳои ҳаётиро ба инсон на давлат медиҳад, балки он аз таваллуд ба инсон омадаст ва аз вай ҷудонашаванда мебошанд. . Ҳатто динҳои ҷаҳонӣ ба хотири инсон нозил шуда, таълимоти олии оламгиру фалсафаҳои таърихсоз ҳама барои ҳимояи манфиати инсон нигаронида шудаанд. Моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд ва Конститусия дар моддаи 14 эълон доштааст, ки мазмуну мӯҳтавои ҳамаи дигар қонунҳоро ҳуқуқ ва озодии инсон ташкил медиҳад.

Татбиқи ин талаботи конститусионӣ мазмуни фаъолияти хизмати давлатиро ҳамчун институти иҷтимоӣбой гардонида, онро на ин ки аз давлат, балки аз шаҳрвандон халқ вобаста мегардонад.

Мансабдор тибқи Конститутсия пеш аз ҳама ба инсон хизмат менамояд. Ҷомеа аз давлат, ки шакли ташкили муносибатҳои ҷамъиятӣ аст, боло мебошад ва ин муносибатҳо тариқи идоракунии давлатӣ ба танзим дароварда мешавад. Хизмати давлатӣ ҳамчун барандаи идоракунии давлатӣ баромад карда, афзалиятҳои инкишофи ҷомеа, баланд бардоштани некуаҳволии маънавии ва моддии вайро ба роҳбарӣ мегирад.

Хизмати давлати унсур зарур ва муҳими сохтори давлат мебошад. Он дар байни давлат ва ҷомеа нақши васлкунандаро мебозад.

Меъёри асосии муайян кардани моҳияти хизмати давлатӣ – ин ба таври касбӣ иҷро намудан ва ҳамаҷониба татбиқ кардани функсияи идоракунии давлатӣ ҷиҳати ташкил ва танзими ҷомеа мебошад. Ба амалбарории вазифа ва функсияҳои давлат доир ба роҳбарии ҷомеа вазифаи функсионалии хизмати давлатӣ мебошад.

Моҳияти хизмати давлатӣ манбаи иҷтимоӣ дорад, мақсад ва вазифаҳои ҷамъиятии фоидаовар, ки аз хизмат ба манфиатҳои умумихалқӣ иборат аст, пеш мегузорад.

Дар марҳилаи муосир фаъолияти хизмати давлатӣ дар самтҳои хизматрасониидавлатии иҷтимоӣ, таълимӣ, тарбиявӣ муҳофизати ҳуқуқӣ, бехатарӣ бартарӣ дорад.

Асосҳои иҷтимоиро пеш аз ҳама роҳҳои афзалиятнок ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати демократии ҳуқуқбунёд, манфиатҳо , ҳукуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд(таъминоти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, волоияти қонун, ошкорбаёнӣ, демократикунонии хизмати давлатӣ ва ғайра) ташкил медиҳад.

Хизмати давлатӣ дар нақши иҷтимоӣ аз мақоми иҷтимоии он, хусусиятҳои сохти ҷамъиятию иқтисодӣ, низоми сиёсӣ, намуди давлат, сохти дастгоҳи давлатӣ, ҳайати шахсии корпуси хизматчиёни давлатӣ вобаста аст.

Дар ҳадди ниҳоӣ самаранокии хизмати давлатӣ аз рӯи чи тавр ва бо кадом андоза босифат хизматрасонидан ба талаботи инсон, дар ҳаёти вай муайян мегардад.

Ба маънои ҳуқуқӣ хизмати давлатӣ ба соҳаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ дахл дошта, ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии инсонро танзим менамояд.

Ҳамчун фаъолияти маъмурӣ хизмати давлатӣ функсияҳои иттилоотию таҳлилӣ, ташкилӣ- техникӣ, ташхисӣ риояи тартиботи идоракунӣ ва иҷрои қарорҳои идоракунӣ молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқи ва кадриро иҷро менамояд.

Ҳамчун соҳаи муҳими фаъолияти давлатӣ – идоракунии хизмати давлатӣ бо сарчашма ва асосҳои муайян ташкил мегардад, ки тавассути онҳо роҳҳои афазлиятноки танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатӣ муқаррар мешавад.

Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатиро меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо муқаррароте, ки тартиби ташкил ва таҷрибаи баамалбарории онро мураттаб месозад, ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқукии ташкилии хизмати давлатиро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷумла, Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститусионӣ, қонунҳои соҳавӣ, кодексҳои ҷумҳурӣ ба монанди кодекси Кумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси меҳанти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ  ва мақомотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳанд.

Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии конститутсионии ташкили хизмати давлатиро муқарар намудааст.

Қисми ду моддаи 27 Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки шаҳрвандон ба хизмати давлати ҳуқуқи баробар доранд, кафолати чунин баробарҳуқуқи дар моддаи 17 Конститусия низ инъикоси худро ёфтааст. Мутобиқи он давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазифаи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Санади махсусе, ки бевосита муносибатҳои хизматиро танзим менамояд – ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 мебошад. Қонуни зикршуда баъд аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқиест, ки ба бунёди хизмати давлатӣ ва ташкили он замина гузоштааст. То қабули қонуни мазкур ҳамаи муносибатҳои бо хизмати давлатӣ алоқаманд бо кодекси қонунҳои оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷииkстон аз соли 1997 бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешуданд. Ҳамаи кормандоне, ки то ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар асоси шартнома дар мақомот, муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ фаъолияти меҳнатиро адо менамуданд, онҳо ба ҷумлаи хизматчии давлатии шомил мешуданд.ва фаъолияте, ки анҷом доданд, хизмати давлатӣ эътироф мешуд.

Дар асоси қисми 6 моддаи 1  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Дар бораи хизматӣ давлатӣ»  хизмати давлатӣ (хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ) - фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст, мебошад[6, .с.5].

Хизмати давлатӣ – ин падидаи ҳуқуқии комплексии мураккаб буда, самтҳои гуногуни фаъолияти касбиро, ки дар мақомоти давлатӣ амалӣ мешаванд, дар бар мегирад .

Низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ иборат буда, ҳар як наъмуди низоми хизмати давлатӣ дар алоҳидагӣ хусусиятҳои хос доранд.

Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ аз хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ иборатбуда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» , «Дар бораи милитсия» , Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра) бо назардошти принсипҳои асосӣ ва муқаррароти умумии қонуни мазкур ба танзим даровардa мешаванд.

Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми хизматчии давлатӣ - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст, фаҳмида мешавад. Ва хизмати давлатии сиёсӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатие амалӣ карда мешавад, ки онҳо мансабҳои сиёсии хизмати давлатиро ишғол мекунанд. Хизмати давлатии маъмурӣ бошад аз ҷониби хизматчиёни давлатие амалӣ карда мешавад, ки онҳо асосан бо роҳи озмун мансабҳои маъмурии хизмати давлатиро ишғол менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчиёни давлатӣ вобаста ба мансаби ишғолнамудаашон дар мақомоти давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиашон ба ду гуруҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи якумро хизматчиёни давалатии сиёсӣ ва гурӯҳи дуюмро хизматчиёни давлатии маъмурӣ ташкил медиҳанд:

-хизматчии давлатии сиёсӣ - хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад;

-хизматчии давлатии маъмурӣ - хизматчии давлатӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст.

Ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ мансабҳои дохил мешаванд, ки номгӯи онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар кардааст.

Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №503 тасдиқ шуда, ба он 24 июли соли 2009 ва 2 сентябри соли 2010 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Феҳристи мазкур аз ду фасл, фасли аввал – мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва фасли дуюм мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ном дорад, иборат аст. Фасли дуюми Феҳристи зикргардида дар навбати худ аз ду қисм иборат аст, қисми аввал мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва қисми дуюм мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ном дорад.

Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияи мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад.

Барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ категорияи мансабҳои давлатии зерин муқаррар карда шудааст:.

- ✓ категорияи олӣ;
- ✓ категорияи якум;
- ✓ категорияи дуюм;
- ✓ категорияи сеюм;

- ✓ категорияи чорум;
- ✓ категорияи панҷум;
- ✓ категорияи шашум;
- ✓ категорияи ҳафтум .

Мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ба категорияҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф карда шудаанд.

Хизмати давлатӣ умуман дар ду мазмун - васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад.

Дар мазмуни васеъ мафҳуми хизмати давлатӣ одамонеро, ки дар мақомоти давлатии марказӣ, маҳаллӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва дигар муасисаҳо новобаста аз характери фаъолияти онҳо (ба ғайр аз шахсони дар бахши хусуси коркунанда) кор мекунанд, дар бар мегирад.

Дар мазмуни маҳдуд он танҳо ҳайати дастгоҳҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти марказӣ, маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллиро дар бар мегирад[7, .с.178].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мазмуни маҳдуд истифода шудани хизмати давлатӣ аз талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ бармеояд, ки дар он танҳо мақомоти давлатӣ пешбинӣ шудаанд:

-ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон;

-дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дастгоҳҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ (барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ);

-вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

-кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

-мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-идораҳои назди ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

-мақомоти дигари марказииҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

-намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);

-мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот баробар карда мешаванд, ки номгӯи мансабҳои онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд[6, .с.9].

Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикстон:« Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995 , «Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз 4 ноябри соли 1995 , «Дар бораи Маҷлиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000, «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2001 ва «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 қонунҳое мебошанд, ки хизматчиёни давлатии онҳо фаъолияти мақомоти зикрёфтаро дар қисме, кибо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» танзим нашудаанд, танзим менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки маҷмӯъи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки онҳо самтҳои гуногуни соҳои хизмати давлатиро ба танзим медарорад ба қадри кофӣ дар Тоҷикистон мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла:

- Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №503 тасдиқ шудааст;

- Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холи маъмурии хизмати давлатӣ , ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009 №659 тасдиқ шудааст.

- Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2008 №443 тасдиқ шудааст;

- Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестасияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008 №468 тасдиқ шудааст;

- Кодекси одоби хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кибо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2010 №932 тасдиқ шудааст;

- Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010№ 756 тасдиқ шудааст;

- Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлтӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2008 № 449 тасдиқ шудааст;

- Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ , ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2008 № 557 тасдиқ шудааст;

- Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011 № 1074 тасдиқ шудааст

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон аз 30 декабри соли 2007 № 633 « Дар бораи Намунаи шартномаи (қарордоди меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ» ;

- Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз «30» майи соли 2008№272 «Дар бораи Қоидаҳоидодани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ» ;

- Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 3 март соли 2011 №115 «Дар бораи низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раис,мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лимитишумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомотииҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»;

- Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011 №153 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ нисбати ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайраҳо.

Барои ҳалли таъминотии кадрии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз31 декабри соли 2008 №582 тасдиқ карда шуда, қабул гардидааст. Консепсияи мазкур бо назардошти ҳолати кунунӣ, ваъзи иқтидорҳои кадрии ҷумҳурӣ, хусусиятҳои миллӣ ва фарогирии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таҳия шудааст. Консепсия инчунин системаи таъминоти кадрӣ, шартҳо ва роҳҳои татбиқи чорабиниҳои барои рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронишударо низ муайян менамояд. Дар Консепсия самтҳои асосии бароҳмонии тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо, аз ҷумла аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманд ва занони қобили меҳнат пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади татбиқи Консепсияи мазкур Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 №259 тасдиқ шудааст. Барномаи зикршуда номгӯи чорабиниҳо, механизмҳои татбиқ, марҳилаҳои татбиқ, иҷрокунандагон, банақшагирӣ ва инчунин системаи ташкили мониторингу назорати иҷрои Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Консепсияи мазкур 6 бобро дар бар мегирад.

Боби аввал Муқаррароти умумӣ номгузорӣ шуда, як қатор мафҳуми сиёсати давлатии кадрҳо ва механизм татбиқи он дар бобби мазкур шарҳ дода шудааст.Чуночӣ:

**- сиёсати давлатии кадрҳо** – фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд;

- механизми татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо – маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо, шаклу усулҳо ва воситаҳои ҳуқуқие, ки самаранокии интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, тарбия, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси онҳоро таъмин менамояд;

- субъектҳои сиёсати кадрҳо – мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ, ки феҳристи мансабҳои худро доранд.

Мақсади сиёсати давлатии кадрҳо ҳалли масъалаҳои умумидавлатии идоракунӣ, таъмини иштироки шаҳрвандон дар корҳои идоракунии давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо, субъектҳои хоҷагидор, бавуҷуд овардани шароит барои алоқамандии идоракунӣ бо аҳолӣ мебошад Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд.

Боби 4 Консепсияи мазкур, ки афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо ном дорад, дар он сиёсати давлатии кадрҳо дар системаи идоракунии давлатӣ ба ҳалли вазифаҳои зерини афзалиятнок равона шудааст:

- таъмини устувори фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, рушди механизмҳои интихоб ва пешравӣ дар хизмати давлатӣ, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ танзим карда мешавад;

- муносибгардонии сохтор ва функсияҳои мақомоти давлатӣ;

- мутобиқсозии номгӯи ихтисосҳои мақомоти давлатӣ бо вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ва масъалаҳои рӯзмарраи идоракунии давлатӣ;

- мутобиқгардонии шумора, сохтори касбию тахассусии кадрҳои мақомоти давлатӣ бо дарназардошти ғайримарказгардонии функсияҳои идоракунӣ ва рушди худидоракунии маҳаллӣ;

- такмили Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки системаи тамоюлҳои арзишҳо ва ахлоқӣ, талаботи ахлоқиро нисбат ба хислатҳои муносибати мутақобилаи кормандони ҳама соҳаҳо бо аҳли ҷомеа ва шаҳрвандон муайян менамояд;

- такмили расмиёт ва усулҳои интихоби кадрҳои мақомоти идораи давлатӣ, ташаккули сохтори воқеан амалкунандаи захираи кадрҳо барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда ва тарбияи касбии шахсони дар захираи кадрҳо қарордошта;

- муносибгардонии системаи пешравии кадрҳои идоракунанда дар дастгоҳи давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини болоравии онҳо дар мансаб дар асоси баҳисобгирии сифатҳои касбӣ ва ахлоқиву психологӣ;

- такмили механизм ва усулҳои муосири баҳодиҳии хизматчиёни давлатӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти онҳо;

- ташаккули системаи ҳимояи касбӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ дар асоси таҳияи дастурамалҳои мушаххаси мансабӣ, такмили пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии моддию маънавии меҳнати онҳо, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ;

- батанзимдарории механизми назорати маъмурӣ ва ҷамъиятии фаъолияти шахсони мансабдори дастгоҳи давлатӣ;

- таъсиси системаи дурнамо ва банақшагирии эҳтиёҷоти мақомоти идоракунии давлатӣ ба кадрҳо;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисони мақомоти идораи давлатӣ.

Системаи тарбияи кадрҳои соҳибихтисоси роҳбарикунанда бояд ба қадри кофӣ дар инкишоф бошад, эҳтиёҷоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти

худидоракунии маҳаллиро ба роҳбарон ва мутахассисони салоҳиятноки дорои омодагии касбӣ қонеъ гардонад.

Ҳамаи ин асноди меъёрӣ –ҳуқуқии қабулшуда , аз он шаҳодат медиҳад, ки татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» самаранок ба роҳ монда шудааст.

**Адабиёт:**


1. Ҷавонон-созандагони фардои ҷомеа.- Душанбе, 2008.
2. Государственная служба. Под ред. Оболонский А. В.- М., 1999.
3. Старилов Ю. Н. Государственная служба в Российской Федерации.- Воронеж, 1996.
4. Лазарев Б. М. Государственная служба.- М. 1993.
5. Ғуломов С. Х. Хизмати давлатӣ бояд чи гунна бошад. //Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2007- №3.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». – Душанбе, 2008.
7. Каримов К. М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикстон.- Душанбе. 2006.
8. Разоқов Б. Ҳ. Масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии такмили идораи маҳаллӣ. Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат:Маводи Конфронси 2 Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ.- Душанбе ,2011.
9. Конститутсия (Сарқонуни ) Ҷумҳурии Тоҷикистон .- Душанбе, 2003.
10. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ». //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 339; соли 2006, №11, мод. 472; соли 2009, №12.

**Саидолимов Ғ. К.**

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ КЛАСТЕРИЗАЦИИ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ИНДУСТРИАЛЬНО-АГРАРНОЙ МОДЕЛИ ЭКОНОМИКИ

В статье авторами рассматривается роль кластеров в реализации стратегии ускоренной индустриализации в Республике Таджикистан. Как отмечают авторы, экономика республики обладая характер аграрно-индустриальной экономики во многом теряет выгоды в международном торговли из-за недостаточного уровня создания добавочной стоимости в стране. При этом формирования и развития аграрных кластеров может стать импульсов в переходе экономики республики к индустриально-аграрной модели развития.

В статье предложена модель эффективного кластера, которого следует создать в Республике Таджикистан, суть которого заключается в повышение общей наивысшей выгоды между её участниками. Также авторами обосновано адекватный к условиям Республики Таджикистан, модель кластеризации в аграрном секторе. По мнению авторов, причиной выбора аграрного сектора как ключевым в рамках данного исследования заключается в двух основаниях. Во-первых, в создание ВВП страны доля этой отрасли остается достаточно великим и промышленно ориентированность также должно сопровождаться с таким реалией. Соответственно, это приводит к развитию экспортоориентирванной модели экономики. Во-вторых, процесс индустриализации должно начинатся с повышением уровня интенсификации данной отрасли, так как без этого процесса создание массового производства в республике невозможно. Кластеры в этом процессе решают проблемы инвестирования интенсификации и технической модернизации сельского хозяйства и приводит к активному участию данной отрасли в создание добавочной стоимости в экономике.

**Ключевые слова:** институты, аграрный сектор, кластер, индустриализация, индустриально-аграрная экономики

**Сайдолимов Г. К.**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ КЛАСТЕРИКУНОНӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА МОДЕЛИ ИНДУСТРИАЛИЮ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола аз ҷониби муаллифон нақши кластерҳо дар тадбиқи хадафи стратегии саноатикунонии босурат дар Ҷумҳурии тоҷикистон дида баромада мешавад. Тавре, ки муаллифон қайд менамоянд, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтани арзиши изофа дар савдои байналмиллалӣ бештар аз сабаби доштани хусусияти аграрӣ манфиатҳои назаррасро аз даст медиҳад. Дар ин ҷо ташаккул ва рушди кластерҳо ҳамчун қувваи таъминкунандаи гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели саноатию аграрӣ баромад мекунанд.

Дар мақола модели кластери самаранок пешниҳод карда мешавад, ки моҳияти он дар афзоиши ҳавасмандии тамоми иштирокчиёни кластер инъикос мегардад. Инчунин механизми мутобиқи кластер дар сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Мувофиқи ақидаи муаллифон сабаби интихоби сектори аграрӣ ҳамчун соҳаи асосӣ дар тадқиқоти мазкур дар ду асос дарҷ мегардад. Якум, дар ташаккули ММД мамлакат саҳми ин соҳа назаррас мебошад ва аз ҳамин лиҳоз самтгирии саноат низ бо чунин воқеъият мувофиқ бошад. Мувофиқан чунин самтгирӣ ташаккули модели содиротравонашудаи иқтисодиётро таъмин менамояд. Дуюм, ҷараёни саноатикунонӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи интенсификатсияи сектори аграрӣ оғоз хоҳад ёфт, зеро бе ин омил ташкили истеҳсолоти бузурги саноатиро дар мамлакат ғайриимкон мебошад. Дар ин ҷо кластерҳо муаммои сармоягузории ҷараёни интенсификатсия ва азнавсозии техникии соҳаи кишоварзиро ҳаллу фасл намуда, барои афзоиши саҳми ин соҳаро дар сохтани арзиши изофа таъмин менамоянд.

